**ISSN 2307 – 5198**

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ**
**ЮРИДИЧЕСКИЙ ФАКУЛЬТЕТ**

# ҲАЁТИ ҲУҚУҚӢ

# ПРАВОВАЯ ЖИЗНЬ

**Апрел – июн 2024, № 2 (46)**
**Апрель – июнь 2024, № 2 (46)**

**Маҷаллаи илмӣ – иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» («Правовая жизнь») соли 2013 таъсис додашуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳодатномаи №312/МЧ – 97 аз 27 – уми ноябри соли 2023) ва Маркази байналмилалии ISSN (ISSN 2307 – 5198) ба қайд гирифта шудааст.**

**Маҷалла ба Шохиси илмии тақризшавандаи Россия аъзо буда, ба Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Россия ва ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.**

**Научно – информационный журнал «Правовая жизнь» (Ҳаёти ҳуқуқӣ) создан в 2013 г. и перерегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан (свидетельство №312/МЧ – 97 от 27.11.2023г.) и Международным центром ISSN (ISSN 2307 – 5198).**

**Журнал аккредитован в Российском индексе научного цитирования, включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей ате –стационной комиссии при Министерстве науки и высшего образования РФ и Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.**

**Душанбе – 2024**

**Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ**
**Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет**
**Сармуҳаррир: Ш. К. Ғаюрзода — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**
**Главный редактор: Ш. К. Гаюрзода — доктор юридических наук, профессор**

**Ҳайати таҳририя:**

**Маҳмудзода М.А. — академики АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;**
**Насриддинзода Э.С. — узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;**
**Иброҳимов С. И. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;**
**Гадоев Б. С. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;**
**Ғафурзода А. Д. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;**
**Диноршоҳ А.М. — котиби масъул, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;**
**Малко А .В. — доктори илмҳои ҳуқуқши-носӣ, профессор (Россия);**
**Муртазозода Ҷ.С. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**
**Шарофзода Р.Ш. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;**
**Маҷидзода Ҷ. З. — муовини сармуҳаррир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;**
**Мирзамонзода Х. М. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.**

**Редакционная коллегия:**

**Махмудзода М.А. — академик НАНТ, доктор юридических наук, профессор;**
**Насриддинзода Э. С. — член-корреспондент НАНТ, доктор юридических наук, профессор;**
**Иброхимов С. И. — доктор юридических наук, профессор;**
**Гадоев Б. С. — доктор юридических наук, профессор;**
**Гафурзода А. Д. — доктор юридических наук, профессор;**
**Диноршох А.М. — ответственный секретарь, доктор юридических наук, профессор;**
**Малько А.В. — доктор юридических наук, профессор (Россия);**
**Муртазозода Дж.С. — доктор юридических наук, профессор;**
**Шарофзода Р.Ш. — доктор юридических наук, профессор;**
**Маджидзода Дж. З. — зам. главного редактора, доктор юридических наук, профессор;**
**Мирзамонзода Х. М. — доктор юридических наук, профессор.**

Шохиси обунавии маҷалла: **77735**
Подписной индекс журнала: **77735**

Маҷалла дар се моҳ як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ чоп мегардад
Журнал выходит один раз в три месяца на русском и таджикском языках

**Нишонии маҷалла:** 734025, ҶумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
**Адрес редакции:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
Телефон ва дигар воситаҳои алоқа: (+992 37) 2 21 77 11, www. law. tnu. tj, www.pravovayazhizn.tj
Телефоны и иные средства связи: (+992 37) 2 21 77 11, www. law. tnu.tj, www.pravovayazhizn.tj

**©Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022 © Ҳайати муаллифон, 2022**
**©Таджикский национальный университет, 2022 © Коллектив авторов, 2022**

# МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

## I.ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ (ИХТИСОС: 5. 1. 1)
## I. ТЕОРЕТИКО – ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 1)

**Насриддинзода Э. С. Раванди оби Душанбе – василаи муҳимми густариши ҳамкории ҷомеаи ҷаҳон..........................................................5**
**Буризода Э. Б. Баъзе масоили методологии омузиши фарҳанги ҳуқуқии ориёӣ………………………………………………………………........ 22**

## II. ИЛМҲОИ ОММАВӢ – ҲУҚУҚӢ (ДАВЛАТӢ – ҲУҚУҚӢ) (ИХТИСОС: 5. 1. 2)
## II. ПУБЛИЧНО – ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО – ПРАВОВЫЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 2)

**Бобоев Ф.А., Муродзода У.У. Конституционно-правовые основы обеспечения информационной безопасности (на примере Республики Таджикистан)…………............................................................................................ 33**
**Хаитов С. П. Административные принуждения за налоговые правонарушения…………………………………………….............41**
**Соибов З.М. Баъзе аз масъалаҳои интизом дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ.........................................................................................53**
**Қурбонова М.С. Принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..............................................................61**

## III. ИЛМҲОИ ХУСУСӢ – ҲУҚУҚӢ (МАДАНӢ) (ИХТИСОС: 5. 1. 3)
## III. ЧАСТНО – ПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 3)

**Рахимзода М. З. Роль профессора Виктора Аркадьевича Ойгензихта в разви-тие цивилистической науки……………………...........…………74**
**Мирзозода П.З., Каримов Х.С. Омилҳои молу мулкию ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ..........................................................81**
**Бобоев Дж. К. Некоторые вопросы возмещения правомерного вреда в обязательстве …………………………………………………......91**
**Саидов Ҳ. М. Танзими «объекти об» ва «фонди об»: баъзе масъалаҳои ҳуқуқӣ ..........................................................................101**

**Муминзода О.С., Саидов Ш.У. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои суғурташаванда ҳамчун тарафи шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ....................................................108**
**Шерзода Б.С. Ҳуқуқи ҳамсоягӣ ҳамчун ҳадди амалисозии ҳуқуқҳои ашёӣ ба молу мулки ғайриманқул.........................................................117**
**Астапова Ш.Р. Некоторые вопросы исключительных прав……………...131**
**Асомуддинов Б. Б. Соотношения договора коммерческой концессии с договором франчайзинга, лицензионным договором и договором о возмездном оказании услуг: некоторые вопросы договорного регулирования…137**

## IV. ТАҚРИЗҲОИ ВОРИДШУДА

## IV. ПОСТУПИВЩИЕ ОТЗЫВЫ

**Зоиров Дж. М. (Зоир Дж. М.), Холикзода А. Г, Советов Д. И. Сущность свободы в философии права. Размышления в связи с выходом в свет монографии С.И. Захарцева, Д.В. Масленникова, В.П. Сальникова. Логос права: Парменид – Гегель – Достоевский. К вопросу о спекулятивно-логических основаниях метафизики права: монография – Москва: Норма, 2024. – 376 с.......................................................................................144**

## V. ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

## V. ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

# I.ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ (ИХТИСОС: 5. 1. 1)
# I. ТЕОРЕТИКО – ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 1)

**ВБД: 347. 4 (575. 3)**
**Насриддинзода Э. С.***

## РАВАНДИ ОБИ ДУШАНБЕ – ВАСИЛАИ МУҲИММИ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИИ ҶОМЕАИ ҶАҲОН

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Пешвои миллат, ҷомеаи ҷаҳон, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, ташаббусҳо, СММ, сиёсати муваффақ, масоили об, ҳамгирой, мушкилот, қонунгузорӣ, танзим, Душанбе, уҳдадорӣ, иштирокдорон, ҳуқуқ, талабот, иҷро, экология, дипломатияи об, эътироф, ҳамкорӣ.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Лидер нации, мировое сообщество, международные отношения, внешняя политика, инициативы, ООН, внешняя политика, водные вопросы, интеграция, проблемы, законодательство, регулирование, Душанбе, обязательство, участники, права, требование, исполнение, экология, водная дипломатия, признание, сотрудничество.

**Keywords:** Tajikistan, Leader of the Nation, world community, international relations, foreign policy, initiatives, UN, foreign policy, water issues, integration, problems, legislation, regulation, Dushanbe, obligation, participants, rights, requirement, enforcement, ecology, water diplomacy, recognition, cooperation.

## ҲИФЗИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ВА МУҲИММИЯТИ ОН БАРОИ ҶОМЕАИ ҶАҲОН

Суръати ҳаводис ва падидаҳои ҷаҳонишавӣ ба рамз ҷараёни пуршиддат, пурталотум ва хурушони рӯдҳои кӯҳистонро мемонад, ки барои инсоният ҳам судҳо фаровон дорад ва ҳам зиён. Воқеият аст, ки дар чанд даҳсолаи охир ҷомеаи инсонӣ ба проблемаҳое мувоҷеҳ шуд, ки онҳо рӯ ба афзоиш доранд. Муҳимтарини он ҳифзи муҳити зисти солим мебошад, ки тамоми ҳаёти ҷомеаи муосир ба он бастагӣ ва бештар аз он

*Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

бақои наслҳоиояндаро муқаррар хоҳад кард. Манзур, замони нав бо кулвори мушкилоташ муносибати боандеша ва бохирадонаро дар ҳалли сарнавишти инсон тақозо мекунад. Хосса дар маркази мушкилоти сарбастаи экологӣ дастрасӣ ба оби ошомиданӣ ва дар маҷмуъ ҳифзи захираҳои об муҳим ба шумор меравад. Ташаббусҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон б*о дарназардошти* муҳиммияти *масоил, яъне* тағйирёбии иқлим, норасоии оби нӯшокӣ, обшавии пиряххо ва таъмини амнияти экологии инсоният рӯйи кор омаданд.

Воқеист, ки ташаббусҳои бунёдӣ ва хирадмандонаи Сарвари давлат бо анъана ва донишҳои азалии ниёгон дар пайвандӣ буда, ҷомеаи кунуниро барои шинохти воқеии табиат, ҳифзи он барои эмин доштани инсони ояндасоз раҳнамун мекунад. Чуноне гавҳари ҷашнвораҳои мардуми тоҷикро чор унсури табиӣ ташкил медиҳанд, ки оби пок дар миён ҷойгоҳи хосса дорад.

Аз дидгоҳи Роҳбари давлат масъалаи об фаротар аз як масъалаи иҷтимоӣ мебошад. Яъне об ба олами сиёсат ворид шуда, ҳалли масъалаҳои мубрами сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ ва ҳуқуқии минтақа ва ҷаҳон ба он вобаста аст. Дар ин самт, Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) аз минбарҳои бонуфузи созмонҳои байналмилалӣ пешниҳодҳои мушаххас, созанда ва дурнамосозро ба миён гузошт, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун ташаббусҳои ҳаётан муҳим ҷонибдорӣ ва пазируфта шуданд.

Дар паёму суханрониҳои пайвастаи сатҳи минтақавию байналмилалӣ Президенти мамлакат, ки як навъ ҳушёрдеҳ низ ҳастанд, дар баробари дигар масъалаҳои доғ хатарҳои экологӣ мақоми муҳим доранд. Аз ҷумла таъкиди Пешвои муаззами миллат дар хусуси: "Ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк мекунад, ки коҳиш ва харобшавии минбаъдаи захираҳои обҳои ошомиданӣ дар сайёра метавонад аҳли башарро ба фалокатҳои зиёди ҷонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дучор намояд. Аз ин лиҳоз, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим меояд, ки барои ҳалли ин масоили экологӣ ҳарчи зудтар чораҳои зарурии муштаракро таҳия ва татбиқ намояд,"[1] ҳамовозии давлатҳо ва созмонҳои байналмилалиро ба вуҷуд овард.

Дар ин раванд, баргузории Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028" дар пасманзари раванди оби Душанбе гувоҳи натиҷаҳои мантиқии пешоҳангии ҶТ вобаста ба ҳалли масъалаҳои об дар сатҳи

[1]Ниг.: Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар чорабинии канорији корӣ "Об моро муттаҳид месозад" // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/30255 (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

байналмилалӣ ва татбиқи бонизоми сиёсати хориҷии мамлакат мебошанд.

Дар конфронси мазкур Сарвари давлат аз натиҷаи ташаббусҳо ва дастгириҳо изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид доштанд, ки: “...Ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон, бахусус дар доираи “Раванди оби Душанбе” дар давоми ду даҳсола кишварҳои аъзои Созмони Милал ва ниҳодҳои он, сохторҳои байналмилаливу минтақавӣ ва молиявӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро ҷиҳати муҳокимаи мушкилоти глобалии об ва дарёфти роҳҳои ҳаллу фасли он муттаҳид месозанд.

Моҳи марти соли 2023 ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳиди баргузории Конфронси таърихии Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд - СММ) оид ба об бо ҳамраисии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Нидерланд гардид, ки он дар рӯзномаи ҷаҳонии об саҳифаи навро боз кард. Конфронси мазкур барои дарки моҳият ва муҳиммияти об дар рушди устувор ва зарурати амалҳои муассиру таъхирнопазир дар ин соҳаи ҳаётан муҳим таҳаввулоти ҷиддиро ба бор овард.”[1]

Ба андешаи Пешвои муаззами миллат ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари авзоро хуб дарк мекунад, бинобар ин, лозим меояд, ки барои ҳалли масоили экологӣ ҳарчи зудтар чораҳои зарурии муштаракро таҳия ва татбиқ намояд. Яъне дар ин самт саҳлангорӣ ба манфиати кор нахоҳад буд.

Дар ин раванд, Президенти маҳбуби кишвар пешниҳоди мушаххасро - ба тариқи густурда ҳамоҳанг сохтани сиёсати кишварҳои минтақа ва ҷаҳонро дар ҳалли истифода ва ҳифзи захираҳои об барои мавҷудияти бардавоми насли инсоният, дар сатҳи ҷаҳонӣ ба миён гузоштанд. Дар ин замина, об ба яке аз омилҳои муҳимми ҳамкорӣ ва кафили сулҳ табдил ёфт. Ин тамоилро ҳамоиш ва баҳам омадани намояндагони кишварҳои гуногуни ҷаҳон дар форумҳои сатҳи байналмилалии об собит менамояд.

Ва ин қабил иқдом на бори нахусту соли аввал аст. Ташаббуси нахустини ҶТ оид ба эълон намудани соли 2003 – Соли оби тоза аз ҷониби 148 кишвари ҷаҳон ҷонибдории комил ёфта, онҳоро атрофи муҳокимаи як масъалаи пураҳаммият гирди ҳам овард. Танҳо дар Форуми байналмилалии оби тоза соли 2003 дар шаҳри Душанбе намояндагони 53 кишвар, 91 созмони байналмилаливу сохторҳои

---

[1]Ниг.: Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/33617 (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

марбута, намояндагони барҷастаи доираҳои илмӣ, коршиносони ҳамаи қитъаҳои ҷаҳон, намояндагони 40 созмони ғайридавлатӣ, муассисаву марказҳои илмӣ ва олимони машҳури ҷаҳон ширкат варзиданд.

Чунин маълумоти оморӣ, агар аз як ҷониб муҳим будани ҳалли масъалаи обро барои тамоми қишрҳои ҷомеаи ҷаҳон нишон диҳад, аз ҷониби дигар хусусияти муттаҳидкунӣ доштани ташаббуси Пешвои муаззами миллатро дар масъалаи об нишон медиҳад. Дар доираи форуми мазкур 18 чорабинии махсус баргузор гардида, мушкилоти марбут ба об дар миёни ҳукуматҳо ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, олимон ва коршиносони шинохта мавриди баррасии густурда қарор гирифтанд.

Дар баробари он хусусияти созандагӣ доштан об манбаи муноқишаҳо низ мегардад. Чуноне Сарвари давлат иброз доштанд, мушкилоте, ки дар масъалаи тақсимоти захираҳои об дар байни давлатҳои олам вуҷуд дорад, дар баъзе мавридҳо таҳдид ба сар задани муноқиша, моҷароҳои сиёсӣ ва таззодҳои манфиро дорад.

Дар миён омилҳои табиӣ низ сабаб мешаванд, вале омилҳои огоҳона ва беадолатонаи таърихӣ – сиёсиро низ набояд фаромӯш кард. Дар миқёси ҷаҳон беш аз 240 дарёи байнидавлатӣ мавҷуданд, ки беш аз 170 мамлакати гуногуни дунё аз онҳо истифода менамоянд ва ин раванд, ҳалли мусолиҳатомез ва дурнамосозро тақозо дорад.

Дар ин радиф, яке аз равандҳои муҳим ва меҳварии иқдомоти байналмилалии Пешвои миллатро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамоҳангсозии боҳушона ва густурдаи сиёсати кишварҳои минтақа ва ҷаҳон дар самти истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об барои мавҷудияти бардавоми насли инсоният ташкил медиҳад.

Тибқи мулоҳизаҳои Сарвари давлат муҳиммияти истифода ва ҳифзи захираҳои об барои аз хатар эмин доштани аҳолии ҷаҳон амалҳои ҷиддиро талаб мекунад. Раванди ба маротиб афзоиш ёфтани аҳолии сайёра мушкилоту масъалаҳои экологии ҷаҳонро боз ҳам душвор ва печидатар мегардонад. Дар асоси оморҳои расмӣ шумораи аҳолии сайёра ба 8 миллиард нафар баробар гардидааст. Нишондиҳандаҳои оморӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар дусад соли охир шумораи аҳолии кураи Замин 8 маротиба афзоиш ёфтааст. Яъне ин раванд аз пиндори мо бештар бошиддату бо суръат ҷараён мегирад.

Дар ҳоле, ки дар ибтидои асри XX аҳолии кураи Замин ҳамагӣ 1,5 миллиард нафарро ташкил мекард, дар аввали асри XXI бошад аҳолии дунё ба 6 миллиард нафар расид ва ин шумора дар соли 2011 ба 7 миллиард нафар баробар шуд. Яъне дар байни 11 сол аҳолии сайёра як миллиард нафар зиёд гардид. Ба ҳисоби СММ бошад, шумораи аҳолии Замин то соли 2030 ба 8,6 миллиард, то соли 2037 ба 9 миллиард, то соли 2050 ба 9,5 миллиард ва соли 2058 ба 10 миллиард нафар баробар хоҳад шуд.

Бо дарназардошти чунин раванди босуръат зарурати воқеии ҳамкориҳои давлатҳо, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ва аҳолии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҷодаи корҳои ташкилӣ, молиявию сармоягузорӣ, технологию мушоҳидавӣ, илмӣ ва пешгирию бартарафсозандаро ба роҳ монда, бояд амалӣ гардонида шаванд. Чунин сиёсат метавонад боиси рӯ ба беҳбудӣ ниҳодани вазъи кунунии захираҳои обӣ дар минтақа гардида, барои нигоҳдории босамари онҳо имкониятҳои нав ба нав тавлид ёбанд.

## НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БАРГУЗОРИИ РАВАНДИ ОБИ ДУШАНБЕ ВА ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ УМУМИҶАҲОНИИ ОБ

Ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳид аст, ки дар натиҷаи талошҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои вобаста ба об дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд мақоми хосса пайдо намуда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуда, мавриди баррасии дақиқ қарор дода шуда, аксари ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба ҳалли ин масъалаҳо дастгирии ҳамаҷониба ёфтаанд.

Ин равандро метавон такомули маърифати сиёсӣ ва равнақи дипломатияи муваффақона унвон дод. Зеро ҶТ барои кушодани роҳ ба сӯи ояндаи дурахшон ва нақш гузоштан дар ҳалли проблемаҳои муҳимми ҷаҳонӣ дар таҳияи сиёсати хориҷӣ дипломатияи обро роҳандозӣ намуд. Барои тарҳрезии ин сиёсат Сарвари давлат корҳои муҳиммеро сомон дод, ки дар баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ ниҳоят бузургу саривақтӣ маҳсуб меёбанд.

Агар ба заминаҳои таърихӣ-бунёдии нақш ва мавқеи Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти обии минтақа ва ҷаҳон таваҷҷӯҳ намоем, он аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ ва равобити мустақими байналмилалӣ бо дигар кишварҳо ба созмонҳои умумиҷаҳонӣ сарманшаъ мегирад.

Воқеан, неруҳои солими ҷомеаи ҷаҳонӣ ба жарфнои ташаббусҳои Президенти дар ҳалли масоили об ва истифодаи он ворид шуданд ва онро муҳим ва саривақтӣ пазируфтанд. Чуноне, тибқи маълумоти созмонҳои минтақавию байналмилалӣ зиёда аз 750 миллион нафар ба оби нӯшокии безарар дастрасӣ надошта, интизор меравад, ки бо дарназардошти афзоиши тадриҷии аҳолӣ то соли 2030 қариб 40 дарсади аҳолии ҷаҳон ба мушкилоти норасоии об дучор гарданд.

Дар ҳамин замина сиёсати инсонпарварона ва ташаббусҳои созандаи бевоситаи Пешвои муаззами миллат дар ҷодаи ҳифзи захираҳои обии ҷаҳонӣ дар марҳилаҳои зайл мушоҳида мешавад:[1]

- пешниҳоди Президенти ҶТ дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ (МУ СММ, 1-уми октябри соли 1999) - эълон намудани соли 2003 - Соли оби тоза. Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии СММ соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд. 29 август - 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид;

- пешниҳоди Президенти ҶТ оид ба эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт". 23 декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" эълон кард;

- ташаббуси эълон намудани соли 2013 ҳамчун соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об. Соли 2013 ҷомеаи байналмилалӣ, дар асоси Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ 67/204, ки муаллифи он ҶТ аст, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи обро қайд намуд. Маросими оғози Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар қароргоҳи ЮНЕСКО-шаҳри Париж 11-уми феврали соли 2013 баргузор гардид.

- пешниҳоди Президенти ҶТ оид ба эълон намудани солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор". 21-уми декабри соли 2016 Маҷмаи Умумии СММ Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2018-2028-ро Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" эълон кард. Қобили зикр аст, ки ташаббуси мазкур бори аввал аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 12-уми апрели соли 2015 зимни баргузории Форуми ҷаҳонии об дар шаҳри Тегуи Ҷумҳурии Корея ироа гардида буд.

Бо ташаббуси бевоситаи Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2003 то соли 2010 дар шаҳри Душанбе як қатор чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои гуногуни об гузаронида шуд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд:

- Форуми байналмилалии оби тоза (29-уми август – 1-уми сентябри соли 2003);

---

[1]См.: Насриддинзода Э.С. Раёсати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар конфронси оби СММ-2023. Масъалаҳои истифода ва ҳифзи манбаъҳои обӣ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ мубрамияти баланд доранд // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2023/04/ (санаи мурочиат: 20.06.2024).

- Конфронси байналмилалӣ доир ба ҳамкориҳои минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои байнисарҳадӣ (30-юми май – 1-уми июни соли 2005);

- Конфронси байналмилалӣ доир ба коҳиш додани офатҳои табиии марбут ба об (27-29-уми июни соли 2008);

- Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба баррасии фарогири миёнамӯҳлати рафти татбиқи Даҳсолаи байналмилалии "Об барои ҳаёт", солҳои 2005 – 2015 (8-10-уми июни соли 2010).

Бояд қайд намуд, ки ҷонибдорӣ ёфтани 4 ташаббуси глобалии экологии Тоҷикистон вобаста ба ҳалли масъалаи об дар сатҳи ҷаҳонӣ, аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи об дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Дар ин масир, Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти умдаи ҷаҳон ва минтақа, аз ҷумла, дар масъалаҳои вобаста ба об ва тағйирёбии иқлим, мубориза бо терроризму ифротгарой, қочоқи маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ саҳми арзишманд дорад. Махсусан, силсилаи ташаббусҳои Тоҷикистон дар бобати ҳалли мушкилоти об дар ҷаҳон, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун "Раванди оби Душанбе" пазируфта шудааст, мамлакати моро дар арсаи ҷаҳонӣ ба таври хос муаррифӣ кард. Ҳоло иқдоми чоруми Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" барои солҳои 2018-2028 дар сатҳи милливу минтақавӣ ва ҷаҳонӣ амалӣ гардида истодааст.

Проблемаи тағйирёбии глобалии иқлим ва зарурати талошҳои муштарак барои рафъи оқибатҳои он ҳамчун мушкилоти ҷиддии замони муосир мавриди таваҷҷуҳи дурандешонаи Президенти маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Мояи ифтихор аст, ки панҷумин ибтикори ҷаҳонии давлати мо оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар миқёси сайёра амалӣ ва дар иҷрои он ҷомеаи ҷаҳонӣ масъулияти созандаеро баҳри ояндаи босуботи инсоният ба уҳда гирифтааст.

Дар ин замина, 11-уми июни соли равон дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» баргузор гардид. Дар ҷараёни ин чорабинӣ зиёда аз ду ҳазор нафар аз ҳайатҳои расмии беш аз 100 давлати аъзои СММ, роҳбарону коршиносон ва таҳлилгарони масоили обу иқлим аз 62 ташкилоту созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ширкат намуданд.

Бо вуҷуди тадбирҳои судманди ҷомеаи ҷаҳонӣ Президенти маҳбуби мамлакат иброз намуданд, ки: "Амалу иқдомҳои имрӯзаи мо барои расидан ба ҳадафҳои дар ин самт муайянгардида ҳоло ҳам кофӣ нестанд, зеро хавфу таҳдидҳои муосир нисбатан босуръат ва пуртаъсир гардидаанд. Тайи панҷ соли охир мо пайваста шоҳиди солу моҳҳои гармтарин дар сайёра дар тамоми давраи мушоҳидаҳо гардидаем. Тибқи гузориши коршиносон, соли 2023 низ ҳамчун соли гармтарин

сабт шудааст. Эҳтимоли қавӣ вуҷуд дорад, ки ин ниҳояти кор нест ва дар чанд соли оянда мо боз шоҳиди дигар рақамҳои рекордӣ хоҳем шуд».

Мушкилот ва ҳаводиси зиёну осеб барои Тоҷикистон низ ноошно нест. Яъне Тоҷикистон низ ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ дар муҳиммияту рӯзмара будани масъалаҳои вобаста ба об манфиатдор аст. Вобаста ба ин, Пешвои миллат ба маврид қайд намуданд, ки «ҳиссаи ҳодисаҳои фавқулодаи марбут ба об дар шумораи умумии офатҳои табиӣ ва ҳаҷми хисорот аз онҳо низ сол ба сол рӯ ба афзоиш дорад. Дар давоми 20 соли охир ин ҳисса аз 80 ба 90 фоиз расида, ҳаҷми зарар бамаротиб зиёд шудааст. Мисоли возеҳи ин гуфтаҳо селу обхезиҳои соли равон дар минтақаҳои гуногуни олам, аз ҷумла, дар Тоҷикистон мебошад, ки ба иқтисоди кишварҳо садҳо миллион доллар зарари молиявӣ расониданд.

Агар чанд сол пеш мо дар бораи чор баробар зиёд кардани талошҳо барои ноил гардидан ба Ҳадафи 6-уми рушди устувор сухан меронем, имрӯз, тибқи иттилои ниҳоди “Созмони Милал – Захираҳои об” моро лозим аст, ки амалҳои худро бояд шаш баробар зиёд намоем, то ба ин ҳадаф бирасем.Дар ин замина, моро зарур аст, ки дар баробари иҷрои уҳдадориҳои дар доираи Конфронси оби Созмони Милал гирифтаамон, барои амалу иқдомҳои наву таъсирбахш кӯшиш кунем».

Дилпуркунанда аст, ки яке аз ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»-ро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «эҷоди майдони васеъ барои густариши таҷрибаи андӯхта ва ҳамкориҳо дар соҳаи об» шумурданд.

Ин майдон дар сурати афзоиши аҳолӣ, биёбоншавӣ, хушксолӣ, тағйирёбии иқлим, таъмини дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ хеле паҳновар мебошад. Бар асари тағйирёбии иқлим дар давраи зикршуда аллакай зиёда аз 50 дарсади аҳолии ҷаҳон бо мушкилии норасоии об рӯ ба рӯ мегарданд. Илова бар ин, раванди биёбоншавӣ, афзудани офатҳои табиии вобаста ба об ва ғайраҳо, ки ба захираҳои обӣ ва сифати он таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ татбиқи чораҳои фавриро талаб мекунанд.

Мусаллам аст, ки дар ҳамкорӣ ва ҳалли ин масъалаҳо Тоҷикистон нақши калидӣ хоҳад дошт. Тибқи маълумоти мутахассисон кишвари мо аз рӯйи бузургии ҳаҷми захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон мақоми 8-ум ва аз рӯйи ҳаҷми қиёсии захираҳо (ба ҳар сари аҳолӣ ва ба ҳар 1 км. ҳудуд), мутаносибан, ҷойҳои аввалу дуввумро ишғол менамояд. Дар ҶТ беш аз 25 ҳазор дарё ва дарёчаҳо, зиёда аз 10 000 пирях ва кӯлҳо мавҷуданд, ки дар онҳо 20 км$^3$ обҳои нӯшокӣ захира шудаанд. Бо ҳамин нишондод ҶТ бо як қатор ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонӣ аз ҷониби давлатҳо мавриди эътироф қарор гирифтааст.

Чуноне ишора шуд, дастовардҳои беназири ҶТ дар ҳалли мушкилоти об ё худ “дипломатияи об” бешубҳа аз сиёсати дурбинона ва

хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар сарчашма мегирад, ки Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли мушкилоти обу экология дар сатҳи глобалӣ муаррифӣ намудааст. Яке бар дигар зам масъалаи "Наҷоти баҳри Арал аст", ки баҳри рафъи ин мушкилоти аср кишвари мо саҳми арзанда мегузорад.

Зимни мулоҳизоти зикршуда, барои расидан ба ҳадафҳои меҳварии сиёсати давлативу умумибашарӣ оид ба ҳифзи захираҳои обӣ тамоми давлатҳо, созмонҳои байналмилалиро мебояд новобаста аз эҳтиёҷоташон ташаббускорӣ ва ҳамбастагию иттиҳодро тақвият бахшанд. Истифодаи беҳтар ва оқилонаи захираи обҳои фаромарзӣ ба ҳамкории зичи кишварҳои ҳаммарз вобастагӣ дорад.

## АҲАММИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР ПАСМАНЗАРИ ҲАМОИШҲОИ РАВАНДИ ОБИ ДУШАНБЕ

Тағйирёбии сартосарии иқлим дар сайёра, сол то сол гармшавии ҳаво мушкилоти ҷиддии экологиро ба бор меорад, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиши ҷиддӣ рӯ ба рӯ кардааст. Оқибати ин тағйирёбӣ ба захираҳои обии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон низ муасир буда, аллакай аз худ дарак дода истодааст.

Об дар Осиёи Марказӣ дар баробари неъмати бебаҳои истеъмолӣ будан, муҳимтарин унсури миллӣ ва ҳифзи амниятии минтақа аст. Об унсури ҳаётан муҳимест, ки дар хоҷагии халқ бо мақсади обёрии замин, таъмини эҳтиёҷот ба хӯрока ва тавлиди энергия истифода бурда мешавад. Ҳоло муайян шудааст, ки зиёда аз 90 фоизи оби ҳавзаи Баҳри Арал дар обёрии кишоварзӣ сарф мегардад.

Баробари афзоиши аҳолӣ ва беш аз пеш расидани кишварҳои минтақа ба шукуфоии иқтисодӣ талабот ба об зиёд мешавад. Дар шаст соли охир шумораи аҳолӣ дар минтақа аз 20 миллион ба 65 миллион нафар ва талабот ба истеъмоли солонаи об аз 60 $км^3$ ба 110 $км^3$ расида, мувофиқи пешгӯиҳои илмӣ ин талабот то соли 2030 боз то 20 фоизи дигар афзоиш хоҳад ёфт. Вобаста ба тағйирёбии иқлим ва ба таври бесобиқа гарм шудани ҳавою обшавии аз меъёр зиёди пиряххо масъалаи таъминоти минтақаро бо об дар солҳои наздик боз ҳам печидатар хоҳад кард.[1]

---

[1]Ниг.: Насриддинзода Э.С. Пазируфтани ташаббусҳои Пешвои тоҷикон аз ҷониби СММ бори дигар аз нуфузи ҷаҳонии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дарак медиҳад // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https://imoge.tj/intishorot/maqolaho/paziruftani-tashabbus-oi-peshvoi-to-ikon-az-onibi-smm-bori-digar-az-nufuzi-a-onii-prezidenti-to-ikiston-emomal-ra-mon-darak-medi-ad (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

Бо вуҷуди дар саргаҳи оби ошомидани қарор доштан Ҳукумати Тоҷикистон сиёсати оқилонаю сарфакоронаро ба об ҳамчун неъмати бебаҳо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ роҳандозӣ намудааст.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои фаровони об ба ҳалли мушкилоти вобаста ба он назари нек дорад, зеро ташаббусҳои оқилонаи Роҳбари маҳбуби он пеш аз ҳама ба таҳкими ҳамкориҳо ва танзими муносибатҳо бароиояндаи дурахшони ҷомеаи инсонӣ нигаронида шудаанд. Ин дар ҳолест, ки 60 фоизи оби дарёҳои Осиёи Марказӣ, аниқтараш 64 миллиард метри мукааб об солона дар қаламрави Тоҷикистон тавлид меёбад. Манбаи оби фаровони мамлакат дар навбати аввал боришоти барфу борон дар минтақаҳои баландкӯҳ бошад, аз сӯйи дигар пиряххост, ки захираи чандсадсолаи барфро нигоҳ медоранд. Барфҳои доимӣ дар фарозҳои бузург зери таъсири вазни худ ғафс шуда, тадриҷан ба яхи фирновии (куҳнаи) донакдор ва пас аз гузашти муддате боз ҳам ғафстар гардида, ба яхи шаффофи пурҷило табдил меёбанд. Қариб нисфи ҳамаи қитъаҳои пиряхии Осиёи Миёна дар ҳудуди Тоҷикистон дар баландии баштар аз 3500-5300 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гардидаанд.

Дар бастагӣ бо ҳамин масъала, Сарвари давлат дар Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” чунин ибрози андеша намуданд: “Тоҷикистон, бо вуҷуди он ки дорои захираҳои фаровони оби тоза, аз ҷумла пиряххо, кӯлҳо ва дарёҳост, ба мушкилиҳои марбут ба об таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Аз ин лиҳоз, мавзӯи захираҳои об, истифодаи оқилона ва устувори онҳо яке аз авлавиятҳои сиёсати давлати мо муайян гардидааст”.

Аҳаммияти байналмилалии ҳифзи захираҳои обӣ дар пасманзари ҳамоишҳои густурдаи раванди оби Душанбе бозгӯи он аст, ки “Раванди оби Душанбе” ҳамчун майдони муколамаи васеъ ва озоди ҷонибҳои гуногуни манфиатдор барои омодагии ҳамаҷониба ба баргузории Конфронси оби Созмони Милал дар соли 2028 дар Душанбе нақши муҳим хоҳад бозид. Имкониятҳои ин платформа, ҳамчунин, барои омодагӣ ба Конфронси оби Созмони Милал дар соли 2026 метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Ба таъкиди Пешвои муаззами миллат: “Мо набояд фаромуш кунем, ки об сарчашмаи ҳаёт аст ва бе он зиндагӣ вуҷуд надорад. Об - ҳаёти инсон ва тамоми мавҷудоти зиндаи табиат аст. Об на танҳо захира барои нӯшидан аст, он барои тавлиди нерӯи барқ, истеҳсоли ғизо,

рушди саноат, устувории муҳити зист ва дигар ҷанбаҳои ҳаёт нақши калидӣ дорад”.

Бо дарназардошти муҳиммияти ҳамоишҳо ба бунёди азалии фарҳанги тоҷик ишора шуд, ки: «Мо кӯшиш менамоем, ки ҳар як ҳамоиши об дар Душанбе ба ҷамъомади идона табдил ёбад, чунки об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт сазовори эҳтиёт ва эҳтирому арҷгузории шоиста аст. Онро бояд оқилона ва сарфакорона истифода барем, қадр намоем ва барои наслҳои оянда ҳифз кунем.”

Дар баробари ин, бояд аз мадди назар дур насозем, ки масоили экологӣ, алалхусус таъмини ҳифзи пиряххо метавонад ба суботи экологии наслҳоиояндаи аҳолии Тоҷикистон ва ҳатто минтақа созгор бошад. Бинобар ин, бояд боз ҳам масоили робитаҳои берунӣ оид ба беҳсозии вазъи мавҷудаи захираҳои пиряххои ҳудуди мамлакат ва омӯзиш, нигаҳдорӣ ва ҳифзи онҳо ҷоннок карда шаванд.

Мутаассифона, таҳдидҳову хатарҳои муосир, сиёсати номатлуби қувваҳои ситезакор, таҳоҷуми фарҳангӣ, терроризму ифротгароӣ барои ҳалли масъалаҳои мазкур монеаи ҷиддӣ эҷод мекунанд. Дар ҳоле, ки ҷомеаи ҷаҳонро мебояд дар ин ҷодда фаъолона ва дастҷамъона амал намоянд. Хосса ба ҳифзи пиряххо, ки захираи асосии оби пок мебошанд.

Мавзуи мазкур низ аз масъалаҳои муҳимми рӯзномаи кории Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Тибқи мулоҳизоти Сарвари давлат вазъи захираҳои об дар сайёра, махсусан оби тоза зери таъсири амиқи таҳдидҳои гуногун, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ, тамоюли шаҳрнишинӣ ва саноатикунонӣ сол то сол муташанниҷ мегардад. Дар ин асно, масоили ҳифзи пиряххо бахри расидан ба мақсадҳои рушди устувор мусоидати бештар менамоянд.

Чуноне ки Пешвои миллат зикр менамоянд: “обшавии босуръати пиряххо... раванди нигаронкунанда мебошад ва мо бояд барои пешгирӣ аз он чораҳои муассир ва муштарак андешем”.

## ҚОНУНГУЗОРӢ ВА ТАҶРИБАИ МИЛЛӢ ОИД БА ҲИФЗИ ЗАХИРАҲОИ ОБ (ДАР ПАРТАВИ ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ)

Ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат оид ба истифодаи захираҳои обӣ на танҳо ба рушди иқтисодиву иҷтимоии нигаронида шудааст, балки ҷиҳати роҳандозӣ намудани ислоҳоти қонунгузории соҳаи об нақши муҳимму созада ва бунёдӣ доранд.

Зеро дар заминаи ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ислоҳоти соҳаи об, гузариш ба шаклҳои нави идоракунӣ, таъсиси институтҳои нав ва такмили қонунгузории соҳа ба миён омаданд.

Ҳамзамон, дар низоми қонунгузории ҶТ, аз ҷумла дар соҳаи об баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ пурра ислоҳоти ҳуқуқӣ гузаронида шуд. Дар баробари пешрафти соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вазъи ҷомеа низ тағйир ёфта, барои ба танзим даровардани муносибатҳои муҳимми соҳаи об зарурати қабули санадҳои нав ва ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда пеш омад.

Қонунгузории амалкунанда дар соҳаи об, аз ҷумла Кодекси оби ҶТ[1] вобаста ба гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва амалӣ намудани ислоҳоти соҳаи об, дар партави гузариш ба принсипи идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об ва ташаббусҳои байналмилалии Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон такмил дода шуд.

Айни замон заминаи мукаммали қонунгузории соҳа бодарназардошти ташаббусҳои байналмилалии Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ гардида, дар асоси роҳнамоии ин ташаббусҳо Кодекси оби ҶТ аз 2 апрели соли 2020, Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов» аз 19 июли соли 2019,[2] Қонуни ҶТ «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» аз 2 январи соли 2020[3] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои муҳимми барномавӣ, ба монандӣ «Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025» бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2015[4]; «Барномаи беҳсозии таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нушокӣ барои солҳои 2008-2020»[5] ва «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ

---

[1]Ниг.: Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1688 // [Захираи электронӣ] – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/2023/04/ (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

[2]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов» аз 19 июли соли 2019, №1633 // [Захираи электронӣ] – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/2023/04/ (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

[3]Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» аз 2 январи соли 2020, №1668 // [Захираи электронӣ] – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/2023/04/ (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

[4]Ниг.: Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №791 тасдиқ гардидааст // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20. 06. 2024).

[5]Ниг.: Барномаи беҳсозии таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нушокӣ барои солҳои 2008-2020 // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20. 06. 2024).

берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027» бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1-уми марти соли 2022,[1] таҳия, қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд.

Чунин асосҳои танзими ҳуқуқии масъалаҳои об дар сатҳи қонунгузории миллӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ идомаи мантиқии татбиқи ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли проблемаҳои умумиҷаҳонии об буда, бо мақсади роҳандозӣ гардидани Ҳадафҳои Рушди Устувор дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" мусоидат менамоянд.

Инчунин, доир ба таҷрибаи миллӣ оид ба ҳифзи захираҳои об дар партави ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат якчанд заминаҳо ва дастоварду тадбирҳои судманд дар мамлакат роҳандозӣ гардидааст. Дар ҳамин раванд, Пешвои миллат дар Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028" зикр намуданд, ки: "Мо барои ҳалли масъалаҳои об дар сатҳи милливу минтақавӣ низ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ кардаем. Аз ҷумла, барои пурра гузаштан ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об мо "Барномаи ислоҳоти соҳаи обро барои солҳои 2016-2025" амалӣ карда истодаем.

Таҳияи "Стратегияи миллии об барои давраи то соли 2040" ва "Барномаи давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов барои давраи то соли 2032", инчунин таъсиси низоми ягонаи иттилоотии соҳаи об аз иқдомҳои муҳимми кишвари мо дар ин самт маҳсуб меёбанд.

Барномаву стратегияҳои мо дар ин самт, масъалаҳои вобаста ба беҳбуди маданият ва истифодаи оқилонаву сарфакоронаи об ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави обёриро низ дар бар мегиранд. Мо талошҳои худро барои гузаштан ба "иқтисоди сабз" дучанд карда истодаем ва захираҳои об дар расидан ба ин ҳадаф нақши калидӣ доранд".

Бояд қайд намуд, ки то ин муддат зиёда аз 98 фоизи неруи барқи Тоҷикистон аз ҳисоби захираҳои гидроэнергетикии кишвар истеҳсол мешавад. Дар заминаи ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат расонидани ин нишондиҳанда то соли 2032 ба 100 фоиз, яъне тавлиди нерӯи барқ пурра аз ҳисоби захираҳои "энергетикаи сабз" ба роҳ монда мешавад.

---

[1]Ниг.: Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2022 тасдиқ гардидааст // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20. 06. 2024).

Инчунин, умед аст, ки маҳз бо ташаббусҳои Сарвари давлат ва иқдомҳои созандаи Ҳукумати ҶТ то соли 2037 Тоҷикистон ба “кишвари сабз” табдил меёбад. Дар ин замина, дар баробари истифодаи пурраи неруи таҷдидшаванда, “Барномаи кабудизоркунии табиати кишвар то соли 2040” қабул гардидаст, ки тибқи он дар ин давра дар мамлакат бояд зиёда аз ду миллиард ниҳол шинонида шавад.

Дар маҷмуъ, чунин тадбирҳои илман асоснок, дурбинонаву оқилона Пешвои маҳбуби миллат барои ҳифзи захираҳои об, истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

**Адабиёт:**


1. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Суханронӣ дар чорабинии канории корӣ “Об моро муттаҳид месозад” // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/30255 (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/33617 (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

3. Насриддинзода Э.С. Раёсати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар конфронси оби СММ-2023. Масъалаҳои истифода ва ҳифзи манбаъҳои обӣ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ мубрамияти баланд доранд // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2023/04/ (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

4. Насриддинзода Э.С. Пазируфтани ташаббусҳои Пешвои тоҷикон аз ҷониби СММ бори дигар аз нуфузи ҷаҳонии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дарак медиҳад // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https://imoge.tj/intishorot/maqolaho/paziruftani-tashabbus-oi-peshvoi-to-ikon-az-onibi-smm-bori-digar-az-nufuzi-a-onii-prezidenti-to-ikiston-emomal-ra-mon-darak-medi-ad (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

5. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1688 // [Захираи электронӣ] – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/2023/04/ (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов» аз 19 июли соли 2019, №1633 // [Захираи электронӣ] – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/2023/04/ (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ассотсиатсияи истифодабарандагони об» аз 2 январи соли 2020, №1668 // [Захираи электронӣ] – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/2023/04/ (санаи муроҷиат: 20.06.2024).

8. Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №791 тасдиқ гардидааст // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20. 06. 2024).

9. Барномаи беҳсозии таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нушокӣ барои солҳои 2008-2020 // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20. 06. 2024).

10. Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2022 тасдиқ гардидааст // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20. 06. 2024).

**Насриддинзода Э. С.**

**Фишурда**

## Раванди оби Душанбе – василаи муҳимми густариши ҳамкории ҷомеаи ҷаҳон

Дар мақолаи мазкур масоили назариявӣ ва амалии масъалаҳои раванди Оби Душанбе – василаи муҳимми густариши ҳамкории ҷомеаи ҷаҳон дар ҳошияи ташаббусҳои глобалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масоили об ҳамчун омили таъминкунанадаи ҳифзи муҳити зист дар сатҳи байналмилалӣ мавриди таҳлил ва омӯзиши илмӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф иброз медорад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳид аст, ки дар натиҷаи талошҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои вобаста ба об дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд мақоми хосса пайдо намуда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуда, мавриди баррасии дақиқ қарор дода шуда, аксари ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба ҳалли ин масъалаҳо дастгирии ҳамаҷониба ёфтаанд.

Ин равандро метавон такомули маърифати сиёсӣ ва равнақи дипломатияи муваффақона унвон дод. Зеро ҶТ барои кушодани роҳ ба сӯи ояндаи дурахшон ва нақш гузоштан дар ҳалли проблемаҳои муҳимми ҷаҳонӣ дар таҳияи сиёсати хориҷӣ дипломатияи обро роҳандозӣ намуд. Барои тарҳрезии ин сиёсат Сарвари давлат корҳои муҳиммеро сомон дод, ки дар баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ ниҳоят бузургу саривақтӣ маҳсуб мeёбанд.

Ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат фаромиллӣ буда, ба беҳбуди зиндагию рӯзгори на танҳо мардуми ҶТ, балки мардуми минтақа ва ҷаҳон нигаронида шудаанд.

**Насриддинзода Э. С.**

**Аннотация**

**Душанбинский водный процесс – важное средство расширения сотрудничества мирового сообщества**

В данной статье рассматриваются теоретические и практические вопросы Душанбинского водного процесса – важного средства расширения сотрудничества мирового сообщества в рамках глобальных инициатив уважаемого Эмомали Рахмона по водным вопросам как необеспечивающему фактору охраны окружающей среды на международном уровне.

Автор констатирует, что мировое сообщество является свидетелем того, что в результате постоянных усилий великого лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона вопросы, связанные с водой, приобрели особый статус в мировом развитии, привлекли внимание мирового сообщества и подлежат тщательному рассмотрению, а большинство международных инициатив по решению этих вопросов получили полную поддержку.

Этот процесс можно назвать улучшением политических знаний и развитием успешной дипломатии. Потому что Республика Таджикистан запустила водную дипломатию, чтобы проложить путь к светлому будущему и сыграть роль в решении важных глобальных проблем в развитии внешней политики. В целях формирования этой политики Главой государства были проведены важные работы, которые считаются чрезвычайно важными и своевременными в повышении международного авторитета Таджикистана и решении глобальных проблем.

Конструктивные инициативы Лидера Нации носят транснациональный характер и направлены на улучшение жизни и благосостояния не только народа Республики Таджикистан, но и народов региона и мира.

**Nasriddinzoda E. S.**

**The summary**

**The Dushanbe Water process is an important means of expanding cooperation among the world community**

This article examines the theoretical and practical issues of the Dushanbe Water Process - an important means of expanding cooperation of the world community within the framework of the global initiatives of the respected Emomali Rahman on water issues as a non-providing factor for environmental protection at the international level.

The author states that the world community is witnessing that as a result of the constant efforts of the great leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, issues related to water have acquired a special status in global development, attracted the attention of the world community and are subject to careful consideration, and most international initiatives received full support for resolving these issues.

This process can be called the improvement of political knowledge and the development of successful diplomacy. Because the Republic of Tajikistan launched water diplomacy to pave the way for a brighter future and play a role in solving important global problems in foreign policy development. In order to formulate this policy, the Head of State carried out important work, which is considered extremely important and timely in increasing the international authority of Tajikistan and solving global problems.

The constructive initiatives of the Leader of the Nation are transnational in nature and are aimed at improving the life and well-being of not only the people of the Republic of Tajikistan, but also the peoples of the region and the world.

**Муқарризи мақола Азиззода У. А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.**

ВБД: 347. 4 (575. 3) Буризода Э. Б.*

# БАЪЗЕ МАСОИЛИ МЕТОДОЛОГИИ ОМУЗИШИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ОРИЁӢ

**Калидвожаҳо:** фарҳанг, фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳуқуқ, меъёрҳои иҷтимоӣ, таносуби меъёрҳои иҷтимоӣ, таърихи ҳуқуқ, ҳуқуқи ориёӣ, фарҳанги ориёӣ, фарҳанги эллинӣ, методологияи омузиш, масоили методологӣ, омилҳо.

**Ключевые слова:** культура, правовая культура, право, социальные нормы, история права, арийское право, арийская культура, эллинистическая культура, методология исследования, методологические проблемы, факторы.

**Keywords:** culture, legal culture, law, social norms, history of law, Aryan law, Aryan culture, Hellenistic culture, research methodology, methodological problems, factors.

Маърифати ҳуқуқии муосир бояд аз омузиши пайдоиши ҷомеа, меъёрҳои иҷтимоӣ, ҳокимият оғоз гардад. Албатта, омузиш тибқи принсипи таърихият як қатор афзалиятҳоро барои илми муосир дорад, чунки маърифати зина ба зинаи пайдоиш ва ташаккули ҷомеа, ҳокимият ва ғайра, якбора хусусиятҳои хоси рушди падидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқиро ошкор карда метавонад.

Омузиши паҳлуҳои гуногун ва як қатор саҳифаҳои муҳими таърихи ҷомеаи ибтидоӣ ва пайдоиши ҷомеаи тоҷикон дар осори муҳаққиқони зиёд, аз ҷумла дар мақолаҳои илмии нашркардаи мо низ анҷом дода шудааст. Дар заминаи таҳқиқотҳои анҷомшуда аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки то ҳол масоили мавҷуда ба таври пурраву муфассал таҳлилу баррасӣ нашудаанд; аз ҷониби дигар, барои омузиши ин масоил пеш аз ҳама ба факту далелҳои ҳуқуқӣ, давлатшиносӣ, бостоншиносӣ, этнография, забоншиносӣ ва дигар илмҳо бояд такя намуд. Ин андеша нисбат ба тақдири ҷомеаи ориёӣ, ки тоҷикон ба ин гуруҳи забонӣ ва мардуми бостонӣ ворид ҳастанд, боз ҳам мушкилтар менамояд, чунки ҳарифони деринаи худро дар шахсияти муҳаққиқони сомитабор дорад, ки баъзан объективона, вале дар аксар маврид субъективона ҳар як андешаи пешниҳодкардаи илмиро танқиду таҳлил менамоянд ва онро аз диди на танҳо илмӣ, балки аз диди миллӣ ва динӣ баҳо медиҳанд. Инро дар мисоли ёдгориҳои Аркаим дар Федератсияи Русия дидан мумкин аст. Азбаски ин ёдгории таърихии асри биринҷ аз ҷониби кашшофони он махсусан муҳаққиқони Русия[1] ҳамчун ёдгории мардуми ориёӣ баҳо дода

---

*Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихзи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

[1]Ниг.: Зданович Г.Б., Петров Ф.Н. Аркаим: исследования прошлого в поисках будущего // Аркаим. По страницам древней истории Южного Урала // Под ред. Г.Б. Здановича. – Челябинск: Крокус,2004.- С. 305–316.; Зданович Г.Б. Аркаим как научный и культурный феномен XX– XXI вв. // Археология в современной культуре России (региональные аспекты): Круглый стол, п. Аркаим, 22–23 августа 2007 г.: М-лы заседаний // Под ред. Ф.Н. Петрова. – Челябинск: Крокус, 2008.- С. 48–50.; Петров Ф.Н. Поселение Аркаим в культурном пространстве эпохи бронзы. – М.: Фонд «Наследие», 2009.; Путенихин В.П. Тайны Аркаима. Наследие древних ариев. –Ростов н/Д.: Феникс, 2006.;

шудаанд, яке аз муҳаққиқони Русия В.А. Шнирелман[1] ба таври комил ин андешаро рад намуда, онро бо устурасозии муосир, бо эзотеризм, рекламаи Аркаимро ҳамчун устурасозӣ барои саёҳату сармоячамъкунӣ ва ғайра, ҳатто бо ҳаракати скинхедҳо дар Русия вобаста менамояд. Барои доғдор кардани калимаи ориёӣ, салиб онро барои русҳо бегона мешуморад. Албатта, як қатор андешаҳои ин муаллиф, ки пайдоиши баъзе андешаҳои ғайриилмиро, ки ба тиҷоратикунонии ёдгориҳои таърихӣ равона шудаанд, қабул кардан мумкин аст. Вале ба назар мерасад, ки баъзе мақолаҳои муаллиф на таҳлили объективонаи илмӣ, балки бо ғарази муайян таҳия шудаанд. Ба ҳамин монанд, дар равиши муайян намудани ҷомеаи ориёӣ, таркиби он, сарoғози кадом халқияту миллатҳо будани ориёиён дар илм, аниқтараш дар асарҳои ғайриилмии муҳаққиқони имрӯза баҳс боз ҳам бештар аст. Мисоли ин андешаҳо муаллифи қирғиз - Т.Т. Тургуналиев директори Институти манасшиносии Донишгоҳи давлатии Қирғизистон ба номи И. Арабаев мебошад. Дар мақолаи худ бо номи «Роҳи ориёӣ»[2] ин муаллиф кушиш кардааст, ки исбот намояд, қирғизҳо мардуми ориёӣ мебошанд. Меросият аз ҷониби намояндагони халқу миллатҳое пешниҳод карда мешавад, ки ягон унсури фарҳангу тамаддуни ориёӣ дар онҳо мушоҳида нашудааст, ҳатто унсурҳои динӣ, эътиқодии бегонае ба фарҳанги ориёӣ доранд. Ин хулоса нисбат ба як қатор муҳаққиқони тотору бошқирд, ки андешаи болоро доранд, истифода бурдан мумкин аст. Албатта, ин ва дигар андешаҳои ғалатро, ки барои беҳтару нишон додани гузаштагони худ, қадимияти мардуми худ, аз худ намудани фарҳанги ориёӣ равона шудааст, ба виҷдони ин гуна муҳаққиқон ҳавола мекунем ва дар вақти муносиб таҳлили объективонаи ин андешаҳоро таҳия ва пешниҳод менамоем. Баъзе андешаҳо оид ба ин нуктаи назар аллакай дар мақолаҳои мо гуфта шудаанд.[3]

Масъалаи дигар, мавҷудияти осори моддӣ ва фарҳангии ориёӣ мебошад, ки то замони таҳқиқот омада расидааст. Имрӯз махсусан оид ба осори ҳуқуқӣ иттило-

---

Путенихин В.П. Место силы — город Аркаим: в поисках утраченного рая. – Ростов н/Д.: Феникс, 2009.; Царевский В.А., Царевская С.Н. Аркаим - родина Заратуштры.- Челябинск, 2006 ва диг.

[1]Ниг.: Шнирельман В.А. Страсти по Аркаиму: арийская идея и национализм // Язык и этнический конфликт // Ред. М. Олкотт, И. Семенов. – М.: Гендальф, 2001.- С. 58–85.; Шнирельман В.А. Второе пришествие арийского мифа // Восток. 1998.№ 1. С. 89–107; Шнирельман В.А. Ценность прошлого: этноцентристские исторические мифы, идентичность и этнополитика // Реальность этнических мифов / Ред. А. Малашенко, М.Б. Олкотт. - М.: Гендальф, 2000.- С. 12–33.; Шнирельман В.А. Страсти по Аркаиму: арийская идея и национализм // Язык и этнический конфликт // Ред. М. Олкотт, И. Семенов. – М.: Гендальф, 2001.- С. 58–85.; Шнирельман В.А. Президенты и археология, или что ищут политики в древности // Ab Imperio. - 2009.- № 1.- С. 279–323.; Шнирельман В.А. Эзотерика и расизм // Вестник Омского ун-та.- 2010.- № 3. - С. 10–14.;Шнирельман В.А. «Чистильщики московских улиц»: скинхеды, СМИ и общественное мнение. 2-е изд., испр. и доп. М.: Academia, 2010.

[2]Ниг.: Тургуналиев Т. Т. Арийский путь //Вестник Северо –Восточного федерального университета имени М.К Аммосова: Серия Эпосоведение. – 2017. – №3(07). – С.81-88.

[3]Ниг.: Буризода Э.Б. Баъзе масоили методологии омузиши ҷомеаи ибтидоӣ ва тамаддуни ориёӣ // Академический юридический журнал. – 2023. – №3 (47). - С.42-47. ; Буризода Э.Б. Масоили таърихӣ-ҳуқуқии ҷомеаи ибтидоӣ ва тамаддуни ориёӣ (методологияи таҳқиқот) // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2022.–№4. – С.20-29.

оти бештар ба мо мерасад. Махсусан қисми ҳуқуқии китоби дини Зардуштӣ «Авесто» оид ба фарҳанги ҳуқуқии ориёиҳо ҳикоят дорад. Дар қатори Авесто Динкард, Бундаҳишн, «Шояст нашояст», «Мотикони ҳазор додистон(Қонунномаи Сосониён)», кардак ва чаштакҳоро метавон номбар намуд, ки шиносоӣ бо онҳо тасаввурот оид ба матнҳои ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, амлу рафтори қонунӣ ва манъшуда дар кишварҳои ориёиро барои мод ода метавонанд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар дар ҷомеаи ориёӣ ҷаҳонбинӣ ва таълимоти динӣ ҳукмрон буд. Дар адабиёти илмӣ оид ба он, ки оё зардуштия дини ориёиҳои қадим буд, муҳаққиқон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Як гурӯҳи муҳаққиқон тахмин менамоянд, ки ориёиҳо то зардуштия пайрави динҳои дигар, махсусан бисёрхудоӣ буданд. Дар бораи дини зардуштӣ доштани мардуми ориёӣ аз замони давлатдории Ҳахоманишиҳо сухан гуфтан мумкин аст. Ба ин гурӯҳ муҳаққиқоне низ дохил мешаванд, ки андеша доранд, ки дини зардуштӣ дар Осиёи Марказӣ – ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ва ё ҷои дигар пайдо шуда, дар ҳудуди Тоҷикистон паҳн шуда, Ҳахоманишиҳо онро аз Бохтару Суғд қабул ва ба тамоми империя паҳн намудаанд. Ин гурӯҳи муҳаққиқон далел барои исботи андешаи худ катибаи боқимондаеро аз замони Ҳахоманишӣ меоранд, ки дар он номи Аҳура Маздо вуҷуд дорад, вале номи пайғомбари он - Зардушт мушоҳида намешавад. Албатта, ин далели бебаҳс нест. Аз ҷониби дигар, тибқи таҳқиқоти муҳаққиқи Русия дини зардуштия – дине мебошад, ки то якбандиҳои бузург дар рӯи замин ба вуҷуд омадааст ва таърихи даҳҳо ҳазорсола[1] томелодиро дорад, чунки дар он оид ба гармо ва фаро расидани якбандиҳое, ки ба одамон зарари марговар дорад, сухан меравад. Гурӯҳи дуюми муҳаққиқон дини зардуштиро дини қадимтарини олам эътироф намуда, онро идеологияи мардуми ориёӣ мешуморанд. Ба андешаи мо низ дини зардуштӣ таърихи қадимтаре аз давлатдории Ҳахоманишиҳо дорад, пайдоиш ва ё ташаккули он дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза суръат гирифтааст, чӣ тавре, ки тоҷикон ҳуқуқи исломро таҳия намуда, онро ба низоми мустақили ҳуқуқӣ табдил доданд, ин гуна таҷрибаи коркарди сарчашмаҳои ҳуқуқӣ нисбат ба зардуштия низ амалӣ шудааст. Далели қадима будани «Авесто» ва дини зардуштӣ аз пайдоиши давлати Ҳахоманишӣ дар он аст, ки дар он оид ба давлатдории Пешдодиён ва Каёниён сухан меравад, вале оид ба Ҳахоманишиён мавод мушоҳида намегардад. Ғайр аз ин, дар «Авесто» оид ба ҳокимияти падар, саравлод, пешвои қабила, сарвари вилоят/марз/сухан меравад. Яъне дини зардуштӣ дар давраи гузариш ба вуҷуд омадааст, ҳол он ки давлати Ҳахоманишӣ яке аз давлатҳои рущдёфтаи ҳудуди Тоҷикзамин ба шумор меравад. Гумон меравад, ки он пештар аз давлатдории Пешдодиён ба вуҷуд омадааст ва дар замони давлатдории Каёниён тағйирот ба як қисмати он ворид гардидааст, ҳол онки маълум аст, қисмати Готҳои «Авесто» қадимтарин буда, қисматҳои дигар, дар

---

[1]Ба андешаи онҳо дараҷаи рушди тамаддуни ориёиҳо (Аркаим. –Э.Б.) аз тамадуни ба онҳо муосири шоҳигарии Хамураппи, минбаъд, сулолаи шоҳигарии миёнаи Миср, давлати гиксосҳо, Давлати Хеттҳо, Хараппаи Ҳинд қиёсшаванда буд. Нигар.: *Зданович Г.Б.* Вместо введения // Аркаим: Исследования. Поиски. Открытия / Под ред. Г.Б. Здановича. – Челябинск: Каменный пояс, 1995. (С. 3–8). –С.4; *Зданович Г.Б.* Введение // Аркаим. По страницам древней истории Южного Урала / Под ред. Г.Б. Здановича. – Челябинск: Крокус, 2004. (С. 3–10). –С.4.

даврaҳои минбаъдаи рушди забон навишта шудааст. Масъалаи дигаре, ки дар назди муҳаққиқони фарҳанги ҳуқуқии ориёӣ, ва умуман фарҳанги ориёӣ меистад, ба таври объективона ҷудо намудани илм аз хурофоту таассуби миллӣ мебошад, хурофоту таассуби миллӣ чӣ аз ҷониби меросбарони ин фарҳанг ва чи аз ҷониби душманони он, инчунин, аз ҷониби онҳое, ки ин фарҳангро «моли» худ мешуморанд ва ё онро «худӣ» кардан мехоҳанд.

Бо фаъолияти Олмони фашистӣ андешаи «ориёӣ», «фарҳанги ориёӣ» ва «чалипо» падидаҳои манфӣ ва ифодагари фашизм эътироф гардида, то имрӯз махсусан аз ҷониби халқи яҳуд мубориза бар зидди он бурда мешавад. Ин муборизаҳо заминаҳои гуногун, аз ҷумла заминаи идеологӣ доранд, чунки этимологияи «ориёӣ» маънои мардуми «бофарҳанг», ҳамон «мардуми баргузида»-ро медиҳад, ки бо идеологияи онҳо зид мебошад. Ин зиддият на танҳо натиҷаи фаъолияти фашистон мебошад, балки реша дар таълимот ва шинохти қавмҳои ориёӣ ва яҳуд ҳамчун «мардуми афзалиятдошта аз дигарон» дорад.

Масъалаи дигаре, ки таҳқиқоти илмиро металабад, тафовуту ягонагӣ бахшидан ба сарчашмаҳои гуногуни давлатҳои ориёӣ аз Пешдодиён то Сосониён мебошад, ки оё кулли онҳоро ҳамчун фарҳанги яклухт, ягона ва хос бояд таъбир кунем ва ё фарҳанги ориёӣ давраи муайяни таърихи ориёиёнро дар бар мегирад. Бояд иқрор шавем, ки дар ҳолати шинохти давлатҳои Пешдодиён то Сосониён ҳамчун давлатҳои қавми ориёӣ, фарҳанги он низ бояд фарҳанги ориёӣ баҳо дода ва шинохта шавад.

Ҷои шакку шубҳа нест, ки мардуми ориёӣ, фарҳанги хоси худро дошта, фарҳанги хос меофарид, онро пайравӣ намуда ташаккул медод. Аз ҷониби дигар, дар давоми марҳилаи ориёӣ – зардуштӣ баъзе саҳифаҳои ҷудогонаи идоракунӣ ва давлатдории мақдуниҳо, Селевкиҳо, Ҳайтолиён ва ғайра вуҷуд дорад, ки ҳарчанд таъсири фарҳанги ҳуқуқии ориёӣ бебаҳс дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, идоракунии давлатӣ, муносибатҳои байналмилалӣ мерасид, вале сарчашмаҳои дигари ҳуқуқӣ низ амал мекарданд. Саволе ба миён меояд, ки таъсири сарчашмаҳои дигари ҳуқуқӣ ба фарҳанги ҳуқуқии зардуштӣ мушоҳида мегардид ва ё на?

Ба андешаи мо, таъсири муътақобилаи меъёрҳои танзимотии муносибатҳои ҷамъиятӣ вуҷуд дошт, вале фарҳанги ҳуқуқи ориёӣ, ки ба меъёрҳои динӣ такя менамуд, бештар ба сарчашмаҳои дигари ҳуқуқӣ таъсир мерасонид.

Дар аксар маврид, сарчашмаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятиро танзимкунанда, майдони амали худро дошта, ба майдони танзимоти дигар сарчашмаҳо ворид ва ё истифода намешуданд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки ҳар як падидаи иҷтимоӣ усул ва меъёрҳои танзимии худро дошта, дар ҳудуди хоси худ амал мекунад. Дар баробари ин, ҳар як падидаи иҷтимоӣ қонуниятҳои хоси мавҷудият ва рушди худро дорад, ки ба он воситаҳои махсуси танзим мувофиқ меояд. Сабаби асосии то имрӯз боқӣ мондани меъёрҳои гуногуни иҷтимоии танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ шояд ҳамин бошад.

Аз ин рӯ, дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсиррасонӣ ва таносуби танҳо меъёрҳои иҷтимоиеро таҳлил намудан зарур аст, ки майдони ягонаи танзимро доштанд, яъне як намуд, самт, соҳаи муносибатҳоро танзим мекарданд.

Анъанаи давлатдорӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ чунин буд, ки мардуми ориёӣ – мардуми бофарҳанг ва озода буданд ва дар чаҳорчӯбаи фарҳанги муайян зиндагӣ мекарданд.

Дар баробари ин, ориёиён принсипи озодии эътиқодро эътироф намуда, бо пайравони дигар дину мазҳабҳо муносибати муътадил доштанд. Натиҷаи таъсири ин ҳолат буд, ки махсусан дар соҳаи муносибатҳои хусусӣ, аз ҷумла муносибатҳои оилавӣ ва мерос мақоми идоракунӣ, давлат иҷозат дода буд, то пайравони дину мазҳаби ғайриориёӣ аз сарчашмаҳои хоси динии худ истифода баранд.

Мавҷудияти чунин ҳолат бо он омил вобаста буд, ки динҳои аввалин, умуман динҳои монотеистӣ пеш аз ҳама, поку тоза нигоҳ доштани муносибатҳои ҷамъиятӣ, тарбияи ҷомеаро мақсади худ қарор дода, расидан ба ин мақсадро дар танзим намудани муносибатҳои оилавӣ, никоҳ, уҳдадории зану мард дар тарбияи фарзандон, дастгирии волидон аз ҷониби фарзандон эътироф доштанд. Яъне, оила ҳалқаи муҳимтарини таркибии ҷомеа ба шумор рафта, тарбияи дурусти оила, ба роҳ мондани муносибатҳои шаръӣ дар он, муқаррар намудани меъёрҳои муносибатҳои дохилиоилавӣ ҷузъи муҳимтарини расидани инсон ба саодат шуморида мешуд.

Инчунин, аксари динҳои монотеистӣ дар масоили падидаҳои ҳуқуқи оилавӣ дар умум таълимоти бо ҳамдигар шабеҳ дошта, дар ҷузъиётҳо аз ҳамдигар тафовути ночиз доштанд.

Аз ҷониби дигар, дар таърихи дунёи қадим танзими муносибатҳои хусусӣ, махсусан оилавӣ, муносибати сардори оила бо узви оила, ғуломдор бо ғулом, муносибатҳои меҳнатӣ берун аз танзимоти давлатӣ - ҳуқуқӣ монда буданд. Азбаски ин масоил масоили муҳим шуморида намешуд, пас, давлати ба вуҷудомада низ онро мавриди танзим қарор надода буд. Меъёрҳои муҳимтарине, ки ин самти муносибатҳоро танзим мекарданд, меъёрҳои анъана ва минбаъд, меъёрҳои динӣ ба шумор мерафтанд. Яке аз сабабҳои тибқи таълимоти динӣ танзим гардидани муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ низ дар дуюмдараҷа ва ночиз шуморидани ин муносибатҳо ва таъсири онҳо ба сиёсати давлатӣ буд.

Азбаски, дар ҷараёни рушди ҷомеа, минбаъд муносибатҳои хусусӣ мавқеи бештарро соҳиб гардида, аксари баҳсу даъвоҳо маҳз дар ҳамин самт ба вуҷуд меомад, ҳуқуқи амалкунанда низ бо қабули меъёрҳои соҳавӣ ғанӣ гардид. Дар самти ҳуқуқи хусусӣ махсусан ҳуқуқи маданӣ рушд ёфта, ҷавҳари чӣ ҳуқуқи зардуштӣ, румӣ ва минбаъд ҳуқуқи исломиро меъёрҳои ҳуқуқии маданӣ ташкил медоданд. Дар баробари он меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ниш рушду такомул меёфт. Дар ростои ин ду самт, инчунин меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ ташаккул меёбад, ки он дар заминаи фарҳанги диниву ҳуқуқии ҷомеа ва меъёрҳои анъанавию одатӣ такомул меёфт.

Азбаски ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги динӣ дар ҷомеа хеле устувор буд, падида ва меъёрҳои ҳуқуқи оила, падидаҳои никоҳу оила, ба он тавре, ки меъёрҳои динӣ танзим менамуданд, амал намуда, дар масоиле, ки меъёрҳо дар сарчашмаҳои динӣ вуҷуд надошт, меъёрҳои одатҳои ҳуқуқӣ ва анъанаҳо онро танзим менамуданд. Минбаъд, таълимоти динӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқӣ эътироф гардида, он муносибатҳои оилавиро танзим менамуд. Дар баробари сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, динӣ ва одатҳо, инчунин, шартномаҳои никоҳ мавриди истифодаи умум буд. Ҷузъи муҳими

муносибатҳои оилавӣ дар заминаи аҳдномаи никоҳ танзим мегардид. Қайд кардан ба маврид аст, ки аҳдномаи никоҳ ба таври мушаххас ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафайнро муқаррар менамуд. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки принсипҳои умумии танзими муносибатҳои оилавӣ дар сарчашмаҳои ҳуқуқии умумидавлатӣ ва динӣ муқаррар карда шуда буданд. Дар заминаи меъёрҳои умумӣ, аҳднома аз ҷониби мақомоту мансабдорони давлатӣ тасдиқ карда мешуд. Аз ин сабаб, новобаста аз мавҷудияти сарчашмаҳои динии мазҳабҳои ғайр, таъсири фарҳанги ориёӣ, ҳатто ба ин соҳаи ҳуқуқ, яъне муносибатҳои оилавӣ низ мушоҳида мегардид.

Хулоса яке аз масоили муҳими назариявӣ муайян кардани таносуби байни фарҳанги ҳуқуқи ориёӣ бо сарчашмаҳои дигари ҳуқуқӣ, аз ҷумла одатҳои ҳуқуқӣ мебошад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ аз эҳсос, андеша, афкор, ғоя, назария ва таълимоти куллии соҳавӣ иборат буда, дар умум, рафтору гуфтор ва муносибати дорандаи онро ба падидаҳои ҳуқуқӣ муайян мекунад. Бояд қайд намуд, ки фарҳанги ҳуқуқи ориёӣ дар натиҷаи пайдоиш ва рушди давлатдории мардуми ориёӣ ташаккул ёфта, яке аз сарчашмаҳои бостонии пайдоиши таълимот оид ба ҳокимият, давлатдорӣ, давлат ва ҳуқуқ дар ҷаҳон мебошад.

Пайдоиши падидаи ҳокимият, атрибутҳои он, масоили идоракунии ҷомеа, пайдоиши давлат, ниҳодҳои давлатдорӣ, сохтори ташкилӣ ва принсипҳои фаъолияти он, масъулияти мансабдорони давлатӣ, таъсиси мақомоти идоракунӣ, судӣ аз масоили мубрами фарҳанги ҳуқуқии ориёӣ мебошанд, ки дар ташаккули илми ҳуқуқ ва давлат нақши муассир доранд.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки фарҳанги волои ориёӣ дар заминаи талаботи ҷомеаи ориёиён ба ислоҳоту танзимоти муносибатҳои дар ҷамъият ба вуҷудомада пайдо ва рушд ёфтааст. Пайдоши ҳокимият, давлатҳои аввалини ориёӣ дар назди ҷомеа ва мутафаккирони ҳамон давр масоили мушаххаси амалиро мегузошт. Ин масъалаҳо чигунагии сохтори давлатӣ, салоҳияти сарвари давлат, муносибати сарвар бо тобеъон, масъалаи ҳифзи тартибот, ҳудуд, муносибат бо дигар давлатҳо, масоили дифоӣ, ташкили меҳнат, таъмини мардум ва ғайра буданд, ки дар ҳар як марҳилаи рушди кишвар барои ҷамъият мубрамм гардида, ҷавоби ҷомеа дар осори мутафаккирони давр, махсусан файласуфу сиёсатмадорон, ҳуқуқшиносон, таълимоти ҳуқуқӣ ва ҳатто осори бадеӣ инъикос мегардид. Дар таърихи тоҷикон «Шоҳнома»- и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ, «Сиёсатнома» садҳо «Пандномаҳо», ҳатто китобҳои динӣ ва шарҳи ба онҳо дар сурати муносибу мутобиқ омадан ба талаботи ҷомеа ба зудӣ мавриди авмал қарор мегирифтанд.

Фарҳанги ҳуқуқии ориёӣ дар марҳилаи таърихи бостонии мо ба натиҷаҳои беназир даст ёфта, намунаи ибрат барои дигар халқу миллатҳо гашта буд. Беҳуда нест, ки Гегел «Асли ташаккули тамаддуни инсонӣ аз Ирон сарчашма мегирад», навиштааст. Дар асл, фарҳанги ориёӣ аст, ки тамаддуни давлатдории ориёиро ба вуҷуд оварда, бо ташаккулу такомули ниҳодҳои гуногуни давлатдорӣ ва падидаҳои ҳуқуқӣ пештози тамаддуни ҷаҳонӣ гашта, ба дастовардҳои сиёсиву ҳуқуқии инсоният аввалин дурдонаҳо – таълимоти пешқадам дар ин самтро ворид сохт.

Яке аз дастовардҳои беназири фарҳанги ҳуқуқи ориёӣ, дар марҳилаи бостонии рушди тоҷикон, ин Эъломияи Куруши Кабир аст. Чунин як санади меъёрӣ – ҳуқуқӣ дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд омада наметавонист. Эъломияи мазкур

нишонаи ба қуллаҳои баланди рушд расидани илми ҳуқуқ ва давлатшиносӣ буда, аз ҷониби дигар, натиҷаи амалияи сиёсиву ҳуқуқии мардуми ориёӣ мебошад. Расидан ба пояи баланди дарки масоили диниву давлатӣ, мисли озодии эътиқод ва виҷдон, эълон кардани баробарҳуқуқии мазҳабҳои гуногун, ҳуқуқи мусофират ва бо ихтиёри худ интихоб кардани манзили истиқомат, интихоби касбу кор, принсипи «одамон бояд озод бошанд», аллакай дар таърихи бостонии ҷаҳон, баёнгари рушду нумуъи назария ва амалияи мардуми ориёӣ дар давлатдорӣ ва идораи ҷамъият мебошанд.

Аксарияти аслҳои дар Эъломия муқарраршуда, минбаъд дар эъломия ва қонунгузории даҳҳо кишварҳо, махсусан дар замони муосир идомат ёфта, дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мушоҳида мегардад, ки мавзуи баҳси мақолаҳои дигари илмӣ мебошанд.

Таъсири баъзе намунаҳои фарҳанги умумӣ ва ҳуқуқии ориёӣ минбаъд то ба марҳилаи муосири давлатдорӣ омада расидааст. Аз анъанаҳои ин фарҳанг арзишмандии некӣ, хубӣ, оташ, истифода бурдани оташ ва равшанӣ дар муносибатҳои гуногун будааст. Масалан, имтиҳон бо оташ вуҷуд дошт, ки шахси гунаҳкор бояд аз миёни оташ мегузашт ва дар сурати зарар надидан аз он ҳақ будани даъвои худро ва ё ноҳақ будани даъвогаррро исбот менамуд. Истифодаи оташ ҳангоми никоҳ, аввалин маротиба ба хонаи шавҳар қадам мондани зан ва ғайра маънои покӣ, парҳезкорӣ, бо нияти нек, бо рушноӣ ҳамроҳ ба хона хушбахтӣ овардан ва хушбахту саодатманд гаштани оиларо дошт. Оташ зидди торикӣ, кина, бахилӣ, деву дад, ҷину бадиҳо қудрати поккунандаро дошт. То имрӯз ин анъанаҳо дар фарҳанги мардуми ориёӣ ва дигар халқҳои гуногуни дунё, ки таъсири фарҳанги ориёӣ ба онҳо расидааст, мавриди истифода мебошад.

Масъалаи назариявии дигар, муайян намудани таъсири фарҳанги ориёӣ ба дигар фарҳангҳои дунёи қадим ва асрҳои миёнаву нав, ё таъсири мутақобилаҳои фарҳангҳои гуногун мебошад. Оид ба масъалаи мазкур, қайд намудан ба маврид аст, ки яке аз намунаҳои барҷастаи таъсири мутақобилаи фарҳангӣ ин фарҳанги ориёӣ ва юнонӣ мебошад. Фарҳанги ориёӣ ҳамчун фарҳанги бостонӣ аз фарҳанги юнонӣ, махсусан эллинӣ пештар ба вуҷуд омада, юнониён кушиш доштанд, ки унсурҳои ин фарҳангро онҳо низ дошта бошанд. Дар натиҷаи ҷангҳои Ҳахоманишиҳо ва Мақдуниён ва ғалабаи охириҳо дар муддати кутоҳ як тамаддуни баландпояе ба вуҷуд омад, ки онро дар адабиёти илмӣ махсус тамаддуни «эллинӣ» ном додаанд. Омадани юнониҳо ба ҳудуди кишварҳои ориёӣ онҳоро бо илму адабиёт, бо таъриху санъат ва ҳунарҳои зиёд ошно намуда, бо омезиши ин фарҳангҳо як тамаддуни нав ба вуҷуд омад. Дар адабиёти илмӣ ду нуктаи назар оид ба фарҳанги элллинӣ вуҷуд дорад. Қисме аз муҳаққиқон онро падидаи соф юнонӣ баҳо додаанд. Қисмати дигари муҳаққиқон, тамадуни эллиниро натиҷаи таъсири фарҳанги ориёӣ ва омезиш ба падидаҳои он мешуморанд. Дар қатори ҷонибдорони андешаи дуюм академик Бобоҷон Ғафуров низ ҳастанд. Такрор шавад ҳам, бояд таъкид намуд, ки махсусан ислоҳотҳои Ҳахоманишиҳо, минбаъд таъсири мақдуниҳо ба давлату давлатдорӣ ва тамаддуни ориёӣ «мавриди омузиши Бобоҷон Ғафуров қарор гирифта, яке аз аввалинҳо аст, ки эллинизмро омезиши тамаддуни

ориёӣ ва юнонӣ мешуморанд».[1] Дар асари худ қайд мекунанд, ки «Дар маданияти ба истилоҳ эллинӣ на ин ки эҷодиёти мадании «соф» юнонӣ, балки омезиши махсуси маданияти юнонӣ ва шарқӣ инъикоси худро пайдор намудааст ва дар бобати рушди ин фарҳанг нақши бузургеро халқҳои Осиёи Миёна бозӣ кардаанд. Ҳафриёти археологӣ далелу мадракҳои тоза ба тозаеро меоранд, ки саҳми халқҳои шарқ, азҷумла мардумони Осиёи Миёнаро дар тараққиёти маданияти моддии ҷаҳони эллинӣ собит менамоянд. Баъзе принсипҳои асосии шаҳрсозӣ бо фикру тасавуроте, ки дар шарқ хеле барвақттар аз давраи эллинӣ равнақ дошт, алоқаманд мебошад».[2]

Ин таъсири мутақобила на танҳо дар соҳаи фарҳанги моддӣ, балки маънавӣ низ ошкор аст. Бобоҷон Ғафуров қайд намудаанд, ки «Расму одатҳои мазҳабии Осиёи Миёна ва Эрон ба ақидаи динии юнониён ва римиҳо таъсири калоне бахшида, сипас ба тараққиёти дини насронӣ ҳам асароти худро гузоштааст». «Таъсири Шарқи қадим дар адабиёт, санъат, фалсафа ва дигар риштаҳои илму фанни юнонӣ низ инъикоси худро пайдо намудааст»[3]. Бо ин андеша Бобоҷон Ғафуров баъзе ақидаи аврупомарказиёнро, ки Искандарро ҳамчун паҳнкунандаи эллинизм дар Шарқ мешуморанд, рад мекунад. Бобоҷон Ғафуров ҷонибдори андешае аст, ки эллинизм на падидаи фарҳанги юнонӣ, балки омезиши фарҳанги барҷастаи форс ва юнонӣ мебошад, аз ин сабаб, дар он саҳми мардуми ориёӣ хеле бузург мебошад.

Дигар масъалаи мардуми ориёӣ – шинохт ва ҳудуди аслии пайдоиши онҳо мебошад, ки дар мақолаҳои пешина мо баррасӣ кардаем[4]. Масъалаи назариявии дигар, ки аз нуктаи назари илми тоҷик аллакай ҳалли худро ёфтааст, муҳаққиқони ба ном «таърихшинос» аз кишварҳои ҳамсоя мехоҳанд аз нав баррасӣ намоянд, масъалаи меросбарии фарҳанги ориёӣ, аз ҷумла фарҳанги ҳуқуқии ориёӣ мебошад. Аҷиб аст, ки ба истисноӣ мардуми Ирон ва тоҷикон ки идоматдиҳанда ва меросбари ҳақиқии мардуми ориёӣ мебошанд, як қатор падидаҳои ҳуқуқӣ ва оини давлатдорӣ дар Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон низ боқӣ мондаанд. Махсусан дар илми ҳуқуқи арманиҳо баъзе падидаҳои ҳуқуқи ориёӣ то имрӯз бо номи аслии худ боқӣ мондаанд ва беҳуда нест, ки А.Г. Периханян, муҳаққиқи машҳури арманӣ, аввалин маротиба Қонуннома ва «Мотикони ҳазор додистон»-ро на танҳо таҳлил намудааст, балки тарҷима карда ва шарҳ додааст.

Яке аз масоили мубрами фарҳанги ҳуқуқи ориёӣ омузиши он ҳамчун падидаи куллии ҳуқуқӣ мебошад. Бояд таъкид намуд, ки ин падида дар осори моддиву маънавии то мо расида инъикос гардида, вале ба таври фарогир омухта нашудааст. Яке аз аввалин муҳаққиқони ватании масъалаи ориёӣ академик Бобоҷон Ғафуров буданд. Бобоҷон Ғафуров масъалаҳои муҳими фалсафиву ҳуқуқӣ, сиёсӣ – идеологии марҳилаи таърихии шӯравии назди илми тоҷик истодаро таҳлил намуда

---

[1]Ниг.: Гафуров Б.Г., Цибукидис Д.И. Александр Македонский и Восток. – М.: Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1980. – С.7.
[2]Ниг.: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008. – С.104.
[3] Ниг.: Ғафуров Б.Ғ. Асари ишорашуда.– С.105.
[4]Ниг.: Буризода Э.Б., Одиназода Р.С., Нозакзода З.З., Эмомализода Н.Э. Баъзе масоили мубрами давлату давлатдории тоҷикон аз нигоҳи академик Б.Ғафуров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. –2023. –№4. –С.8-14.

«…гузориш ва исбот намудани таърихи мардуми ориёӣ ва меросбари ҳақиқии он будани тоҷиконро дар хатти аввал мегузошт». Ин андеша аз ҷониби Мери Бойс, Ричард Фрай ва даҳҳо дигар муҳаққиқон пешниҳод ва дастгирӣ ёфтааст. Баръакс аксарияти онҳое, ки ба таҳқиқи фарҳанги ориёӣ машғул мебошанд, махсусан аз кишварҳои собиқ шуравӣ, ба таҳқиқи объективонаи илмӣ машғул нашуда, кушиш ба харҷ додаанд, то онро барои мақсадҳои маҳдуди худ истифода бурда, ин ё он миллатро меросбари фарҳанги волои ориёӣ эълон намоянд.

Омӯзиши махсусан ҷаҳонбинии мардуми ориёӣ, шуури ҳуқуқӣ, менталитети мардуми ориёӣ бояд дар мадди аввал гузошта шуда, ба таври мушаххас таҳлил карда шавад.

**Адабиёт:**

1. Эмомалӣ Раҳмон. Сарчашмаи худшиносии миллӣ // Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.
2. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.
3. Юсуфшоҳи Яқубшоҳ. Давлати Каёниён. – Душанбе, 2012.
4. Гафуров Б.Г., Цибукидис Д.И. Александр Македонский и Восток. – М.: Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1980. - 456 с.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Симпозиуми байналмилалии «Бобоҷон Ғафуров – бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик», ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров. – Душанбе, 05.12.2023. http://president.tj/node/32063. (Санаи руҷуъ: 22.12.2023).
6. Буризода Э.Б., Одиназода Р.С., Нозакзода З.З., Эмомализода Н.Э. Баъзе масоили мубрами давлату давлатдории тоҷикон аз нигоҳи академик Б.Ғафуров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. –2023. –№4. –С.8-14.
7. Периханян А.Г. Сасанидский Судебник. – М.: Наука, 1983.
8. Периханян А.Г. Общество и право Ирана в Парфянский и Сасанидский периоды. –М., Л.: Наука, 1986.
9. Буризода Э.Б. Баъзе масоили методологии омузиши ҷомеаи ибтидоӣ ва тамаддуни ориёӣ // Академический юридический журнал. – 2023. – №3 (47). - С.42-47.
10. Буризода Э.Б. Масоили таърихӣ-ҳуқуқии ҷомеаи ибтидоӣ ва тамаддуни ориёӣ (методологияи таҳқиқот) // Ҳаёти ҳуқуқӣ. –2022.–№4. – С.20-29.

**Буризода Э.Б.**

**Фишурда**

**Баъзе масоили методологии омузиши фарҳанги ҳуқуқии ориёӣ**

Охири асри XX ва ибтидои асри нав давраи барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ, таъсиси давлатҳои миллӣ ва ба таври шадид рушд ёфтани миллатгароӣ мебошад, ки ба он аксари давлатҳи лагери сотсиалистӣ, аз ҷумла собиқ Шуравӣ ги-

рифтор шудаанд. Таъсиси давлатҳои миллӣ ба таври объективона масоили легитиматсияи онҳо, таърихи онҳо фангу тамаддуни миллиро ба миён овард, ки аксари ин миллатҳои дар давраи шуравӣ шаклгирифта, кушиш доранд, давлатдории худро дар заминаи таърихи бегона асосгузоранд. Аз як тараф, мардуми турк худро ориёӣ ном мебарад, аз ҷониби дигар Чингизхону Темур асосгузори ин давлатҳо эълон гардида, минбаъд ҳудуди дар асрҳои нав ғасбкардаро мулки ниёгон эълон мекунанд. Ин иқдом аз ҷоинби мутахассисон низ дастгирӣ ёфта, методологияи ба ном «илмӣ» гуё кашф карда мешавад. Аз ин сабаб, яке аз масоили муҳим ба таври дуруст ва объективона омузиши масъалаи «фарҳанг ва мардуми ориёӣ» мебошад, ки бе омузиши он албатта, мо наметавонем оид ба таърихи минтақа ба қатъият сухан ронем. Масоилу омилҳои гуногун якбора он он бояд мавриди омузиш қарор дода шавад, то таҳлили илмӣ ва барои ҷомеа саҳифаҳои таърихи гузошта, дар шакли хулосаҳои илмӣ пешниҳод гардад.

**Буризода Э.Б.**

**Аннотация**

**Некоторые методологические проблемы изучения арийской правовой культуры.**

Конец XX и начало нового века является периодом и распада Советского Союза, становлении национальных государств, развития национализма, болезнь которой подверглись многие страны социалистического лагеря, в том числе республики бывшего Советского Союза. Становление нациолнальной государственности объективно предполагала изучение проблем их правовой легитимации, изучения истории, культуры, цивилизации. А многие постсоветские государства, в основном, формировавшиеся при советской союзе нации стараются развивать своюбгосударственность на основе чужой истории. С одной стороны тюрки считают себя арийцами, с другой стороны Чингиз и Темур объявлены основателями государственности, или территории завовавшиеся последние веки считаются территориями где обитали эти народы с древнейших времен. Эти идеи поддерживаются со стороны ученых, с разработкой «новой методологии в науке», которое не учитивает многовековое наследие мировых ученых. Поэтому одним из важных научных проблем является объективное изучение проблемы «арийской культуры и арийцев», без изучения которой нельзя говорить об истории региона. Необходимо выявить и изучить целый ряд факторов, связанных с арийской культурой. Эти проблемы и факторы должны изучаться вместе, в отношении с культурой, чтобы провести научное исследование страниц истории региона, и дать их в виде заключения и объективных научных достижений.

**Burizoda E.B.**

**The summary**
**Some methodological problems in the study of Aryan legal culture.**

The end of the twentieth and the beginning of the new century is the period of the collapse of the Soviet Union, the formation of national states, the development of nationalism, a disease that affected many countries of the socialist camp, including the republics of the former Soviet Union. The formation of national statehood objectively presupposed the study of the problems of their legal legitimation, the study of history, culture, and civilization. And many post-Soviet states, mainly nations formed under the Soviet Union, are trying to develop Soviet statehood on the basis of someone else's history.

On the one hand, the Turks consider themselves Aryans, on the other hand, Genghis and Temur are declared the founders of statehood, or the territories conquered in recent centuries are considered the territories where these peoples lived since ancient times. These ideas are supported by scientists, with the development of a “new methodology in science”, which does not take into account the centuries-old heritage of world scientists. Therefore, one of the important scientific problems is the objective study of the problem of “Aryan culture and Aryans”, without studying which it is impossible to talk about the history of the region. It is necessary to identify and study a number of factors associated with Aryan culture.

These problems and factors must be studied together, in relation to culture, in order to conduct a scientific study of the pages of the history of the region, and give them in the form of conclusions and objective scientific achievements.

**Муқарризи мақола Диноршоҳ А. М. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.**

## II. ИЛМҲОИ ОММАВӢ – ҲУҚУҚӢ (ДАВЛАТӢ – ҲУҚУҚӢ) (ИХТИСОС: 5. 1. 2)

## II. ПУБЛИЧНО – ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО – ПРАВОВЫЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 2)

**УДК: 34. 01 + 340 (573. 3)**

**Бобоев Ф.А.,** *
**Муродзода У. У.** *

# КОНСТИТУЦИОННО - ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ (НА ПРИМЕРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН)

**Калидвожаҳо:** иттилоот, амнияти иттилоотӣ, ҳифзи иттилоот, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, интернет, шабака, коммуникатсия, доштан, интиқол, дастрасӣ, тағйирёбӣ, моделсозӣ, иттилооти дастрасии маҳдуд, иттилооти махфӣ, давлат, уҳдадорӣ, чораҳои ҳимоя, ҷамъият, инсон, манфиат, ҳуқуқҳои иттилоотӣ.

**Ключевые слова:** информация, информационная безопасность, защита информации, нормативно правовой акт, интернет, сеть, коммуникация, обладания, передача, доступ, изменение, моделирование, информация ограниченного доступа, секретная информация, государство, обязательства, меры защиты, общество, человек, интересы, информационные права.

**Keywords:** information; information security; information protection; regulatory legal act; Internet; network; communication, possession, transfer, access, modification, modeling, restricted information, classified information, state, obligations, protection measures, society, person, interests, information rights.

Развитие общества на современном этапе характеризуется возрастающей ролью информационной сферы, представляющей собой совокупность информации, информационной инфраструктуры, субъектов, осуществляющих сбор, формирование, распространение и использова-

* Начальник отдела правовой информации и систематизации Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан E-mail: mr.boboev.firuz@mail.ru Тел: (+992) 988-94-33-95

*Ассистент кафедры конституционного и административного права юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: Murodzoda.umed@mail.ru Тел: (+992) 908888111

ние информации, а также системы регулирования возникающих при этом общественных отношений. Информационная сфера, являясь системообразующим фактором жизни общества, активно влияет на состояние политической, экономической, оборонной и других составляющих безопасности Республики Таджикистан (далее - РТ).

Информационное общество, к которому неуклонно стремится человечество коренным образом меняет статус информации, расширяя её потенциал, как позитивного ресурса, так и выявляя её резко негативные возможности. Информация всегда окружала человека, поэтому любое общество можно считать информационным. Однако изучение информации как стратегического ресурса развития человечества показало, что она может быть достоверной и актуальной, новой и устаревшей, но не может быть передана, принята или хранима в чистом виде, любая информация имеет своего носителя и передаётся по каналам коммуникации. В самом общем виде информация– сведения, независимо от формы их представления, воспринимаемые человеком или специальными устройствами как отражение фактов материального мира в процессе коммуникации[1].

Информационная безопасность становится все более важной в условиях цифровизации общества и развития информационных технологий. Она охватывает защиту информации от несанкционированного доступа, утечек данных и кибератак. В РТ данная проблематика также находит своё законодательное отражение, основываясь на конституционных принципах и нормах.

Конституция РТ является основным источником правового регулирования вопросов информационной безопасности. Важными положениями, касающимися данной темы, являются: «Статья 23. Обеспечивается тайна переписки, телефонных переговоров, телеграфных и иных личных сообщений за исключением случаев, предусмотренных законом. Сбор, хранение, использование и распространение сведений о личной жизни человека без его на то согласия запрещаются». Также в нем предусмотрены и такие предписания: « Статья 30. Каждому гарантируются свобода слова, печати, право на пользование средствами информации. Пропаганда и агитация, разжигающие социальную, расовую, национальную, религиозную и языковую вражду и неприязнь запрещаются. Государственная цензура и преследование за критику запрещаются. Перечень сведений, составляющую государственную тайну, определяется законом».[2]

Эти статьи формируют основу для разработки законодательства, направленного на защиту информационной сферы граждан и общества

---

[1]См.: [Электронный ресурс]. URL: http://diclist.ru/slovar/filosofskiy/l/informatsija.html (дата обращения: 29.06.2024).

[2]См.: Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года. // Электронный ресурс: https://www.mfa.tj/ru/main/tadzhikistan/konstitutsiya

в целом. На основе конституционных норм приняты ряд нормативных правовых актов, которые составляют правовую основу, регулирующие информационную безопасность:

- Законы РТ: "О печати и других средствах массовой информации", "Об информатизации", "Об электрической связи", "Об электронном документе", "Об информации", "О защите информации", "Об электронно-цифровой подписи";
- Гражданский кодекс РТ;
- Концепция информационной безопасности РТ;
- Государственная стратегия "Информационно-коммуникационные технологии для развития Республики Таджикистан";
- другие нормативные правовые акты, регулирующие информационно-политическую сферу РТ[1].

Анализируя данные нормы можно отметить, что **интересы личности** в информационной сфере заключаются в реализации конституционных прав человека и гражданина: на доступ к информации, на использование информации в интересах осуществления не запрещённой законом деятельности, физического, духовного и интеллектуального развития, в защите информации, обеспечивающей личную безопасность[2].

**Интересы общества** в информационной сфере заключаются: в обеспечении интересов личности в этой сфере, упрочении демократии, создании правового социального государства, достижении и поддержании общественного согласия[3].

**Интересы государства** в информационной сфере заключаются: в создании условий для гармоничного развития информационной инфраструктуры, в реализации конституционных прав и свобод человека и гражданина в области получения информации и пользования ею в целях обеспечения незыблемости конституционного строя, суверенитета и территориальной целостности, политической, экономической и социальной стабильности, в безусловном обеспечении законности и право-

---

[1]См.: Указ Президента Республики Таджикистан «Концепция государственной информационной политики Республики Таджикистан» от 30 апреля 2008 года, № 451, [Электронный ресурс]. Источник доступа: Централизованная информационно-правовая база данный Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. – URL: http://www.adliya.tj (дата обращения: 04.04.2024).

[2]См.: Наимов, Б. Г. Административное судопроизводство как гарант защиты прав граждан в Республике Таджикистан / Б. Г. Наимов, У. У. Муродзода // Государствоведение и права человека. – 2020. – № 2(18). – С. 81-89. – EDN SVWWTE.

[3]См.: Муродзода, У. У. Принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон / У. У. Муродзода, И. О. Давронов // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2022. – No. 3. – P. 383-387. – EDN FENHVC.

порядка, в развитии равноправного и взаимовыгодного международного сотрудничества[1].

**Объектами информационной политики** являются информационные общественные отношения или отношения между субъектами, осуществляющими сбор, формирование, анализ, распространение и использование информации в интересах личности, общества и государства, то есть печатные и электронные средства массовой информации, информационное право и информационная безопасность.

**Субъектами информационной политики** являются юридические (органы государственной власти и управления, органы местного самоуправления, общественные объединения, владельцы средств массовой информации и другие), физические лица и государство.

На современном этапе научная доктрина рассматривает информационную безопасность как состояние защищённости личности, общества и государства от внутренних и внешних угроз, обеспечивая при этом **конституционные права человека и гражданина**, включая достойное качество жизни, суверенитет, устойчивое социально-экономическое развитие и иные конституционные гарантии[2].

**Что из себя представляют информация и информационная безопасность?**

Согласно мнению отечественного учёного Ш.К. Гаюрова «Информация – не просто одно из форм отражения индивидуальной или общественной действительности. Прежде всего это потребности граждан, юридических лиц и государства в определённых сведениях и знаниях»[3].

Действительно, информация есть важнейшая языковая, вербальная и визуальная система, составляющая функциональную основу любого социума и государства, без которой невозможно было бы развитие науки, техники, технологий, законодательства, социальной и производственной сферы, всего того, что необходимо для нормального существования субъекта в социуме.

Согласно Закону РТ «О безопасности» от 28 июня 2011 года, №721, информационная безопасность - состояние защищённости государственных информационных ресурсов, а также прав человека и гражданина и интересов общества в информационной сфере[4].

---

[1]См.: Шевко Н. Р. Актуальные проблемы обеспечения информационной безопасности современного общества / Н. Р. Шевко // Вестник Казанского юридического института МВД России. — 2012. — № 8. — С. 57–59.

[2]См.: Бачило И.Л. Понятийный аппарат информационного права и система обеспечения информационной безопасности // Труды Института государства и права РАН. 2016. № 3. С. 5-16;

[3]См.: Гаюров, Ш. К. К вопросу информации в гражданском праве / Ш. К. Гаюров, С. К. Ризоева // Правовая жизнь. – 2019. – № 3(27). – С. 98-108. – EDN NUJLDU.

[4]См.: Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 28 июня 2011 года, №721. Электронный ресурс: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=115479

Согласно Указу Президента РТ «О мерах по обеспечению доступа к мировым информационным сетям» от 16 сентября 1999 года, №1347, защита информации и распространение информации стал актуальным вопросом. Согласно этому, вопросы о создания и развития единой государственной сети передачи данных, имея в виду обеспечить удовлетворение информационных потребностей государственных органов, предприятий, учреждений и организаций, других юридических лиц независимо от форм собственности, а также граждан возлагали на рассмотрение и решение Правительству РТ[1].

Мнения о том, как обеспечить безопасность информации, должны отвечать интересам дня. Потому что сегодня все мировое сообщество живет в условиях обеспечения новейшими информационными технологиями в политике, постоянно придерживаясь парадигм информационного общества. В РТ сеть "Интернет" широко охватывает различные слои населения и связывает страну с мировым информационным пространством. Информационные технологии превратили «Новости» в движущую силу, которая играет определяющую роль в развитии современного мира. Новейшие информационные инструменты могут иметь как отрицательные, так и положительные последствия. Все зависит от пользователя и по какими целями используется информации.

В Таджикистане постепенно формируется рынок информационно-коммуникационных технологий, продуктов и услуг, увеличивается количество персональных компьютеров, растёт количество абонентов открытых мировых сетей. Ускоренно расширяются национальная сеть связи, спутниковая сеть, осуществляется обеспечение населения мобильными средствами связи. Начата и продолжается информатизация органов государственной власти, банковской сферы, отраслей экономики, транспорта, связи, образования, культуры и так далее.

РТ пока не располагает достаточными средствами и производственными возможностями для самостоятельного создания и развития национальной информационно-коммуникационной инфраструктуры и поэтому привлекает технику, технологии и программные продукты других стран. Такая ситуация требует разработки первоочередных мер, ориентированных на приоритетное развитие и защиту информационных ресурсов страны в условиях широкого внедрения информационно-коммуникационных технологий.

Согласно Концепции государственной информационной политики РТ утверждённой Указом Президента РТ от 30 апреля 2008 года, № 451 система информационной безопасности призвана обеспечивать сохранение государственной и других тайн, защищать информационные

---

[1]См.: Указ ПрезидентТ «О мерах по обеспечению доступа к мировым информационным сетям» от 16 сентября 1999 года, №1347, [Электронный ресурс]. Источник доступа: Централизованная информационно-правовая база данный Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. – URL: http://www.adliya.tj (дата обращения: 04.04.2024).

ресурсы и информационно-коммуникационную инфраструктуру от информационного воздействия, угрожающего государственной безопасности. Особого внимания заслуживают проблемы, связанные с возможностями использования средств информационно-психологического воздействия, являющегося областью потенциальных угроз личной и общественной безопасности. Серьёзной проблемой, требующей тщательного анализа и постоянного внимания, является информационная защита в связи с широким внедрением международного информационного обмена по межрегиональным и глобальным сетям.

В рамках эффективного участия РТ в глобальных открытых сетях подразумевает:

- организацию мониторинга и прогнозирования потребностей в различных видах информационного обмена по международным сетям;
- выработку общих принципов и рекомендаций по проведению согласованной политики по закупкам иностранных программно-технических и коммуникационных средств и их использованию в стратегически важных областях;
- правовое регулирование процессов информационного обмена по глобальным открытым сетям, прав, обязанностей и ответственности пользователей и перечня информации, не подлежащей передаче по этим сетям;
- активное участие в проектах развития мировых информационных сетей и международных организаций;
- постепенное вхождение в международные сети в соответствии с реальными потребностями в международном обмене информационными технологиями, продуктами и услугами, экономическими и технологическими возможностями;
- обеспечение и соблюдение требуемого уровня информационной безопасности при подключении к международным сетям;
- разработка механизмов информационного обмена в среде не декларированных возможностей компьютерных, информационно-коммуникационных и программных средств;
- совершенствование и развитие системы личной и общественной безопасности в информационном пространстве, устранение угрожающих информационных акций и мероприятий.

Осуществление целенаправленной информационной политики позволит защитить страну от потенциальной информационной, политической и культурной экспансий развитых стран и:

- решить задачу вхождения в мировые открытые сети национальных и корпоративных информационных и коммуникационных сетей с позиций защиты национальных информационных ресурсов и информационной инфраструктуры;
- предотвратить опасности использования новых информационных технологий в качестве информационного оружия и угрозы информационного терроризма.

Таким образом можно закончить статью следующими умозаключениями:

- информационная безопасность играет важную роль в современном цифровом мире, обеспечивая защиту прав человека от различных угроз;
- конституционно-правовые основы обеспечения информационной безопасности в РТ представляют собой систему гарантий и нормативных правил, направленных на защиту прав граждан и общества от угроз в информационной сфере;
- в РТ вопросы, связанные с информационной безопасностью и защитой информации, на законодательном уровне регулируются в полном объёме;
- с учётом развития виртуальных угроз, технологических инноваций и законодательных требований, специалисты по информационной безопасности должны постоянно совершенствовать свои знания и применять современные методы защиты, чтобы обеспечить безопасность данных и систем своих организаций.

**Литература:**

1. Бачило И.Л. Понятийный аппарат информационного права и система обеспечения информационной безопасности // Труды Института государства и права РАН.- 2016.- № 3.- С. 5-16.
2. Гаюров Ш. К., Ризоева С. К. К вопросу информации в гражданском праве / Ш. К. Гаюров, С. К. Ризоева // Правовая жизнь. – 2019. – № 3(27). – С. 98-108. – EDN NUJLDU.
3. Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 28 июня 2011 года, №721. Электронный ресурс: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=115479
4. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года. Электронный ресурс: https://www.mfa.tj/ru/main/tadzhikistan/konstitutsiya
5. Муродзода У. У. Принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон / У. У. Муродзода, И. О. Давронов // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2022. – No. 3. – P. 383-387. – EDN FENHVC.
6. Наимов Б. Г. Административное судопроизводство как гарант защиты прав граждан в Республике Таджикистан / Б. Г. Наимов, У. У. Муродзода // Государствоведение и права человека. – 2020. – № 2(18). – С. 81-89. – EDN SVWWTE.
7. Указ Президента Республики Таджикистан «Концепция государственной информационной политики Республики Таджикистан» от 30 апреля 2008 года № 451, [Электронный ресурс]. Источник доступа: Централизованная информационно-правовая база данный Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. – URL: http://www.adliya.tj (дата обращения: 04.04.2024).

8. Указ Президента Республики Таджикистан «О мерах по обеспечению доступа к мировым информационным сетям» от 16 сентября 1999 года, №1347, [Электронный ресурс]. Источник доступа: Централизованная информационно-правовая база данный Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. – URL: http://www.adliya.tj (дата обращения: 04.04.2024).

9. Шевко Н. Р. Актуальные проблемы обеспечения информационной безопасности современного общества / Н. Р. Шевко // Вестник Казанского юридического института МВД России. — 2012. — № 8. — С. 57–59.

**Бобоев Ф.А.,**
**Муродзода У.У.**

**Фишурда**

**Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти иттилоотӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

Дар мақолаи мазкур, ки ба амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот дар ҷомеа бахшида шудааст, таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ дар соҳаи иттилоот анҷом дода шудааст. Иттилоот ва амнияти он дар замони имрӯза яке аз масъалаҳои глобалӣ буда, ҷомеаи ҷаҳониро водор мекунад чораҳои сӯдманд андешанд.

**Бобоев Ф.А.,**
**Муродзода У.У.**

**Аннотация**

**Конституционно-правовые основы обеспечения информационной безопасности (на примере Республики Таджикистан)**

В данной статье, посвящённой информационной безопасности и защите информации в обществе, проведён анализ нормативных правовых актов и подзаконных актов в области информации. Информация и её безопасность в настоящее время являются одной из глобальных проблем, что побуждает мировое сообщество принять решительные меры.

**Boboev F.A.,**
**Murodzoda U.U.**

**The summary**

**Constitutional and legal framework for ensuring information security (using the example of the Republic of Tajikistan)**

In this article, devoted to information security and information protection in society, an analysis of regulatory legal acts and by-laws in the field of information is carried out. Information and its security are currently one of

the global problems, which prompts the world community to take decisive action.

**Рецензент статьи Гадоев Б. С. – доктор юридических наук, профессор.**

**УДК: 34. 01 + 340 (573. 3)** **Хаитов С.П.***

# АДМИНИСТРАТИВНЫЕ ПРИНУЖДЕНИЯ ЗА НАЛОГОВЫЕ ПРАВОНАРУШЕНИЯ

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, ҳуқуқ, андоз, маҷбурсозии маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, Кодекси ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, қонунгузорӣ, масъулият, пардохт, тартиби маъмурӣ, иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуки андоз, принсипҳои ҷавобгарии маъмурӣ, агенти андоз, санади меъёрӣ –ҳуқуқӣ.

**Ключевые слова:** Конституция, право, налог, административное принуждение, уголовное право, Уголовный кодекс, правонарушения, законодательство, сбор, ответственность, административный порядок, участники налоговых правоотношений, принципы административной ответственности, налоговый агент, нормативный правовой акт.

**Keywords:** Constitution, law, tax, administrative coercion, criminal law, Criminal Code, offenses, legislation, collection, responsibility, administrative procedure, participants in tax legal relations, principles of administrative responsibility, tax agent, normative legal act

**Калидвожаҳо:** принсип, танзими ҳуқуқӣ-маъмурӣ, фаъолияти бонкӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, қонунгузорӣ, низоми бонкӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва қарзӣ, сиёсати пулию қарзӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳисобгирӣ, ҳисобот, назорати давлатӣ.

**Ключевые слова:** принцип, административно-правовое регулирование, банковская деятельность, Национальный банк Таджикистана, банковская система, финансово-кредитные организации, денежно-кредитная политика, органы государственной власти, Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, учёт, отчётность, государственный контроль.

**Keywords:** principle, administrative and legal regulation, banking activities, National Bank of Tajikistan, banking system, financial and credit organizations, monetary policy, government bodies, Majlisi Namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, accounting, reporting, state control.

---

*Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Падидаи принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ аз лиҳози моҳияту мундариҷа дар сохтор ва мазмуни танзими ҳуқуқӣ-маъмурии муносибатҳои бонкӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Одатан, истилоҳи «принсип» асосҳои бунёдӣ, хусусиятҳои асосӣ, мазмун ва аҳаммияти тамоми фаъолияти бонкиро ифода мекунад[1].

Дар адабиётҳои илмӣ бошад, зери мафҳуми принсипҳои хуқуқи бонкӣ идеяҳои роҳбарикунандаю асосие фаҳмида мешаванд, ки дар қонунгузории ҷорӣ муқаррар шуда, моҳияти меъёрҳои ин соҳа ва самтҳои асосии сиёсати давлатро дар соҳаи танзимнамоии муносибатҳои ҷамъиятии мазкур инъикос менамоянд[2].

Дар назарияи принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ таваҷҷӯҳи хоссаро се масъалаи зерин ба худ диққати муҳаққиқонро ҷалб кардааст:

1) мафҳуми танзими хуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ;
2) танзими қонунгузории ин принсипҳо;
3) мазмуну моҳият ва намудҳои принсипҳои мазкур.

Принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ ҷанбаҳои муҳимми ташкил ва фаъолияти низоми бонкиро инъикос намуда, мазмуни муносибатҳои мураккаби дохили низомиро муайян мекунанд.

Принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ – ин ғояҳои бунёдӣ, меъёрҳо, қонунҳои объективии ташкил ва ташаккули низоми бонкиро дар маҷмуъ ифода намуда, самтҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки татбиқи салоҳият, вазифа ва функсияҳои Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд - БМТ) ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзии давлатиро, ки ба ҳайси бонк ба қайд гирифта шудаанд барои иҷрои функсияҳои идоракунӣ (аз ҷумла ваколатҳои контролӣ ва назоратӣ) муайян мекунанд.

Принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ бояд моҳияти низоми бонкӣ, аломатҳои нисбатан муҳими он, характери умумии идоракунӣ, иҷроия ва амрдиҳӣ, инчунин дигар намудҳои фаъолияти маъмурии мақомоти ҳокимияти давлатиро ба таври объективӣ инъикос намояд. Принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ қонуниятҳои муҳимтаринро дар низоми ташкил ва фаъолияти БМТ муқаррар мекунанд.

Принсипҳо вазъи ҳуқуқӣ-маъмурии субъектони фаъолияти бонкиро, ки қонун муқаррар кардааст, таъмин менамоянд. Ҳар як принсипи алоҳидаи танзими ҳуқуқии маъмурии фаъолияти бонкӣ на

---

[1]Ниг.: Наимов Б.Ғ. Принсипҳои асосии танзими низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва хуқуқи инсон. – 2019. – №4(16). – С. 56-74.

[2]Ниг.: Мирзоев П.З. Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: васоити таълимӣ (Маҷмӯи лексия ва масъалаҳои амалӣ). – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 9.

ҳама қонуниятҳои объективии ташкил ва амалисозии субъектҳои бонкиро, балки фақат баъзеи онҳоро инъикос менамояд. Аммо ҳамаи принсипҳо бо ҳам алоқамананд - риоя кардани яке ба амалӣ гардидани дигаре мусоидат мекунад ва баръакс, вайрон кардани як принсип ба иҷрои принсипҳои дигар таъсири манфӣ мерасонад.

Низоми принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ мавҷудияти манфиатҳои субъектҳои фаъолияти бонкиро муайян карда, мақсади танзим ва таъмини алоқаи байниҳамдигарии меъёрҳои сершумори ҳуқуқиро, ки амали онҳо аслан барои ноил шудан ва расидан ба мақсад ва ҳалли вазифаҳои давлат дар соҳаи сиёсати пулию қарзӣ нигаронида шудааст, дорад.

Аз ин рӯ, принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ ба мазмуни меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ, раванди идоракунӣ, меъёрэҷодкунӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва назоратӣ, санадҳои ҳуқуқии идоракунии фаъолияти бонкӣ таъсири амиқи худро мерасонанд.

Принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ вазифаҳои муҳимро иҷро мекунанд: онҳо асосҳои вазъи ҳуқуқии субъектҳои низоми бонкӣ, асосҳои ҳамкории онҳоро бо давлат ва байни худ, инчунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосӣ, маҳдудиятҳо ва ҷавобгариро муқаррар мекунанд.

Мақсад ва таъиноти асосии принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ муқаррар кардани хусусияти танзими ҳуқуқӣ-маъмурии муносибатҳои бонкӣ, муттаҳид намудани низоми махсуси ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқҳои субъективӣ, уҳдадориҳо ва ваколатҳои БМТ мебошад.

Одатан, принсипҳои ҳуқуқ ба принсипҳои умумӣ ва принсипҳои падидаҳои он тақсим мешаванд[1]. Принсипҳои умумии танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ ба қоида ва асосҳои аввалияи ҳуқуқ асос ёфта, унсурҳои асосии он, қонуниятҳои бунёд ва рушди механизми танзими ҳуқуқиро инъикос мекунанд.

Принсипҳои умумии танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ табиати ҳуқуқии онро ифода намуда, моҳияти механизми танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкиро тавсиф мекунанд, муқаррароти конститутсионии дорои хусусияти ҳуқуқӣ-маъмуриро дар робита ба фаъолияти БМТ дар ҳамаи низоми ҳуқуқӣ мушаххас намуда, аҳаммият ва нақши иҷтимоии онро муайян мекунанд.

Азбаски яке аз ҳадафҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ ташаккули самараноки танзим ва назорати бонкӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, таъмини тартибот дар низоми бонкӣ, манфиатҳои

---

[1]Ниг.: Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: васоити таълимӣ – Душанбе: Дониш, 2013. – 564 с.

ҷамъиятӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои БМТ мебошад, пас принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ бояд ҳатман ба мундариҷаи худ хусусиятҳои муҳимтарини ташкил ва фаъолияти БМТ ва дар маҷмуъ низоми бонкиро дохил намоянд.

Дар манбаъҳои илмӣ принсипҳои умумии танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкиро принсипҳои конститутсионӣ ва ё принсип-андашаҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ низ ном мебаранд[1]. Принсип-андашаҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ ин ҳамон принсипҳои умумие мебошанд, ки асосан тавассути муқаррароти конститутсионӣ танзим шудаанд. Ба монандӣ:

- принсипи қонуният ( моддаи 10 Конститутсияи ҶТ);
- принсипи озодии фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 12 Конститутсияи ҶТ);
- принсипи эътирофи гуногунии шаклҳои моликият, баробарҳуқуқии шаклҳои моликият ва ҳифзи баробари онҳо (моддаи 12 Конститутсияи ҶТ);
- принсипи фазои ягонаи иқтисодӣ (моддаи 12 Конститутсияи ҶТ);
- принсипи нигоҳдории рақобат ва роҳ надодани фаъолияти иқтисодии ба рақобат ва инҳисори беинсофона нигаронида шуда;
- принсипи мутаносибии манфиатҳои шахсии соҳибкорон ва манфиатҳои оммавии давлат ва ҷамъият.

Бинобар ин, принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ бояд бо ғояҳои асосие, ки механизми танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ дар асоси онҳо сохта шудааст, бунёд гарданд. Принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ робитаҳо ва шаклҳои амиқеро, ки дар умқи низоми бонкӣ ва фаъолияти бонкӣ ё бо иҷрои вазифаҳои идоракунии БМТ алоқаманданд, инъикос мекунанд.

Принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ тамоми андешаҳои ба падидаҳои он дохилшавандаро муттаҳид месозад. Ин қонуниятҳои идоракунӣ – ҳимояи судии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектони хоҷагидорро аз амал ва санадҳои ғайриқонунии идораи давлатӣ таъмин намуда, ба воситаи суд ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, инчунин ногузир будани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ ва ғайраро муқаррар менамоянд[2].

Ҳангоми тасниф кардани принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ, инчунин ҳангоми омӯзиши принсипҳои идоракунии давлатӣ ҷудо намудани онҳо ба принсипҳои конститутсионӣ ва ташкилӣ ба мақсад мувофиқ аст.

---

[1]Ниг.: Набиев С.А. Принципы административно-правового регулирования банковской деятельности: монография. – Новосибирск: Издательство ЦРНС, 2016. – С. 11-14.
[2]Ниг.: Марифхонов Р.Н. Проблемы правового регулирования административных процедур в Республике Таджикистан: монография. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 21-31.

Принсипҳои конститутсионӣ аз муқаррароти Конститутсияи ҶТ бармеоянд, ки дар санадҳои қонунгузории дахлдор мушаххасан муқаррар ва муайян карда мешаванд. Принсипҳои конститутсионии танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкиро аз рӯи сарчашмаи танзими меъёрии онҳо (аз рӯи сарчашмаҳои танзими ҳуқуқӣ) фарқ кардан мумкин аст[1]. Дар ин ҳолат онҳо бо меъёрҳои ҳуқуқӣ - конститутсионӣ муқаррар гардида, асоси ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти бонкӣ мебошанд. Дар баробари ин, санадҳои махсуси қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои бонкиро танзим мекунанд, муносибатҳои махсуси дорои хусусияти идоракуниро муайян намуда, муқаррароти асосии онҳо метавонанд ба сифати принсипҳои танзими ҳуқуқию маъмурии фаъолияти бонкӣ баромад кунанд.

Ба зумраи принсипҳои конститутсионии фаъолияти бонкӣ инҳоро шомил намудан мумкин аст:

– принсипи қонуният;

– принсипи афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амали бевосита ва ҳифзи ҳуқуқии онҳо;

– принсипи ягонагии низоми ҳокимияти давлатӣ;

– принсипи тақсимоти ҳокимият;

– принсипи таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба иштирок дар идоракунии давлатӣ ва идоракунии самаранок;

– принсипи баробарӣ дар назди қонун;

– принсипи инсондӯстӣ [2].

**Принсипҳои ташкилию функсионалии танзими ҳуқуқию маъмурии фаъолияти бонкӣ.** Принсипҳои ташкилӣ механизмҳои ташкил ва фаъолияти БМТ ва идораи давлатиро инъикос мекунанд. Принсипҳои ташкилии танзими ҳуқуқию маъмурии фаъолияти бонкӣ одатан дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фаъолияти бонкӣ муқаррар ва танзим карда мешаванд. Мутаассифона, дар қонунгузории соҳаи бонкии ҶТ принсипҳои ташкил ва амалисозии фаъолияти бонкӣ то имрӯз ба таври мушаххас муайян карда нашудааст. Аммо онҳо дар меъёрҳои алоҳидаи қонунгузории соҳа ба таври парешон ва номушаххас оварда шудаанд.

Принсипҳои ташкилии танзими ҳуқуқию маъмурии фаъолияти бонкӣ инҳо шуда метавонанд:

**1. Принсипи мустақилияти БМТ.** Барои низоми бонкии ҶТ ва ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ принсипи мустақилияти БМТ

---

[1]Ниг.: Гейвандов Я.А. Государственное регулирование банковской деятельности в Российской Федерации (теоретический и организационно-правовой аспект). – Санкт-Петербург, 1997. – С.126-129.

[2]Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 64 с.

аҳаммияти аввалиндарача дорад, ки танзими меъёрии худро дар Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №722[1] ёфтааст. Тибқи ин принсип, БМТ дар доираи ваколатҳои ба он додашуда, дар фаъолияти худ мустақил аст ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти БМТ дар иҷрои функсияҳои муқаррарнамудаи қонун ва ваколатҳои додашуда, дахолат намоянд (моддаи 8, 23.).

Мустақилияти БМТ, дар ташкили фаъолият ва истифодаи молу мулки он низ ифода меёбад. Аз ин рӯ, БМТ фаъолияти худро мустақилона ташкил ва амалӣ менамояд. Дахолати мақомоти давлатӣ дар ташкили фаъолияти он манъ аст.

БМТ дар доираи ваколатҳое, ки қонун ба вай додааст, мустақил мебошад. Аъзои Раёсат ва кормандони БМТ, ки барои қабул кардани қарор ваколат доранд, аз ягон шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла аз мақомоти давлатӣ супориш намегиранд.

**2. Принсипи назоратшаванда ва ҳисоботдиҳанда будани БМТ.** Принсипи мустақилияти БМТ ҳисоботдиҳанда будани онро дар доираи муайян дар назди мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ истисно намекунад. Дар моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» муносибати БМТ бо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ пешбинӣ гардидааст. Мувофиқи он БМТ дар назди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ҳисоботдиҳанда мебошад, ки он чунин амалӣ карда мешавад:

– Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ фармонҳои Президенти ҶТ - ро дар бораи ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани Раиси БМТ, муовини якум ва муовинони ӯ тасдиқ мекунад;

– Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ширкати дигари аудиториро барои гузаронидани аудити берунии БМТ мувофиқи моддаи 82 Қонуни мазкур дар сурати норозӣ будан аз натиҷаи аудити беруние, ки дар БМТ гузаронида шудааст, муайян мекунад;

– БМТ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ҳисоботи солона ва хулосаи аудиторӣ ба ҳисоботи молиявии БМТ–ро пешниҳод менамояд;

– БМТ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ маълумот оид ба самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии ҶТ ва ҳисоботро оид ба иҷрои он пешниҳод мекунад (моддаи 1, 4, 73, 82).

**3. Принсипи ягонагии талаботи асосӣ нисбати танзими ҳуқуқию маъмурии фаъолияти бонкӣ.** Низоми бонкӣ як низоми ба ҳам алоқаманди соҳаҳо буда, ҳар яки онҳо дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошанд. Аз ин рӯ, БМТ - ро ҳамчун як унсури низоми умумӣ ва

---

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №722 // АМОҶТ с.2011, №6 мод. 435; с.2014, №7,қ.2, мод.410; с.2018,№7-8, мод.531; с.2019, №7,мод.474; с.2020,№7-9, мод.627.

ҳамчун низоми нисбатан алоҳида омӯхтан мумкин аст. Ҷанбаи **аввал** диққатро ба муносибатҳои БМТ бо ташкилотҳои қарзӣ, **дуюм -** ба равандҳое, ки дар худи ин бонк рух медиҳанд, ҷалб мекунад. Мувофиқи ин низоми бонкиро ҳамчун маҷмуи зернизомҳо ва унсурҳои ба ҳам алоқаманд, ки бо мақсади ягонаи фаъолият муттаҳид шудаанд, фаҳмидан мумкин аст. Ин принсип аз хусусияти фаъолияти бонкӣ бармеояд. Бо ҳам якҷояшавии унсурҳои оммавӣ ва хусусӣ – ҳамкории дуруст ва моҳиронаи байни БМТ ва ташкилотҳои қарзиро дар сафарбаркунӣ барои иҷрои вазифаҳои макроиқтисодии дар назди давлат буда талаб мекунад. Ба иборaи дигар, омӯзиши принсипи ягонагии талаботи асосӣ нисбати танзими ҳуқуқию маъмурии фаъолияти бонкиро дар ду ҷиҳат баррасӣ кардан лозим аст: принсипи ягонагии талабот нисбати БМТ ва принсипи ягонагии талабот нисбати ташкилотҳои қарзӣ.

Ҳамин тариқ, фаъолияти БМТ ба принсипи ягонагии талаботи асосии нисбати он гузошташуда асос ёфтааст. Талаботи асосӣ ҳам барои дастгоҳи марказӣ ва ҳам муассисаҳои дар ҳудудҳои маъмурии ҶТ ва мутаносибан ба фаъолияти кормандон ва хизмачиёни ин бонк якхел мебошад. Принсипи ягонагии талабот мустақилияти БМТ - ро аз тағйиротҳои сохторӣ ва тағйиротҳои дигар дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин мекунад.

**4. Принсипи касбият ва салоҳиятнокии хизматчиёни бонк ҳангоми анҷом додани фаъолияти бонкӣ.** Ҳуқуқи маъмурӣ заминаи ҳуқуқии фаъолияти идоракуниро дар БМТ муқаррар мекунад. Бинобар ин, бонки зикршуда бояд иҷрои касбии вазифаҳо ва функсияҳои оммавиро таъмин намояд. Ин дар ҳақиқат муҳимтарин принсипи ҳуқуқи маъмурӣ аст, зеро бо кӯмаки он метавон дараҷаи мувофиқати худи бонкро ба мақомоти сершумори он ба ҳадафҳое, ки ҳамчун давлатӣ эълон кардааст, муайян кард. Принсипи касбият ва салоҳияти кормандони бонк принсипи пешбарандаи ташкил ва фаъолияти бонкӣ мебошад. Ин на танҳо яке аз талаботи асосии муайянкунандаи ташаккул ва фаъолияти амалии кадрҳоро муайян мекунад, балки шарти зарурии ҳуқуқие мебошад, ки бе иҷрои он ҳуқуқи ба даст овардани амалӣ намудани ваколатҳои мансабӣ ғайриимкон аст.

**5. Принсипи шаффофият дар фаъолияти бонкӣ.** Принсипи шаффофият дар низоми бонкӣ муҳимтарин заминаи ҳуқуқии таъмини иҷрои ҳадафҳои эълонкардаи давлат мебошад. Ин принсип адолатро таъмин мекунад ва имкони фикру мулоҳизаҳои шаҳрвандонро дар бораи худи давлат, БМТ бо мақсади ноил шудан ба ҳақиқат ва самаранокӣ кафолат медиҳад. Зарурати шаффофият дар фаъолияти бонкӣ ин ба ҳама ҷонибҳои манфиатдор ифшои маълумот дар бораи фаъолияти бонки марказӣ ва ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади таъмини пешгӯии муҳити иқтисодӣ ва фаҳмиши ҷамъиятии амали танзимкунанда

дар раванди татбиқи сиёсати пулию қарзии кишвар мебошад. Дар он масъалае, ки сирри давлатӣ ва ё иттилооти дастрасии маҳдуд бояд аз ҷониби ин бонк ҳифз карда шавад, шаффофият ҷойдошта наметавонад.

Принсипи шаффофият дар фаъолияти бонкӣ, аз як тараф, бо муқаррарот дар бораи зарурати иштироки шаҳрвандон дар идоракунии ин бонк ва ташкилотҳои қарзӣ, аз тарафи дигар, зарурати пайваста ба эътибор гирифтани андешаи шаҳрвандон ҳангоми ҳалли масъалаҳои давлатӣ дар соҳаи сиёсати пулию қарзии кишвар зоҳир мегардад. Маҳакҳои муҳимтарин барои таъмини шаффофият дар низоми бонкӣ инҳоянд:

-механизми ба назар гирифтани фикру андешаҳои шаҳрвандон;

- шароити ҳуқуқии таъмини амнияти шаҳрвандон ҳангоми танқиди онҳо аз фаъолияти ин бонк, шахсони мансабдор ва сохторҳои идоракунии он;

- таъмини шаффофият дар раванди фаъолияти бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ тавассути воситаҳои ахбори омма.

**6. Принсипи масъулияти БМТ барои санадҳои меъёрии (қарорҳои) қабулгардида.** Принсипи мазкур барои ҳавасманд намудани хизматчиён ва кормандони бонк барои софдилона ва дуруст иҷро намудани вазифаҳои хизматии худ, ки иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро нанамудани онҳо ҳатман боиси татбиқи чораҳои маҷбурсозии давлатӣ мегардад, пешбинӣ шудааст. Қарорҳои қабулкардаи ин бонк бояд ба талаботи қонуният ва мақсаднокӣ ҷавобгӯ бошанд ва бояд ба хусусияти умумии фаъолияти идоракунӣ мувофиқ бошанд. Қарорҳои нодурусти идоракунӣ метавонанд ба муносибатҳои бонкӣ зарар расонанд, аз ин рӯ, дар таҳия ва қабули чунин қарорҳо аҳаммияти махсус додан лозим аст.

**7.Принсипи ҷавобгарии хизматчиён ва кормандони бонк барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ.**Барои аз ҷониби хизматчиён ва кормандони бонк иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои ба зиммааш гузошташуда, баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, инчунин риоя накардани маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба хизмати бонкӣ, ки ба хизматрасонии бонкӣ алоқамандӣ, боиси ба хизматчии бонкӣ татбиқ кардани ҷазоҳои интизомӣ мегардад, агар ба шарте ки кирдори содиркардаи он боиси дигар ҷавобгарии ҳуқуқии пешбининамудаи қонун нагардад.

**8.Принсипи мутамаркази низоми бонкии Тоҷикистон** маънои онро дорад, ки низоми бонкии Тоҷикистон тавре ташкил карда шудааст, ки татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи пулию қарзӣ дар тамоми ҳудуди ҶТ таҳти роҳбарии умумӣ, мутамарказ таъмин карда мешавад. БМТ дорои ваколатҳои пурраи танзими бонкӣ, контрол, назорат ва амалисозии амалиёти бонкӣ дар тамоми ҳудуди ҶТ мебошад. Фаъолияти тамоми воҳидҳои ҳудудии ба низоми бонкии Тоҷикистон

дохилшуда аз як маркази ягона таҳти роҳбарии БМТ назорат ва роҳбарӣ карда мешавад.

**9.Принсипи ягонагии низоми бонкии Тоҷикистон** бо принсипи мутамарказ зич алоқаманд аст. Принсипи мазкур дар назар дорад, ки ҳамаи унсурҳои низоми бонки Тоҷикистон ба монандӣ мақсад ва вазифаҳо, ягонагии сохтори ташкилӣ ва вазифаҳои иҷрошаванда, инчунин усули амалишавӣ ва шаклҳои вокуниши онҳо ба вайронкунии қонунгузории ҷорӣ умумият доранд.

Ягонагии низоми бонкии Тоҷикистон, инчунин маънои онро дорад, ки тамоми унсурҳои он меъёрҳои ягонаи ҳуқуқиро, ки дар санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти ҶТ, Маҷлиси Олии ҶТ, Ҳукумати ҶТ ва БМТ муқаррар шудаанд, ба роҳбарӣ мегиранд.

**10.Принсипи сохтори амудии идоракунии** низоми бонкии Тоҷикистон чунин аст, ки мувофиқи он таъини шахсони мансабдор ва тобеияти онҳо танҳо тариқи амудӣ сурат мегирад. Ҳамин тавр, фармонҳои Президенти ҶТ - ро дар бораи ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани Раиси БМТ, муовини якум ва муовинони ӯ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ тасдиқ карда мешаванд. Сохторҳои зинаи поёнии низоми ягонаи бонки Тоҷикистон танҳо ба мақомоти болоии бонки Тоҷикистон тобеъ буда, ягон робитаи уфуқии тобеиятӣ ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ надоранд.

**11.Бо ҳам якҷошавии принсипи коллегиалӣ ва яккасардорӣ дар фаъолияти бонкии Тоҷикистон.** Мазмун ва моҳияти ин принсип аз муқаррароти моддаи 74 Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» бармеояд. Зимнан мувофиқи мазмуни он идоракунии БМТ тавассути Раёсат ва раиси БМТ сурат мегирад. Раёсат мақоми олии коллегиалӣ буда, самтҳои асосии фаъолият, роҳбарӣ ва идоракунии БМТ -ро муайян ва амалӣ шудани онҳоро назорат мекунад. Чунин ба назар мерасад, ки ҳамаи қарорҳои вобаста ба ташкил ва фаъолияти низоми бонкӣ ҳангоми амалисозии фаъолияти бонкӣ бояд ба таври коллегиалӣ тасдиқ карда шаванд.

Дар айни замон, оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти низоми бонкии Тоҷикистон дохил нестанд, раиси БМТ ҳуқуқ дорад, ки танҳо қарор қабул намояд. Ин, аз ҷумла, ба қабули қарорҳои инфиродӣ оид ба масъалаҳои идоракунии дохилии низоми бонки Тоҷикистон дахл дорад. Дар асоси моддаи 76 Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» раиси БМТ ҳуқуқ дорад аз номи он бе ваколатнома амал кунад ва манфиатҳои онро дар муносибат бо мақомоту ташкилотҳои давлатӣ, ташкилотҳои дигар, ташкилоти қарзии молиявӣ, ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ намояндагӣ кунад, аз рӯи ҳамаи масъалаҳои фаъолияти он, ба истисноии масъалаҳое, ки ба салоҳияти Раёсат тааллуқ доранд, қарорҳо қабул кунад, хизматчиёни ин бонкро ба

кор қабул ва аз кор озод кунад, фармонҳо барорад ва амрҳо диҳад, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи хизматчиёни ин бонк ва шӯъбаҳои он ҳатмӣ мебошад, инчунин дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунро амалӣ намояд.

Барои ҷамъбасти масъалаи баррасишаванда бояд қайд кард, ки сарфи назар аз фаровонии санадҳои қонунгузорӣ, ки низоми ҳуқуқии бонкии Тоҷикистонро мустақиман ё ғайримустақим танзим мекунанд, зарурати дақиқтар ифода кардани хусусиятҳои мақоми ҳуқуқӣ ва принсипҳои ташкили БМТ ҳамчун мақоми давлатӣ ва шахси ҳуқуқӣ ҷой дорад. Ҳамчунин барои беҳтар намудани вазъи ҳуқуқӣ-маъмурии субъектҳои фаъолияти бонкӣ ва такмили қонунгузории соҳаи бонкии кишвар мувофиқи мақсад аст, ки принсипҳои ташкил ва амалисозии фаъолияти бонкӣ дар моддаҳои алоҳидаи қонунгузории ҶТ дар бораи БМТ, дар бораи фаъолияти бонкӣ ва фаъолияти бонкии исломӣ мушаххсан танзим карда шаванд.

**Адабиёт:**

1. Гейвандов Я.А. Государственное регулирование банковской деятельности в Российской Федерации (теоретический и организационно-правовой аспект). – Санкт-Петербург, 1997.

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 64 с.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №722 // АМОҶТ с.2011, №6 мод. 435; с.2014, №7,қ.2, мод.410; с.2018,№7-8, мод.531; с.2019, №7,мод.474; с.2020,№7-9, мод.627.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, № 524 // АМОҶТ с. 2009, №5, мод. 331; с.2010 №7, мод.555; с.2011, №12, мод. 846, с. 2013, №11, мод.786; с. 2014,№11, мод.663; с.2018, №7-8, мод.532; с.2019, №6, мод.328; с.2020,№7-9, мод.628.

5. Марифхонов Р.Н. Проблемы правового регулирования административных процедур в Республике Таджикистан: монография. – Душанбе: Эр-граф, 2014.

6. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: васоити таълимӣ (Маҷмӯи лексия ва масъалаҳои амалӣ). – Душанбе: ЭР-граф, 2014.

7. Набиев С.А. Принципы административно-правового регулирования банковской деятельности: монография. – Новосибирск: Издательство ЦРНС, 2016.

8. Наимов Б.Ғ. Принсипҳои асосии танзими низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – №4(16). – С. 56-74.

9. Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: васоити таълимӣ. – Душанбе: Дониш, 2013. – 564 с.

**Қурбонова М.С.**

**Фишурда**

## Принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мақола яке аз масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ – принсипҳои ташкил ва амалисозии фаъолияти бонкӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода шудааст. Принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ ҷанбаҳои муҳимтарини ташкил ва фаъолияти низоми бонкиро инъикос намуда, мазмуни муносибатҳои мураккаби дохили низомиро муайян мекунанд. Инъикоси ҳуқуқии принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ ташкил ва фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон, устувории танзими ҳуқуқӣ-маъмурии муносибатҳои бонкӣ, инчунин асоснокии тамоюлҳои инкишофи қонунгузории бонкиро дар маҷмуъ ифода менамояд.

Принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ бо мавҷудияти принсипҳои фаъолияти мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сиёсати пулию қарзӣ, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, муайян карда мешаванд. Онҳо моҳияти низоми бонкӣ, аломатҳои нисбатан муҳими он, характери умумии идоракунӣ, иҷроия ва амрдиҳӣ, инчунин дигар намудҳои фаъолияти маъмурии бонки Тоҷикистонро ба таври объективӣ инъикос менамоянд. Принсипҳои ташкил ва амалисозии фаъолияти бонкӣ дар санадҳои гуногуни қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

Муаллиф, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фаъолияти бонкиро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки принсипҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии фаъолияти бонкӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пароканда ва ноустувор танзим карда шудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки низоми мушаххаси принсипҳои ташкил ва амалисозии фаъолияти бонкӣ дар моддаҳои алоҳидаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» муқаррар карда шаванд.

**Қурбонова М.С.**

**Аннотация**

**Принципы административно-правового регулирования банковской деятельности в Республики Таджикистан**

В статье научному исследованию подвергнуты одни из важнейших вопросов административно-правового регулирования банковской деятельности – принципы организации и осуществление банковской деятельности. Принципы административно-правового регулирования банковской деятельности, отражая важнейшие характерные черты (свойства) организации и деятельности банковской системы, определяют содержание сложнейших отношений внутренней системы банка. Правовое отражение принципов административно-правового регулирования банковской деятельности представляет собой организацию и деятельность банков в Таджикистане, устойчивое административно-правовое регулирование банковских отношений, а также обоснованность тенденций развития банковского законодательства.

Принципы административного правового регулирования банковской деятельности определяются на основе существования принципов деятельности уполномоченных государственных органов в сфере денежно-кредитной политики, осуществляемых НБТ. Они объективно отражают сущность банковской системы, ее сравнительно-важные особенности, общий характер управленческой, исполнительной, распорядительной, а также других видов административной деятельности НБТ. Принципы организации и осуществления банковской деятельности установлены в различных законодательных и нормативно-правовых актах, а именно в Конституции Республики Таджикистан, законодательных актах, постановлениях Маджилиси намояндагон Маджили Оли Республики Таджикистан, указах Президента Республики Таджикистан, постановлениях Правительства Республики Таджикистан и нормативно-правовых актах Национального банка Таджикистана.

Автор, проанализировав нормативно-правовые акты сферы банковской деятельности, отмечает, что принципы административно-правового регулирования банковской деятельности в законодательстве Республики Таджикистан регулированы разбросанно и нестабильно. Предлагается закрепить специфическую систему принципов организации и осуществления банковской деятельности в определенных статьях законов Республики Таджикистан «О Национальном банке Таджикистана», «О банковской деятельности» и «Об исламской банковской деятельности».

Kurbonova M.S.

The summary

**Principles of administrative and legal regulation of banking activities in the Republic of Tajikistan**

The article subjects scientific research to some of the most important issues of administrative and legal regulation of banking activities - the principles of organization and implementation of banking activities. The principles of administrative and legal regulation of banking activities, reflecting the most important characteristic features (properties) of the organization and activities of the banking system, determine the content of the most complex relations of the internal system of the bank. The legal reflection of the principles of administrative and legal regulation of banking activities represents the organization and activities of the Bank of Tajikistan, sustainable administrative and legal regulation of banking relations, as well as the validity of development trends in banking legislation.

The principles of administrative legal regulation of banking activities are determined on the basis of the existence of principles for the activities of authorized state bodies in the field of monetary policy, carried out by the Bank of Tajikistan. They objectively reflect the essence of the banking system, its comparatively important features, the general nature of managerial, executive, administrative, as well as other types of administrative activities of the Bank of Tajikistan. The principles of organization and implementation of banking activities are established in various legislative and regulatory acts, namely in the Constitution of the Republic of Tajikistan, legislative acts, decrees of the Majilisi Namoyandagon Majili Oli of the Republic of Tajikistan, decrees of the President of the Republic of Tajikistan, decrees of the Government of the Republic of Tajikistan and regulations of the National Bank Tajikistan.

The author, having analyzed the regulatory legal acts of the banking sector, notes that the principles of administrative and legal regulation of banking activities in the legislation of the Republic of Tajikistan are regulated scatteredly and unstable. It is proposed to consolidate a specific system of principles for the organization and activities of the Bank of Tajikistan in certain articles of the Laws of the Republic of Tajikistan “On the National Bank of Tajikistan”, “On Banking Activities” and “On Islamic Banking” Activities.”

**Муқарризи мақола Ғаюрзода Ш. К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.**

## III. ИЛМҲОИ ХУСУСӢ – ҲУҚУҚӢ (МАДАНӢ) (ИХТИСОС: 5. 1. 3)

## III. ЧАСТНО – ПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 3)

**К 100 - ЛЕТИЮ ДОКТОРА ЮРИДИЧЕСКИХ НАУК, ПРОФЕССОРА, ЗАСЛУЖЕННОГО ДЕЯТЕЛЯ НАУКИ И ТЕХНИКИ ТАДЖИКИСТАНА ВИКТОРА АРКАДЕВИЧА ОЙГЕНЗИХТА (1924- 2024ГГ.) ПОСВЯЩАЕТСЯ.**

**УДК: 347. 4 (575. 3)** **Рахимзода М. З.***

# РОЛЬ ПРОФЕССОРА ВИКТОРА АРКАДЬЕВИЧА ОЙГЕНЗИХТА В РАЗВИТИЕ ЦИВИЛИСТИЧЕСКОЙ НАУКИ

**Калидвожаҳо:** Виктор Аркадьевич Ойгензихт, дониш, ҳунар, меҳрубон, қобилият, ғамхор, олим, ҳуқуқи маданӣ, масъалаҳо, илм, амалия, таҷриба, фаъолияти илмӣ, диссертатсия, монография, мақола, машғулият, лексия, ирода, ахлоқ, уҳдадорӣ, боэътимод, меҳнат, омодагӣ, кадрҳои ҷавон, танзим, ҷавобгарӣ, ҳимоя, субъект, объект, натиҷа, ходими илм.

**Ключевые слова.** Виктор Аркадьевич Ойгензихт, знание, талант, доброта, умение, забота, учёный, гражданское право, проблемы, наука, практика, опыт, научная деятельность, диссертация, монография, статьи, занятия, лекция, воля, мораль, обязанности, достоверность, труд, подготовка, молодые кадры, регулирование, ответственность, защита, субъект, объект, результат, деятель науки.

**Keywords.** Viktor Arkadievich Eugensiht, knowledge, talent, kindness, skill, care, scientist, civil law, problems, science, practice, experience, scientific activity, dissertation, monograph, articles, classes, lecture, will, morality, duties, reliability, work, training, young personnel, regulation, responsibility, protection, subject, object, result, scientist.

Имя В. А. Ойгензихта известно не только в Таджикистане, но и далеко за его пределами. Он был ученым широкого профиля, глубоко знавшим проблемы теории права, гражданского, хозяйственного, трудового, семейного и других отраслей пра-

* Член - корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор, Деятель науки и техники Таджикистана.

ва. Им опубликовано 11 монографий, учебных пособий и более 250 научных статей по различным правовым проблемам. Эти труды вынесли не только огромный вклад в развитие теории юридической науки, в том числе гражданском праве, но и прававой правопаганде, прававом просвещении, и воспитании, а также правовой культуры населения.

В этом гаду ему исполнилось бы сто лет. Он несомненно войдет в историю Таджикистана одним из самых ярких ученых, неутомимым, талантливым исследователем, просветителем правам, прекрасным человеком и педагогом, сохранившим свежесть взглядов на науку.

В. А. Ойгензихт родился в 1924 году в городе Харьков Украинской ССР. Окончил Всесоюзный юридический заочный институт (ВЮЗИ). После окончания института работал на практической работе в народном хозяйстве. Долгие годы он возглавлял юридический отдел Таджикпотребсоюза Республики Таджикистан. В 1966 г. успешно защитил кандидатскую диссертацию на тему: «Правовое регулирование торооборота в СССР». Работая, он одновременно преподавал на юридическом факультете Таджикского государственного университета. В 1967 г. он перешел на постоянную работу на кафедру гражданского права юридического факультета ТГУ им. В. И. Ленина на должность старшего преподавателя, а затем работал в качестве доцента и профессора. Являясь признанным ученым, создателем научного цивилистического направления и имея свою научную цивилистическую школу, он совмещал активную и плодотворную научную деятельность с не менее активной преподавательской деятельностью. С 1976 по 1981 гг. был заведующим кафедрой гражданского права. После реорганизации кафедры гражданского права был избран заведующим кафедрой хозяйственного законодательства и трудового права (ныне кафедра предпринимательского и коммерческого права). Заведовал названной кафедрой с1981 по 1991 гг.

Докторская диссертация Виктора Аркадьевича Ойгензихта «Проблема риска в гражданском праве» была защищена в 1975г. Она была результатом многолетнего титанического исследовательского труда автора.

В. А. Ойгензихт разработал основу для развития нового научного направления проблем риска, нетипичных отношений, альтернативы в гражданском праве, призумпции в гражданском праве, воля и волеизъявление и т. д. Его перу принадлежит ряд монографических исследований, как: «Правовое регулирование торооборота в СССР» (1966), «Проблема риска в гражданском праве» (1972), «Презумпции в советском гражданском праве» (1976), «Имущественная ответственность в хозяйственных договорах» (1980), «Воля и волеизъявление (Очерки теории, философии и психологии права)» (1983), «Нетипичные договорные отношения в гражданском праве» (1984), «Мораль и право» (1987), «Юридическое лицо и трудовой коллектив: поведение, ответственность» (1988), «Альтернатива в гражданском праве» (1991), законодательство Республики Таджикистан о коммерческой и предпринимательской деятельности (Очерк–комментарий, законодательные акты, рекомендации) (1992), проблемные статьи в журналах «Советское государство и право», «Правоведение», «Хозяйство и право», «Коммунист», «Известия АН РТ» и др., в сборниках

научных работ в вузах Москвы, Ленинграда, Свердловска, Томска, Ижевска, Тюмени, Киева, Алма-Аты, Ташкента, Душанбе и т. д.

В. А. Ойгензихт всегда брался за разработку наиболее сложных и спорных проблем гражданского права. Значительный научный интерес представляет цикл его работ, посвященных актуальным теоретическим проблемам гражданского права. Итогом его неустанной творческой деятельности явилось издание ряда фундаментальных монографий по ключевым проблемам гражданского права. «Проблема риска в гражданском праве» (1972), по существу была первым крупным монографическим исследованием в гражданском праве, где было получено положительное решение ряда сложных и во многом спорных теоретических проблем. По прошествии полувека это работа и сегодня, является одним из самых интересных монографии в цивилистической науки.

Это и развернутое определение риска как субъективной категории, взаимосвязь риска с объективным случаем и непреодолимой силой, риск как субъективное основание гражданско-правовой ответственности, а также распределение убытков, соотношение юридической и фактической невозможности исполнения обязательства и их связь с риском, и многие другие ключевые вопросы теории риска. В настоящее время концепция субъективного риска как основания гражданско-правовой ответственности за нарушение обязательства, является одним из главных научных направлений, обосновывающих такую ответственность. Концепция субъективного риска приобретает особенно важное практическое значение в условиях рыночной экономики. Эта концепция, включающая обоснование субъективного риска предпринимателя, нередко в неформальных дискуссиях так и обозначается, как концепция профессора В. А. Ойгензихта.

Другое не менее значительное монографическое исследование является «Презумпции в советском гражданском праве» (1976), представляет собой глубокое в теоретическом плане исследование. В нем он предложил всесторонне обоснованную систему аргументов в пользу наличия правовой презумпции. По его мнению, презумпция - это субъективное предположение о неизвестном факте, обусловленное вероятностью его существования и проявления. В работе обращается внимание на отдельные разновидности материально - правовых презумпций, в частности, презумпции очевидного факта, презумпции неустановленного факта, презумпции смерти, презумпции правосубъектности, презумпции добросовестности. Приведенные всесторонне обоснованные материально-правовые презумпции являются предпосылкой для определения понятий презумпции виновности в гражданском праве.

Вопросам имущественной ответственности посвящена другая его работа «Имущественная ответственность в хозяйственных договорах» (1980). В ней была сделана попытка раскрыть один из наиболее важных и сложных правовых институтов – институт юридической ответственности, применительно к нарушениям хозяйственных договоров. Характеризуются понятие, его виды и функции, с условиями их применения. Освещаются меры ответственности, их структура и виды, применяемые за различные нарушения, пути повышения эффективности ответственности и предотвращения нарушений договорной дисциплины.

Поистине одной из фундаментальных работ Виктора Аркадьевича является «Воля и волеизъявление. (Очерки теории, философии и психологии права)» (1983). Это научное исследование получило всеобщее одобрение многих ведущих ученых страны. Работа вобрала в себя все аспекты проявления воли и волеизъявления, их соотношения в процессе заключения сделок, обоснования воли как свободы выбора поведения, воли, возведенной в закон, и их проявление в правоотношениях, волеизъявление как способ согласования воли субъектов, воля как элемент вины, их проявление в разных формах вины, взаимосвязь воли и риска. Иначе, это труд, глубоко сочетающий философские, психологические и юридические аспекты категории воли и волеизъявления.

Одним из важных исследований В.А. Ойгензихта является его монография «Нетипичные договорные отношения в гражданском праве» (1984). Она посвящена одному из недостаточно исследованных вопросов в гражданском праве – нетипичным договорным отношенияи. В ней рассматривается понятие нетипичных договорных отношений, раскрывается их значение, место в гражданском праве, показывается связь и отличие их от типичными договорных институтов. В частности, раскрываются специфичные особенности договоров по оказанию услуг личного характера, акцессорные отношения хранения, фактические договоры найма, перевозки, в сфере связи, кредитно-расчетных отношений, при неосновательном приобретении имущества и т.п.

Другим важным его исследованием является изучение вопросов «Юридическое лицо и трудовой коллектив: Сущность. Поведение. Ответственность» (1988). В нем он обращает внимание на острые и спорные проблемы сущности, поведения и ответственности юридического лица и трудового коллектива. Анализируются теоретические концепции соотношения понятий: предприятие, юридическое лицо, трудовой коллектив, администрация. Раскрывается сущность этих категорий, подвергаются критике антисубстративные конструкции юридического лица. Анализируются механизм поведения предприятия, условия и понятие ответственности юридического лица, феномен его вины. Характеризуются вопросы соотношения воли членов трудового коллектива с волей всего трудового коллектива, с волей предприятия. Освещаются ответственность юридических лиц, коллизионные взгляды на вину юридического лица, на условия применения к нему ответственности.

В монографии «Альтернатива в гражданском праве» (1991) через призму альтернативного подхода, выбора вариантов поведения рассматриваются теоретические проблемы гражданского законодательства, в том числе вопросы договорных отношений, свобода выбора партнеров, возможности по обоюдному волеизъявлению определить те или иные условия договора, его исполнения и ответственности за его нарушения в условиях рыночной экономики. На основании анализа законодательства рассматриваются возможности использования выбора и альтернатив, определяемых в правовых нормах, проблемы совершенствования в этом направлении законодательства с учетом отказа от чрезмерной зарегулированности, особенно в хозяйственных отношениях. Исследуются различные обязательства и юридические категории через призму альтернативы и альтернативности. Отмечается, что воз-

можность обдуманного выбора позволяет избрать наиболее оптимальный путь и в экономике, и в других областях.

Его пером принадлежит и книга «Законодательство Республики Таджикистан о коммерческой и предпринимательской деятельности (Очерк–комментарий, законодательные акты, рекомендации) (1992)». Работа было написано с учетом развитие предпринимательства, перехода к рыночным отношениям и дальнейшего демократизации нашего общества. Он указывал, что правовое обеспечение этих отношений в том числе, предпринимательской деятельности является важнейшим аспектом демократизации гражданского законодательства, его коммерческо-предпринимательской сферы. В книге рассматривается различные аспекты этого процесса, дается анализ и комментарий в то время действующего законодательства Республики Таджикистан, указывается на пути его развития.

Научные исследования Виктора Аркадьевича отличаются глубокой научной аргументированностью, насыщенностью, фундаментальностью в сочетании с хорошей литературной формой и направленностью на решение практических задач. Теоретические выводы и практические предложения Виктора Аркадьевича относительно проблем риска, гражданско-правовой ответственности, воли и волеизъявления, презумпции юридического лица, нетипичных отношений, морали, права, альтернативы представляются поистине огромным вкладом в развитие цивилистической науки.

Виктор Аркадьевич активно участвовал в научно–практических конференциях, диссертационных советах, форумах и дискуссиях по основным проблемам, привлекавшим внимание ученых - юристов того времени: соотношение гражданского и хозяйственного права, проблемы собственности; роль и значение товарно-денежных отношений; укрепление договорной дисциплины; сочетание жесткого вертикального планирования с самостоятельной активностью участников гражданского оборота. И здесь, в центре споров и научных дискуссий в Москве, Ленинграде, Киеве, Харькове, Свердловске, Томске, Ташкенте, Алматы, Уфе, Душанбе и других городах бывшего Союза постоянно и активно участвовал профессор Ойгензихт В. А.

В. А. Ойгензихт часто выступал в качестве оппонента по кандидатским и докторским диссертациям. Был членом диссертационного совета Института философии и права АН Республики Узбекистан, Свердловского юридического института.

В. А. Ойгензихт обладал удивительным даром предвидения. Многие его теоретические выводы и практические предложения становятся наиболее актуальными на сегодняшний день, а на его теоретические выводы часто делаются ссылки.

В. А. Ойгензихт – Учитель с большой буквы. Он воспитал не одно поколение студентов-юристов, внес значительный вклад в подготовку научных кадров, как в республике, так и за ее пределами. Под его непосредственном руководстве защитили кандидатские и докторские диссертации Менглиев Ш. М., Рахимзода (Рахимов) М. З., Амосов С. М., Стрельникова Е. Н, Шонасридинов Н., Азизкулова Г. С. и Нодиров Ф. М.

Он с большим энтузиазмом читал лекции. Его глубокое знание проблем, их практическая направленность, отточенное лекторское мастерство привлекали всех слушателей-студентов, учёных, преподавателей и практических работников. Он

своим страстным, горячим словом зажигал сердца слушателей, пробуждая их творческую мысль, прививал в них убежденность.

Он был человеком редкой, светлой души. В нем сочетались доброта, мягкость с принципиальностью, требовательностью к себе и к другим.

Его заслуги были отмечены медалями «За доблестный труд», «Ветеран труда», нагрудными знаками «Отличник просвещения СССР», «Отличник народного образования Республики Таджикистан», почетным званием «Заслуженный деятель науки Республики Таджикистан» и Грамотами Президиума Верховного Совета Республики Таджикистан.

**Литература:**

1. Басин Ю. Г. Виктор Аркадьевич Ойгензихт. //Материалы международной научно-теоретической конференции, посвященной памяти В. А. Ойгензихта «Коммерческое законодательство Республики Таджикистан: становление и развитие». - Душанбе. - 2004. - С.30 – 33.
2. Исмаилов Ш.М. О взглядах профессора В.А. Ойгензихта в отношение факторов риска и гражданско-правовой ответственности // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: матер. V межд. научно-практической конф. (Душанбе, 31 октября 2017 г.). – Душанбе: РТСУ, 2017. – С.192-199.
3. Клеандров М.И., Исмаилов Ш.М. А.Ойгензихт: воля и волеизъявление… //Материалы международной научно-теоретической конференции, посвященной памяти В.А.Ойгензихта «Коммерческое законодательство Республики Таджикистан: становление и развитие». - Душанбе. - 2004. - С.4-30.
4. Ойгензихт В.А. Проблема риска в гражданском праве (общая часть). – Душанбе: Ирфон, 1972. – 225 с.
5. Ойгензихт В.А. Презумпция в советском гражданском праве. – Душанбе: Ирфон, 1976. - 190 с.
6. Ойгензихт В.А. Юридическое лицо и трудовой коллектив: Сущность. Поведение. Ответственность. Учебное пособие. - Душанбе, 1988. - 116 с.
7. Ойгензихт В.А. Воля и волеизъявление (Вопросы теории, философии и психологии права). - Душанбе: Дониш. - 1989. - 256 с.
8. Рахимов М. З. Предпринимательский риск. //Материалы международной научно-теоретической конференции, посвященной памяти В.А.Ойгензихта «Коммерческое законодательство Республики Таджикистан: становление и развитие». - Душанбе. - 2004. - С.98 – 104.

**Раҳимзода М. З.**

**Фишурда**
**Нақши профессор Виктор Аркадевич Ойгензихт дар рушди илми маданӣ.**

Ин мақола ба 100 солагии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Виктор Аркадевич Ойгензихт (солҳои 1924- 2024.) бахшида шудааст. Дар он хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқи маданӣ муаррифӣ шудааст. Тибқи ақидаи муаллиф Виктор Аркадевич Ойгензихт дар таърихи Тоҷикистон ҳамчун олими намоён, муҳаққиқи меҳнатқарин, ҳунарманд, ҳуқуқшиноси донишманд, инсон ва омӯзгори комил, ки ҷаҳонбиниаш дар илм муҳим мебошад, нақш дорад.

**Рахимзода М. З.**

**Аннотация**
**Роль профессора Виктора Аркадьевича Ойгензихта в развитие цивилистической науки.**

Данная статья посвящается 100 - летию доктора юридических наук, профессора, Заслуженного деятеля науки и техники Таджикистана Виктору Аркадьевичу Ойгензихту (1924- 2024гг.). В статье обобщается выводы и предложения автора по различным проблема гражданского права. По мнению автора Виктор Аркадьевич Ойгензихт войдет в историю Таджикистана одним из самых ярких ученых, неутомимым, талантливым исследователем, просветителем правом, прекрасным человеком и педагогом, сохранившим свежесть взглядов на науку.

**Rahimzoda M. Z.**

**The summary**
**The role of Professor Viktor Arkadyevich Eugensiht in the development of civil science.**

This article is dedicated to the 100th anniversary of Doctor of Law, Professor, Honored Worker of Science and Technology of Tajikistan Viktor Arkadyevich Eugensiht (1924-2024). The article summarizes the author's conclusions and suggestions on various problems of civil law. According to the author, Viktor Arkadyevich Eugensiht will go down in the history of Tajikistan as one of the brightest scientists, a tireless, talented researcher, an educator of law, a wonderful person and a teacher who has preserved the freshness of views on.

**Рецензент статьи Гаюрзода Ш. К. – доктор юридических наук, профессор.**

ВБД: 347. 4 (575. 3)

Мирзозода П.З.,*
Каримов Х.С.*

# ОМИЛҲОИ МОЛУ МУЛКИЮ ҲУҚУҚИИ МУОМИЛОТИ МАДАНИИ САРВАТҲОИ АСЪОРӢ

**Калидвожаҳо:** ашё, ҳуқуқҳои ашёӣ, муносибатҳои ашёӣ, моликият, ҳуқуқи моликият, сарватҳои асъорӣ, қонунгузорӣ, уҳдадорӣ, ҳисоббаробаркунӣ, амалиёти асъорӣ, субъект, ҳуқуқи маданӣ, қоғазҳои қиматнок, муомилот, бонк, пардохт, шартнома, заминаҳои ҳуқуқӣ.

**Ключевые слова:** объект, вещные права, вещные отношения, собственность, права собственности, валютные активы, законодательство, обязательство, расчет, валютная операция, субъект, гражданское право, ценные бумаги, сделка, банк, платеж, договор, правовая основа.

**Keywords:** object, object rights, object relations, property, property rights, currency assets, legislation, obligation, calculation, currency transaction, subject, cultural rights, securities, transaction, bank, payment, agreement, legal basis.

Ба сифати заминаи зарурии муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ, ба мисли шаклҳои алоҳидаи он ҳуқуқҳои ашёӣ баромад мекунанд. Ин бо он асоснок мегардад, ки худи муомилот танҳо вақте ва бо шарте пайдо мегардад, ки замон ва шарти азхуднамоии сарватҳои асъорӣ ба вучуд оянд.

О.С. Колбасов қайд мекунад, ки ҳарчанд «объектҳои об» дар марҳалаҳои гуногуни рушди қонунгузории об мафҳуми калидӣ ба шумор мераванд, аммо таърифи ҳуқуқии он ва тавсифи минбаъдаи он як қатор носаҳеҳиҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки бисёр ногуфта мондаанд[2]. Д.О. Сиваков бар он назар аст, ки бо дарназардошти ҳамаи эродҳои интиқодӣ ин истилоҳ дар ҳуқуқ ва қонунгузории муосири об мавқеи марказиро ишғол намуда, иваз кардани он ба дигар маъност, ки доираи ҳуқуқ ва қонунгузории обро танг мекунад[3].

Ба ақидаи М.М. Соҳибзода объектҳои об ин моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодабарии самараноки онро барои аҳолӣ кафолат дода, бегонакунии объектҳои обиро манъ менамояд ва объектҳои обӣ бояд ба таври ҷиддӣ тибқи таъйинот истифода бурда шаванд[4].

Воқеан, ошкор ва бартараф намудани камбудиҳои вобаста ба объектҳои об ҷойдошта, шарти зарурии инкишофи минбаъдаи қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти хоҷагии об мебошад.

Мувофики моддаи 1-и Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КО ҶТ) объекти об – махзани табиӣ ё сунъии об, обрав ё дигар объекти ҷамъшавии доимӣ ва ё муваққатии об, ки дар он намуд ва нишонаҳои хоси реҷаи обӣ вуҷуд доранд[5], фаҳмида мешавад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми объекти об аз ҷониби қонунгузор та-

---

[1] Ба таври муфассал, ниг.: Саидов Х.М. Вода как объект гражданских прав // Государство и право.- Душанбе, 2012. - № 3. – С. 81- 86.

[2]Ниг.: Колбасов О.С. О новом Водном кодексе Российской Федерации // Законодательство и экономика. -1997.- № 1—2. - С. 15-16.

[3]Ниг.: Сиваков Д.О. Водный объект и водный фонд как правовые понятия // Lex russica (Русский закон). -2016.- №6 (115). –С. 91-102.

[4] Ниг.: Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои хуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. –С. 70.

[5]Ниг.: Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1688. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.05 соли 2024).

вассути омезиши аломатҳои муҳим ва номбар кардани баъзе шаклҳои марбут ба объектҳои об ошкор карда мешавад. Сипас қонунгузор хусусиятҳои номбаршударо (реҷаи обӣ, ҷамъшавии доимӣ ва ё муваққатии обҳо) ва таркибҳои табииро (обравҳо, ҳавзобаҳо) ошкор мекунад. Чунин равиши қонунгузор кофӣ нест, зеро барои муайян кардани ин ё он мафҳум нишонаҳои муҳимми онро мушаххас кардан зарур аст. Бояд қайд намуд, мувофиқи моддаи 6-и КО ҶТ вобаста ба хусусиятҳои реҷаи физикӣ, морфометрӣ, географӣ ва дигар хусусиятҳо объектҳои обро ба рӯизаминӣ ва зеризаминӣ тақсим менамоянд. Дар асоси моддаи 6-и КО ҶТ мафҳуми «объектҳои оби рӯизаминӣ» на танҳо массаҳои об, балки заминҳоеро, ки онҳо дар доираи хатти соҳилӣ фаро гирифта шудаанд, дар бар мегирад. Дар ин ҷо хусусияти ҳатмии объектҳои оби рӯизаминӣ - ин алоқаи замин ва об мебошад. Мафҳуми «объектҳои оби рӯизаминӣ» аз обҳои рӯизаминӣ ва заминҳои фарогирифтаи онҳо дар ҳудуди хатти соҳилӣ иборат мебошанд. Ба объектҳои оби рӯизаминӣ обравҳо (дарёҳо, сойҳо, каналҳо), ҳавзобаҳо (кӯлҳо, толобҳо, карйерҳо, обанборҳо, селпарто), ботлоқҳо, баромадгоҳҳои табиии обҳои зеризаминӣ (чашмаҳо, гармчашмаҳо), пиряххо, барфтӯдаҳо дохил мешаванд. Бояд қайд кард, ки дар КО ҶТ, ки соли 2000 қабул шуда, то соли 2020 амал мекард, чунин таснифи намудҳои объектҳои оби рӯизаминӣ мушаххас нашуда буд.

Яке аз намуди объектҳои оби рӯизаминӣ ин ҳавзобаҳо мебошанд, ки мафҳуми дастаҷамъӣ буда, ба онҳо кӯлҳо, толобҳо, карйерҳо, обанборҳо, селпарто дохил мешаванд. Намуди дигари объектҳои оби рӯизаминӣ ин обравҳо мебошанд, ки ба онҳо дарёҳо, сойҳо, каналҳоро дохил намудан имконпазир аст.

Хусусиятҳои ҳатмии объектҳои оби рӯизаминӣ, ки табиатан бетағйир мондаанд, дар намудҳо ва зернамудҳои он бо тарзҳои гуногун зоҳир мешаванд. Баъзан тағйирёбии хусусиятҳои асосии мафҳуми ҳуқуқии «объекти оби рӯизаминӣ» ба муҳлат ва давраи истифодаи об таъсир мерасонад. Чунон ки қонунгузор муқаррар мекунад, ҷамъшавии об дар таркиби объекти об метавонад муваққатӣ, яъне вобаста ба реҷаи дахлдори об мавсимӣ бошад. Дар баробари нишонаҳои ҳатмии объекти об, ки бо тарзҳои гуногун зоҳир мешаванд, нишонаҳои иловагӣ мавҷуданд. Онҳо вобаста ба таснифоти гуногуни объекти об мушаххас мешаванд, чунки баъзе объектҳои об пайдоиши сунъӣ (ҳавз, обанбор, канал) дошта метавонанд. Аз ҷиҳати экологӣ мафҳуми объекти оби рӯизаминӣ метавонад набототу ҳайвоноти обии зиндаро низ дар бар гирад. Аммо, ин хусусият метавонад ё тамоман вуҷуд надошта бошад ё ба ҳадди ақал кам карда шавад. Ин хусусиятҳои иловагӣ, инчунин дар муайян кардани намудҳои гуногуни истифодаи об, аз ҷумла таъмини об барои истифода барои эҳтиёҷоти шикор ва моҳидорӣ нақш мебозанд.

Гузашта аз он, қонунгузории ҶТ ба саволи он ки оё объектҳои оби рӯизаминӣ ашёи ғайриманқул мебошанд, ҷавоби мустақим намедиҳад.

Бо муқаррароти моддаи 137-и Кодекси мадании ҶТ, ашёи ғайриманқул қитъаи замин, ….. ва молу мулки дигар, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки ҷойивазкуниашон бе расондани хисороти воқеии номутаносиб ба таъиноташон имконнопазир аст[1], фаҳмида мешавад. Қонунгузор рӯйхати объектҳои ашёи ғайриманқул, аз ҷумла бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонашон нотамомро низ пешниҳод мекунад. Равшан аст, ки биноҳо ва иншоотҳо, аз ҷумла иншоотҳои гидротехникӣ ба хоҷагии об алоқаманд буда метавонанд. Ба ғайр аз ашёе, ки аз рӯи хосиятҳои хоси худ ба сифати ашёи ғайриманқул тасниф карда мешавад, киштиҳои нақлиёти обӣ, объектҳои кайҳонӣ ҳам ба ашёи ғайриманқул баробар карда шудаанд. Савол ба миён меояд, ки оё унсурҳои ашёи ғайриманқул ба объектҳои оби рӯизаминӣ дохил мешаванд? Ба ин савол бо тафсири доктриналии қонунгузорӣ ҷавоб додан мумкин аст. Тибқи муқаррароти Кодекси оби амалкунанда, обҳои рӯизаминӣ ва заминҳои дар онҳо фаро гирифташуда объектҳои оби рӯизаминиро ташкил медиҳанд. Моҳияти объектҳои оби рӯизаминӣ ҳамчун комплексҳои табиӣ дар робитаи мустаҳками об ва замин ифода меёбад. Албатта, обравҳо ва ҳавзобаҳо ашёи ғайриманқуланд. Худи обҳои рӯизаминӣ дар дохили ҳавзҳо ва каналҳо ҷойгиранд. Обҳои рӯизаминӣ бо тамоми хосиятҳои «моеъи» худ бо замин алоқаи зич доранд. Ин робитаи экосистема чунон мустаҳкам аст, ки бидуни он ягон объекти об - объекти ҳуқуқи моликият ва истифодабарӣ вуҷуд надорад. Агар обравҳо ва ҳавзобаҳо аз об маҳрум бошад, онгоҳ мавҷудияти худи объекти об қатъ мегардад. Аз ин рӯ, янчанд асос вуҷуд дорад, ки объектҳои оби сунъӣ ва табиии рӯизаминиро ҳамчун ашёи ғайриманқул баҳо медиҳанд. Бо гуфтани ин, мо категорияи ҳуқуқии ашёи ғайриманқулро мустақиман ба хосиятҳои физикии об вобаста намекунем. Бояд иброз намуд, ки киштиҳои нақлиёти обӣ моҳиятан дар ҳаракатанд, аммо онҳо ҳамчун ашёи ғайриманқул тасниф карда мешаванд.

Ба сифати ашёи ғайриманқул эътироф намудани объектҳои об муомилоти озоди онҳоро дар назар надорад. Гузашта аз ин, худи ибораи «ғайриманқул» зиёд кардани назорати давлатиро аз болои муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба ин объектҳо, аз ҷумла бақайдгирии давлатии чунин ашё ва ҳуқуқ ба онро тақозо мекунад. Ин ашёи ғайриманқул, ба монанди сарватҳои зеризаминӣ моликияти давлатии ҷудонашаванда (ғайритиҷоратӣ) эътироф карда мешавад. Объектҳои обе, ки ба давлат тааллуқ доранд низ моликияти давлатии ғайритиҷоратӣ мебошанд.

Ҳангоми эътирофи объекти оби рӯизаминӣ ба сифати ашё, мо бояд алоқамандии онҳоро бо қитъаи замин ба назар гирем.

---

[1] Ниг.: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022, № 1918.

Хусусияти дигари иловагии объекти об дастрасии оммавии он мебошад. Қонунгузории дохилӣ дастрасии умумии объектҳои обро, ба истиснои ҳолатҳои қатъиян муқарраршуда, вобаста ба характери истифодабарии объектҳои об то андозае эътироф менамояд. Дар моддаи 41 КО ҶТ намудҳои истифодаи об муқаррар шудааст, ки яке аз ин намудҳо истифодаи умумии об мебошад. Моҳияти он ифода мекунад, ки ҳар як нафар метавонад аз объектҳои об истифода намояд. Дуруст қайд мекунад …, ки ҳар як шаҳрванд мумкин аст онҳоро (объектҳои оби истифода умум дар назар дошта мешавад-таҳрири мо) барои эҳтиёҷоти шахсӣ ва маишӣ истифода барад, агар ин бо қонун манъ нашуда бошад[1]. Метавон гуфт, ки агар объектҳои об (ё як қисми онҳо) аз ҷониби мақомоти ваколатдор барои истифодаи махсус ҷудо нашуда бошад, пас бо усули истисно ин истифодаи умумӣ мебошад.

Аҳамияти мониторинг ва баҳисобгирии объектҳои об барои комплекси хоҷагии об асоси фаъолияти хоҷагии об буда, объектҳои об мавриди мониторинг ва баҳисобгирии давлатӣ қарор доранд. Мониторинги объектҳои об низоми мушоҳида, баҳодиҳӣ ва пешгӯии тағйири ҳолати объектҳои об, мебошад. Яке аз самтҳои мониторинг мушоҳидаи системаҳои хоҷагии об, аз ҷумла иншоотҳои гидротехникӣ, инчунин ҳаҷми об ҳангоми истеъмоли об мебошад.

Мо итминон дорем, ки меъёрҳои муайян кардани объектҳои об муҳокимаи ошкоро ва тасдиқи мақомоти дахлдорро талаб мекунанд. Бешубҳа, ҳангоми тартиб додани ин меъёрҳо маълумоти мукаммалро дар бораи хусусиятҳои минтақавии ҳавзобаҳо, обравҳо ва системаҳои онҳо аз ҷиҳати илмӣ ба назар гирифтан лозим аст. Ба андешаи Д.О. Сиваков дар асоси таҳлили таҷрибаи ватанию хориҷии танзими ҳуқуқӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки принсипҳо ва усулҳои ҳавзавии идоракунии об дар шаклҳои гуногун ифода ёфтаанд: дар созишномаҳои ҳавзавӣ, шуроҳои ҳавзавӣ, дар таҳияи нақшаҳои истифодаи комплексии об, ки иҷрои онҳо ҳатмист[2].

Дар КО амалкунандаи ҶТ усулҳои ҳавзавӣ ба раванди идоракунии об пешбинӣ мешаванд: минтақаҳои ҳавзавӣ (моддаи 22), шуроҳои ҳавзавии дарёҳо (моддаи 24), банақшагирии истифодаи захираҳои об (моддаи 30) ва м.и. Вобаста ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки бо мақсади ҳифзи объектҳои об ва истифодаи мақсадноки онҳо Нақшаҳои мақсаднок таҳия карда шаванд. Ин нақшаҳо бо мақсади муайян кардани сарбории объектҳои об ва талабот ба захираҳои об дар оянда таҳия карда мешаванд. Ҳадафи дигар аз ин нақшаҳо муайян кардани самтҳои асосии фаъолият барои пешгирии таъсири манфии об мебошад. Нақшаҳои истифодаи комплексӣ ва ҳифзи объектҳои об чу-

---

[1] Ниг.: Экологическое право: учеб. // под ред., доктора юридических наук, профессора, заслуженного деятеля науки РФ Боголюбова С.А. – М.: Проспект, 2009. –С.209.
[2] Ниг.: Сиваков Д.О. Водное право России и зарубежных государств.- М., 2010. - С. 268-271.

нин ҳолатҳоро дар бар мегиранд.

Якум, нишондиҳандаҳои мақсадноки сифати об дар объектҳои об дар давраи татбиқи ин нақшаҳо.

Дуюм, номгӯи тадбирҳои хоҷагии об ва тадбирҳои ҳифзи объектҳои об.

Мувофиқи хабарҳои матбуот дарёҳо, кулҳо, ботлоқҳо, пиряххо ва барфтудаҳо дар маҷмуъ бештари объектҳои оби дар ҳудуди Тоҷикистон мавҷуд буда, хело ва хело кам истифода мешаванд. ҶТ танҳо 17-20 фоизи захираҳои оби дар ҳудудаш мавҷудбударо истифода мебарад[1].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба нафъи афзалтар доштани объектҳои об, аз ҷумла захираҳои обӣ ба маврид таъкид менамоянд, ки «захираҳои об на танҳо неъмати беҳамто, балки меҳвари асосии рушди устувор мебошанд ва ин амр фаъолияти дастҷамъона ва муносибати ҷиддиро ба истифода ва ҳифзи ин захираҳо ба хотири наслҳои оянда тақозо дорад»[2].

Дар хулоса ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки муомилоти объектҳои об метавонад арзиши иқтисодӣ дошта бошад. Дар минтақаҳо ва ҳудудҳои гуногун мафҳуми «объекти об»-ро ба таври гуногун шарҳ додан лозим аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар сатҳи қонунгузории об масъалаҳои муомилоти объектҳои об, объектҳои оби муомилотпазир, таърифи намудҳои алоҳидаи объектҳои оби рӯизаминӣ ва зеризаминӣ васеътар муқаррар карда шаванд. Бояд тазаккур дод, ки зери мафҳуми фонди об маҷмуи объектҳои об ва захираҳои оби дар онҳо мавҷудбуда, инчунин заминҳое, ки объектҳои об дар онҳо воқеъ гардидаанд, фаҳмида мешавад. Мафҳуми фонди об аз мафҳуми объекти об васеъ буда, объекти об аз дохили фонди об бармеояд.

**Адабиёт:**

1. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1688. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020, №1688.

2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022, № 1918.

[1] https://www.mewr.tj/?page_id=576&lang=tj (санаи мурочиат: 21.07.2023).

[2] Ниг.: Суханронӣ дар чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" санаи 22.03.2018 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико / http://www.president.tj/node/17336 (санаи мурочиат: 22.07.2023).

3. Бринчук М.М. Экологическое право: объекты экологических отношений.- М., 2011.

4. Колбасов О.С. Теоретические основы права пользования водами в СССР.- М., 1972.

5. Колбасов О.С. О новом Водном кодексе Российской Федерации // Законодательство и экономика. -1997. - № 1-2.- С. 3 – 19.

6. Крассов О.И. Природные ресурсы России. Комментарий законодательства.- М., 2003.

7. Саидов Х.М. Вода как объект гражданских прав // Государство и право. - Душанбе, 2012. - № 3. – С. 81- 86.

8. Сиваков Д.О. Водное право России и зарубежных государств.- М., 2010.

9. Сиваков Д.О. Водный объект и водный фонд как правовые понятия / Lex russica (Русский закон). 2016. - №6 (115). –С. 91-102.

10. Экологическое право: учеб. // под ред., доктора юридических наук, профессора, заслуженного деятеля науки РФ Боголюбова С.А. – М.: Проспект, 2009. –400с.

**Саидов Ҳ. М.**

**Фишурда**

**Танзими «объекти об» ва «фонди об»: баъзе масъалаҳои ҳуқуқӣ**

Дар мақолаи мазкур муаллиф мафҳумҳои асосии ҳуқуқи об - объектҳои об ва фонди обро таҳлил намудааст. Муаллиф алоқамандии ин истилоҳотро бо ашёи ғайриманқул мавриди баррасӣ қарор додаст. Намудҳои алоҳидаи объектҳои об муайян гардида, хусусиятҳои онҳо таҳқиқ шудаанд. Мафҳуми фонди об низ муайян шудааст. Муаллиф дар таҳияи мақола муқаррароти Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2000 ва 2020 истифода намудааст.

**Саидов Х. М.**

**Аннотация**

**Регулирование «водных объектов» и «водного фонда»: некоторые правовые вопросы**

В данной статье автор проанализировал основные понятия водного права - водные объекты и водный фонд. Автор обсудил связь этих терминов с недвижимыми вещами. Выделены отдельные типы водные объекты и изучены их характеристики. Также определено понятие водного фонда. При подготовке статьи автор использовал положения Водного кодекса Республики Таджикистан 2000 и 2020 годов.

**Saidov H. M.**

**The summary**

**Regulation of "water bodies" and "water fund": some legal issues**

In this article, the author analyzed the basic concepts of water law - water bodies and water fund. The author discussed the connection of these terms with immovable things. Individual types of water bodies have been identified and their characteristics have been studied. The concept of water fund is also defined. In preparing the article, the author used the provisions of the Water Code of the Republic of Tajikistan for 2000 and 2020.

**Муқарризи мақола Қурбонов Қ. Б. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.**

**ВБД: 347. 4 (575. 3)**

**Муминзода О.С*., Саидов Ш.У*.**

# ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ СУҒУРТАШАВАНДА ҲАМЧУН ТАРАФИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИ МАДАНИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

**Калидвожаҳо:** суғурта, воситаи нақлиёт, садамаи нақлиётӣ, ҷавобгари ҳуқуқи маданӣ, суғурташаванда, суғуртакунанда, шартномаи суғуртаи ҳатмӣ, ҳуқуқу уҳдадорӣ, ҷуброни зарар, пардохти суғуртавӣ, қонунгузории маданӣ, фаъолияти суғуртавӣ, тавакали суғуртавӣ.

**Ключевые слова:** страхование, транспортное средство, транспортное происшествие, гражданско-правовая ответственность, страховщик, страхователь, договор обязательного страхования, права и обязанности, возмещение вреда, страховая выплата, гражданское законодательство, страховая деятельность, страховой риск.

**Keywords:** insurance, means of transport, transport accident, responsible for civil law, insurer, insurer, mandatory insurance contract, rights and obligations, compensation for damage, insurance payment, civil legislation, insurance activity, insurance risk.

---

* Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

* Мудири кабинети таълимии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Суғуртаи ҳатмии масъулияти мадании соҳибони воситаи нақлиёт яке аз намудҳои паҳншудаи суғурта дар соҳаи нақлиётӣ ба ҳисоб рафта, бо мақсади ҳимоя намудани манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолати пайдо шудани оқибатҳои номусоид, барои ҷамъият аҳамияти зиёд дорад[1].

Муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибатҳои шартномавӣ дорои унсурҳои субъект, объект ва мазмун мебошанд. Мазмуни муносибатҳои шартномавиро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо ташкил медиҳад. Мазмуни шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ дар адабиёти илмӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад:

а) ба маънои маҳдуд, ки тибқи он мазмуни шартномаро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои он ташкил медиҳанд;

б) ба маънои васеъ, тибқи ин равиш мазмуни шартномаҳои ҳуқуқи маданиро шартҳои шартнома, ки тарафҳо вобаста ба онҳо ба созиш омадаанд, ташкил медиҳанд. Мазмуни шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилиро шартҳои ин шартнома ташкил медиҳад, ки тарафҳо вобаста ба онҳо ба созиш омадаанд. Шартҳои шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ фарогири ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои он мебошад. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар қонунгузорӣ пешбинӣ карда шудааст. Ҳамзамон, тарафҳо имконият доранд, ки шартҳои дар қонун пешбининашударо ба шартнома ворид намоянд, агар онҳо мухолифи асосҳои умумии моҳияти қонунгузории маданӣ набошанд.

Аз мафҳуми шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ бармеояд, ки суғурташаванда ва суғурткунанда дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобила мебошанд. Аз ин рӯ, шартномаи мазкур шартномаи дутарафа (синалагматикӣ) буда, тарафҳо нисбат ба якдигар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян доранд.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои суғурташаванда ва суғурткунанда мутобиқан дар м.м. 9 ва 10 Қонуни ҶТ «Дар бори суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт»[2] пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон, дар Қонуни мазкур ҳуқуқҳои ҷабрдида (яъне шахси сеюм) низ дар м. 11 муқаррар карда шудааст.

---

[1]Ниг.: Муминзода, О.С. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ дар бораи суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёт дар кишварҳои ИДМ [Матн] / О.С. Муминзода // Паёми ДМТ. – 2018. – №2(16). – С. 213-219.

[2]Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» аз 7 августи с. 2020, №1719 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 29.01.2024).

Мувофиқи қ. 1, м. 9 ҳамин Қонун суғурташаванда дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ ташкилоти суғуртавиро интихоб намояд. Суғурташаванда дар интихоби суғуртакунанда озод аст. Суғурташаванда метавонад бо дилхоҳ ташкилоти суғуртавӣ, ки имконияти бастани чунин намуди суғуртаро дорад, шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ бандад. Суғурташавандаро барои бастани шартномаи суғурта бо ташкилоти суғуртавии муайян маҷбур кардан мумкин нест. Тибқи сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон 20 ташкилоти суғуртавӣ иштирокчии бозори суғуртавии ҶТ мебошанд. Дар байни 20 ташкилоти суғуртавӣ танҳо 3 ташкилоти суғуртавӣ ҳуқуқи бастани суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилиро доро мебошанд[1]. Аз ин лиҳоз, соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ метавонанд интихоб намоянд, ки бо кадом ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ мебанданд;

- аз суғуртакунанда маълумот оид ба мавҷудияти иттилоот дар махзани маълумот доир ба шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқи соҳибони воситаи нақлиёти автомобилиро талаб намояд. Тибқи ин муқаррарот суғурташаванда баъди бастани шартнома имконият дорад, ки оид ба бастани шартномаи суғуртаи ҳатмӣ бо ташкилоти суғуртавӣ додани маълумоти дахлдорро талаб намояд;

- аз суғуртакунанда пурра фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои худро талаб намояд. Дар баробари ин, суғурташаванда ҳуқуқ дорад, талаб намояд, ки мазмуни ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дар шартнома пешбинишуда аз тарафи суғуртакунанда шарҳ дода шавад;

- ҳангоми гум шудани полиси суғуртавӣ нусхаи онро аз суғуртакунанда гирад. Ҳангоми баста шудани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ суғуртакунанда баъди аз тарафи суғурташаванда пардохт. Полиси суғуртавӣ ҳамчун асоси бастани шартномаи суғурта баромад менамояд ва дар сурати гум кардан он бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ аз сари нав дода мешавад. Тибқи қ. 10, м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» дар ҳолати гум кардани полиси суғуртавӣ суғуртакунанда уҳдадор аст дар асоси аризаи хаттии суғурташаванда ба ӯ нусхаи полиси суғуртавиро диҳад. Пас аз додани нусхаи полиси суғуртавӣ, полиси суғуртавии гумшуда беэътибор дониста мукофоти суғуртавии муқарраргардида, ба суғурташаванда полиси суғуртавӣ медиҳад, ки

[1]Ниг.: Манбаи дастрасӣ : https://nbt.tj/tj/sugurta/insurance_companies.php (санаи муроҷиат: 2.02.2024).

ҳуҷҷати тасдиққунандаи амалишавии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ буда, аз рӯи он пардохти суғуртавӣ амалӣ карда намешавад.

Ҳуқуқи мазкур дар б. 3.9 Қоидаҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилии ташкилоти КВД «Тоҷиксуғурта» муқаррар гардидааст. Дар ҳолати гум шудани полиси суғуртавӣ ба соҳиби воситаи нақлиёт нусха (дубликати) полис дода мешавад. Дар ин ҳолат, аз суғурташаванда маблағи пули барои тайёр намудани варақаи полис харҷшуда, 2 фоиз аз маблағи ҳаққи суғуртавӣ ситонида мешавад[1]. Инчунин, дар б. 7.4 Қоидаи суғуртаи ҷавобгари соҳибони воситаи нақлиёти ташкилоти суғуртавии «Суғуртаи аввалини миллӣ» муқаррар гардидааст. Тибқи талаботи Қоидаи ташкилоти мазкур дар ҳолати гум кардани полиси суғуртавӣ ба соҳиби воситаи нақлиёт нусхаи полис дода мешавад. Дар ин ҳолат, суғуртакунанда метавонад маблағи барои тайёр намудани полиси суғуртавиро аз суғурташаванда талаб намояд[2].

Талаботи ташкилоти «Суғуртаи аввалини миллӣ» ба ташкилоти суғуртавии «Тоҷиксуғурта» монанди дорад, вале дар қоидаҳои суғуртавии «Тоҷиксуғурта» дақиқ маблағ барои тайёр намудани нусхаи полиси суғуртавӣ муқаррар гардидааст. Аз ин лиҳоз, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои суғурташавандагони суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ пешниҳод менамоем, ки дар қоидаҳои суғуртавии «Суғуртаи аввалини миллӣ» маблағ барои тайёр намудани полиси суғуртавӣ муқаррар карда шавад, зеро ҳолатҳое ба вуҷуд омаданаш мумкин аст, ки арзиши нусхаи полиси суғуртавӣ гуногун ба соҳибони воситаи нақлиёт пешниҳод шавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи талаботи қ. 11, м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқи соҳибони воситаи нақлиёт» хароҷоти суғуртакунанда барои пешбурди корҳо ҳангоми такроран пур кардани нусхаи полиси суғуртавӣ аз тарафи суғурташаванда ба андозаи панҷ фоизи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо пардохт карда мешавад. Аз муқаррароти мазкур бармеояд, ки ҳаҷми ин маблағ барои тамоми ташкилотҳои суғуртавӣ панҷ фоизаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо мебошад. Дар ин замина ташкилотҳои суғуртавие, ки ин намуди суғуртаро анҷом медиҳанд, уҳдадоранд, ки

---

[1]Ниг.: Дастурамали КВД Тоҷиксуғурта «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия».Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 5.02.2024)

[2]Ниг.: Қоидаи ташкилоти суғуртавии «Суғуртаи аввалини миллӣ, «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». // Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 13.12.2020)

ҳуҷҷатҳои танзимкунадаи фаъолияти худро ба талаботи мазкур мутобиқ намоянд;

- аз хизматрасонии мақоми (ташкилоти) дахлдор оид ба арзёбии андозаи зарари ба молу мулки ҷабрдида расондашуда истифода барад. Ин ҳуқуқ ба ҷабрдида имконият медиҳад, ки ҳангом рӯх додани ҳодисаи роҳу нақлиёт ҷиҳати муайян кардани арзиши зарари расонидашуда ба молу мулки ҷабрдида аз хизматрасонии ташкилотҳое, ки фаъолияти нархгузориро ба амал мебароранд, истифода намояд. Ин ҳуқуқи суғурташаванда наметавонад тавассути шартнома ё аз тарафи ташкилоти суғуртавӣ маҳдуд карда шавад. Ин меъёр бо мақсади муайян кардани арзишҳои воқеии зарари ба ҷабрдида расонидашуда аз тарафи ташкилотҳои касбӣ дар қонунгузорӣ муқаррар гардидааст;

- бо натиҷаҳои арзёбии андозаи зарари расондашуда, ки аз тарафи мақоми (ташкилоти) дахлдор гузаронида шудааст ва ҳисоби андозаи пардохти суғуртавӣ, ки аз тарафи суғурткунанда амалӣ карда шудааст, шинос шавад. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад, ки ба натиҷаи муайян кардани арзиши зарари дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт расонидашуда шинос шавад ва дуруст ва воқеӣ будани онҳоро таҳлил намояд;

- шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилиро мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур пеш аз муҳлат бекор намояд. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ва шартнома ин намуди шартномаро пеш аз муҳлат бекор намояд. Ҳуқуқи мазкур мазмуни васеъ дошта, ба доираи он якчанд ҳолатҳо дохил мешавад. Ба сифати яке аз чунин ҳолат қатъ гардидани фаъолияти суғурткунанда дохил мегардад. Ҳуқуқи мазкур бевосита дар қ. 3, м. 1071 КМ[1] ҶТ ва қ. 3, м. 28 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» пешбинӣ шудааст. Тибқи он, агар фаъолияти суғурткунанда катъ гардад ва ба суғурташаванда пешниҳоди ивазкунии ташкилоти суғуртавӣ рад карда шавад, ба қатъшавии пеш аз муҳлати шартномаи суғуртавӣ ва ба суғурташаванда баргардонидани қисми мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) мутаносибан ба фарқи байни муҳлати шартномаи суғурта басташуда ва муҳлате, ки дар давоми он шартномаи мазкур амал кардааст ё ба пардохти маблағи харидашаванда аз рӯи шартномаи суғуртаи ҳаёт, анҷом меёбад.

Ҳолати дигар, ки ба суғурташаванда хуқуқ барои қатъ гардидани пеш аз муҳлати шартномаро медиҳад, ин несту нобуд шудан ё фурӯши воситаи нақлиёти суғурташуда мебошад. Албатта, дар ҳолати фурӯши воситаи нақлиёт суғурташаванда ҳуқуқ дорад, ки ба полиси қабли воситаи нақлиёти дигарро, ки барои истифода мегирад, суғуртаи худро идома диҳад. Барои чунин амал бояд дубора воситаи нақлиётро ба суғурткунанда пешниҳод намуда, ба қайд гирад, инчунин, дар ҳолати

---

[1]Ниг.: Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2024).

мукофоти суғуртавӣ ба воситаи нақлиёти пешниҳодгардида, кифоягӣ нанамояд, иловатан маблағ пардохт кунад;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ дар ҳолати розӣ набудан бо қарори суғуртакунанда оид ба рад намудани амалисозии пардохти суғуртавӣ ва ё кам кардани андозаи он ба мақоми назорати суғуртавӣ ё суд муроҷиат намояд. Ин ҳуқуқ аз ҳуқуқи ҳар як инсон ба ҳимояи судӣ бармеояд. Конститутсияи ҶТ (м. 19) ва қонунгузории соҳавӣ ҳуқуқи ҳар як шахсро ба ҳифзи судӣ кафолат додааст. Суғурташаванда низ дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ ҳуқуқ дорад, ки аз ҳимояи судӣ истифода намояд. Аз ҷумла, тибқи ин ҳуқуқ суғурташаванда имконият дорад, ки дар ҳолат рад кардани амалисозии пардохти суғуртавӣ ё кам кардани андозаи он аз тарафи суғуртакунанда ба мақомоти назорати суғуртавӣ, яъне Бонки милии Тоҷикистон ва ё мақомоти суд муроҷиат намояд;

– ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз суғуртакунанда пардохти суғуртавиро дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур талаб намояд. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад, ки дар мавриди ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ ба ташкилоти суғуртавӣ муроҷиат карда, аз он анҷом додани пардохти суғуртавиро тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ ва дар мӯҳлатҳои дахлдор амалӣ намудани онро талаб намояд.

Мутобиқи қ. 2, м. 10 Қонуни ҶТ «Дар бори суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» суғурташаванда уҳдадориҳои зеринро дорад:

– мукофоти суғуртавиро мувофиқи Қонуни мазкур ва шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ пардохт намояд. Уҳдадории мазкур бевосита дар қ. 1, м. 1066 КМ ҶТ, м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», б. 5.1. Қоидаи ташкилоти суғуртавии «Суғуртаи аввалини миллӣ» ва б. 2 Дастурамали КВД Тоҷиксуғурта «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии ҷавобгарии шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ» муқаррар карда шудааст. Пардохти мукофоти суғуртавӣ уҳдадории асосии суғурташаванда ба ҳисоб меравад. Маҳз пардохти мукофоти суғуртавӣ суғурташавандаро аз ҷавобгарии маданӣ барои расонидани зарар ҳангоми ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ озод менамояд. Пардохти мукофоти суғуртавӣ шарти ҳатмии шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ба ҳисоб рафта, дар сурати пардохт накардани он шартнома басташуда эътироф карда намешавад;

– дар бораи рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт ба суғуртакунандае, ки бо ӯ суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилиро бастааст, хабар расонад. Агар суғурташаванда бо сабабҳои узрнок имконияти иҷро намудани чунин амалро надошта бошад, бояд ҳуҷҷати тасдиққунандаи бозрасии давлатии автомобилиро пешниҳод намояд. Уҳдадории хабар расонидан ба суғуртакунанда оид ба

рӯх додани ҳодисаи суғуртавӣ бар души суғуртакунанда вогузор карда шудааст. Ин уҳдадории худро суғурташаванда метавонад шахсан ё тавассути дигар намояндаи худ иҷро намояд. Чунки дар бештари мавридҳо дар мухлатҳои муайян худи суғурташаванда имконияти ба таври бевосита огоҳ намудани суғуртакунандаро надорад. Бо ҳамин сабаб, дигар шахсон ё хешовандони наздики суғурташаванда низ метавонанд дар ҳолати ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бозрасии давлатии автомобилӣ суғуртакунандаро огоҳ намоянд;

– ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт ба ҷабрдидагон ва кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ дар бораи суғуртакунандае, ки бо ӯ шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилиро бастааст, хабар диҳад. Суғурташаванда уҳдадор аст, ки дар мавриди ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ ҷабрдидагон ва кормандони мақоми ваколатдорро оид ба бастани шартномаи суғурта огоҳ намояд. Суғурташаванда уҳдадор аст, ки дар натиҷаи ба вуҷуд омадани садамаи нақлиётӣ ба мақомотҳои ваколатдор (бозрасии давлати автомобилӣ, зидисӯхтор ва ёрии таъҷилӣ) хабар диҳад, суғурташаванда бояд маълумоти дахлдорро оид ба ташкилоти суғуртавӣ ба ин субъектон бояд пешниҳод намояд;

– ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт оид ба пешгирӣ ё кам кардани зарари имконпазир, аз ҷумла наҷот додани молу мулк ва расонидани ёрӣ ба шахсони ҷабрдида тадбирҳо андешад. Андешидани чораҳо оид ба пешгирӣ ё кам кардани зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки ҷабрдида расонидашуда, бояд чораҳои зарурировамалӣ намояд, ин масъулияти умумишаҳрвандии он ба ҳисоб меравад. Андешидани ин чораҳо ба кам ё зиёд гардидани пардохти суғуртавӣ таъсири бевосита нарасонида, ҳангоми ба ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ кашидани суғурташаванда, ба инобат гирифта мешавад. Ҳамзамон, андешидани чораҳои пешгирикунанда мумкин аст, барои ба миён омадани зарари калон монеа гардад. Масалан, сари вақт ба муассисаҳои тиббӣ расонидани ҷабрдида мумкин аст, ки онро аз марг наҷот диҳад ва ғайра. Чунин уҳдадорӣ бевосита дар қ. 1, м. 1075 КМ ҶТ, б. 8.2 Қоидаи ташкилоти суғуртавии «Суғуртаи аввалини миллӣ» ва банди 3.12. Дастурамали КВД Тоҷиксуғурта «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии ҷавобгарии шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ» ишора шудааст;

– ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт тибқи Қонуни мазкур ва шартномаи басташуда ба шахсони дахлдор оид ба ҳодисаи роҳу нақлиёти рухдода хабар диҳад;

– ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт мутобиқи талаботи қонунгузории ҶТ аз муоинаи тиббӣ ҷиҳати муайян кардани ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машрубот, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда гузарад. Меъёри мазкур ба он мақсад муқаррар гардидааст, ки чунин ҳолатҳо нисбат ба

шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ муҳим мебошанд. Махсусан, ин ҳолатҳо барои суғуртакунанда дорои аҳамияти ҳуқуқӣ мебошанд. Ҷавобгарии мадании суғурташаванда ҳангоми идоракунии воситаи нақлиёт дар ҳолати мастӣ, бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда рух дода бошад, дар ин ҳолат суғуртакунандае, ки пардохти суғуртавиро ба ҷабрдида амалӣ намудааст ҳуқуқи талаби мутақобиларо (регрессро) ба андозаи маблағи пардохтгардида нисбат ба шахсе, ки зарар расондааст, дорад.

Қонунгузории мадании ҶТ ба ҳамаи субъектони ҳуқуқи маданӣ имконият медиҳад, ки ба шартнома дилхоҳ шарти дар қонун пешбинишуда, инчунин шартҳои дар қонун пешбининагардидаро низ ворид намоянд. Шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ низ аз ин қоида истисно намебошад. Дар асоси қ. 3, м. 9 Қонуни ҶТ «Дар бори суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, инчунин метавонад ҳуқуқу ухдадориҳои дигари суғурташаванда, ки ба қонунгузории ҶТ мухолиф нестанд, пешбинӣ гарданд.

**Адабиёт:**


1. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2024).
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» аз 7 августи с. 2020, №1719 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 29.01.2024).
3. Дастурамали КВД Тоҷиксуғурта «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия».Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 5.02.2024)
4. Қоидаи ташкилоти суғуртавии «Суғуртаи аввалини миллӣ, «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». // Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.02.2024)
5. Муминзода, О.С. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ дар бораи суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёт дар

кишварҳои ИДМ [Матн] / О.С. Муминзода // Паёми ДМТ. – 2018. – №2(16). – С. 213-219.

**Муминзода О.С.,**
**Саидов Ш.У.**

**Фишурда**
**Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои суғурташаванда ҳамчун тарафи шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ**

Дар мақолаи мазкур ҳуқуқу уҳдадориҳои суғурташаванда, ки яке аз тарафҳои шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллифон қайд намудаанд, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои суғурташаванда, ки яке аз тарафҳои шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ мебошад, бояд мавриди таҳлил қарордода, асосҳо ва намудҳои он муайян карда шавад. Муаллифон дар мавриди таҳлил аз санадҳои меъёри ҳуқуқӣ аз қабили Кодекси маданӣ, Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» ва таҷрибаи ташкилотҳои суғуртавиро истифода бурдаанд.

**Муминзода О.С.,**
**Саидов Ш.У.**

**Аннотация**
**Права и обязанности застрахованных как стороны договора обязательного страхования гражданской ответственности владельцев автотранспортных средств**

В данной статье анализируются права и обязанности страхователя, который является одной из сторон договора обязательного страхования ответственности гражданских прав владельцев транспортных средств. Авторы отметили, что следует проанализировать права и обязанности страхователя, являющегося одной из сторон договора обязательного страхования ответственности гражданских прав владельцев транспортных средств, определить его основания и виды. В анализе авторы использовали такие правовые нормы, как Гражданский кодекс, Закон Республики Таджикистан «Об обязательном страховании гражданско-правовой ответственности владельцев транспортных средств» и опыт страховых организаций.

**Muminzoda O.S.,**
**Saidov Sh.U.**

**The summary**
**Rights and obligations of the insured as parties to the compulsory civil liability insurance agreement for motor vehicle owners**

This article analyzes the rights and obligations of the policyholder, who is one of the parties to the compulsory insurance contract for the civil rights of vehicle owners. The author noted that it is necessary to analyze the rights and obligations of the insured, who is one of the parties to the compulsory insurance contract for the civil rights of vehicle owners, to determine its grounds and types. In the analysis, the author used such legal norms as the Civil Code, the Law of the Republic of Tajikistan “On compulsory insurance of civil liability of vehicle owners” and the experience of insurance organizations.

**Муқарриз Соҳибзода М. М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.**

**ВБД: 347. 4 (575. 3)** **Шерзода Б.С.***

# ҲУҚУҚИ ҲАМСОЯГӢ ҲАМЧУН ҲАДДИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚҲОИ АШЁӢ БА МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқҳои маданӣ, амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ, ҳадди амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ, ҳадди амалисозии ҳуқуқҳои аёшӣ, ҳуқуқи ҳамсоягӣ, ашё, молу мулки ғайриманқул, ҳуқуқи ашёӣ ба молу мулки ғайриманқул, сервитут, маҳдудиятҳои ҳуқуқи моликият, муносибатҳои ҳамсоягӣ, принсипи амалисозии бемонеаи ҳуқуқҳои маданӣ, ҳуқуқи ашёӣ, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи субъективӣ, қитъаи замин.

**Ключевые слова:** гражданские права, реализация гражданских прав, предел реализации гражданских прав, предел реализации гражданских прав, право соседства, вещь, недвижимое имущество, вещное право на недвижимое имущество, сервитут, ограничения права собственности, соседские отношения, принцип беспрепятственной реализа-

* Ассистенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Тел.: (+992) 939041363; E-mail: sherzoda.b.1999@gmail.com

ции гражданских прав, вещные права, права собственности, субъективные права, земельный участок.

**Keywords:** civil rights, implementation of civil rights, limit of implementation of civil rights, limit of implementation of civil rights, right of neighborhood, thing, real estate, property right to real estate, easement, restrictions on property rights, neighborhood relations, the principle of unimpeded implementation of cultural rights, property rights, property rights, subjective rights, land plot.

Ҳуқуқҳои маданӣ яке аз ҳуқуқҳои муҳимми бунёдии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта, барои субъект имконияти васеъ барои иштирок намудан дар муносибатҳои молумулкӣ, инчунин мавҷудияти табиӣ ва иҷтимоии шахсони воқеиро таъмин менамоянд. Дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ шахсони воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд ва шахсони ҳуқуқӣ аз лаҳзаи таъсисёбӣ ҳуқуқҳои маданиро ба даст оварда, онҳоро озодона амалӣ менамоянд. Маҳз озодона амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ яке аз ҷиҳатҳои бунёдии ҳуқуқи маданӣ маҳсуб ёфта, давомияти мухторияти хоҳишу иродаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад. Дар ҳуқуқи маданӣ принсипи амалисозии бемонеаи ҳуқуқҳои маданӣ амал менамояд, ки тибқи он шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маданиро бо ирода ва ба манфиати худ ба даст оварда, амалӣ менамоянд. Ҳамзамон шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои худ дар асоси шартнома ва муайян намудани шартҳои шартнома, ки хилофи қонунгузорӣ нестанд, озоданд. Ҷиҳати дигари принсипи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар истифодаи ҳуқуқҳои мадании ба онҳо тааллуқдошта озод мебошад. Масалан, шахс дорои ҳуқуқи моликият ба молу мулки муйян аст ва ин молу мулкро истифода наменамояд. Дар ин ҳолат, ягон субъект чунин шахсро барои истифода намудани молу мулк маҷбур карда наметавонад. Дар баробарии озодӣ дар амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ, қонунгузорӣ ҳадди амалисозии ҳуқуқҳои маданиро муқаррар менамояд. Муқаррар намудани чунин қоидаҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои маданӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар, ҷомеа ва давлат амалӣ карда мешавад. Ҳадди умумӣ ва махсуси амалисозии ҳуқуқҳои маданиро муайян кардан мумкин аст. Ҳадди умумии амалисзии ҳуқуқҳои маданӣ дар моддаи 9 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) аз 24 декабри соли 2022, №1918[1] пешбинӣ гардидааст. Нарасонидани зарар ба дигарон ва суиистифода накардани ҳуқуқ, вайрон накардани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии дигарон, нарасонидани

---

[1]Ниг.: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 // Садои мардум. – №1-9 (4584-4592). – Душанбе. – С. 9.

хисороти воқеӣ ба муҳити зист, маҳдуд накардани рақобат ва монанди инҳо ҳадди умумии амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ маҳсуб меёбанд. Ҳадди махсуси амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ чунин қоидаҳое мебошанд, дар қонунгузорӣ барои ҳуқуқҳои алоҳидаи маданӣ муқаррар гардидаанд. Масалан, дар моддаи 271 КМ ҶТ ҳадди амалисозии ҳуқуқҳои ашёӣ мустаҳкам шудааст. Тибқи муқаррароти моддаи мазкур ҳуқуқи ҳамсоягӣ ҳадди амалисозии ҳуқуқҳои ашёӣ ба молу мулки ғайриманқул аст.

Муносибатҳои ҳамсоягӣ яке аз намудҳои муносибатҳои паҳнгардида ба ҳисоб рафта, танзими ҳуқуқии онҳо таърихи қадима дорад. Пайдоиши моликияти хусусӣ боиси пайдоиши муносибатҳои ҳамсоягӣ, хосатан дар муносибат ба қитъаи замин гардид. Моликияти хусусӣ ба замин ба таври ҳатмӣ ба пайдоиши муносибат байни дорандаи қитъаҳои замин замина гузошт.

В.М. Хвостов қайд менамояд, ки молики хусусӣ наметавонад манфиатҳои дигар шахсонро ба инобат нагирад: «фаҳмиши эҳтиёҷоти шахси иҳотакунандаи молик ҳамеша ҳуқуқро водор менамояд, ки ба молик озодиро дар ҳудудҳои муайян диҳад»[1].
Бояд қайд намуд, ки дар дилхоҳ ҷомеа муносибатҳои ҳамсоягӣ вуҷуд доранд, зеро инсонҳо якҷоя зиндагӣ намуда, аз воситаҳои умумӣ, ба монанди роҳ, коммуникатсия, объектҳои обӣ, дарёҳо ва дигар истифода менамоянд. Дар замони муосир қитъаҳои замин дар шакле ҷудо карда мешаванд, ки онҳо ба якдигар таъсир мерасонанд, яъне якдигарро ҳад мегузоранд. Масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, №356[2] ҷудо намудани сарҳадҳои қитъаи заминро бо роҳи марзакашӣ муайян намудааст, ки тибқи моддаи 27 Қонуни мазкур «марзакашии заминҳо бо мақсади дар маҳал дақиқ муайян кардани мавқеи сарҳади қитъаҳои замин, ки дар маводи нақшавӣ ва харитавӣ инъикос ёфтааст, гузаронида мешавад».

Ҳанӯз дар ҳуқуқи хусусии римӣ ҳуқуқшиносон дарк намуда буданд, ки баҳсҳои ҳамсоягиро бидуни танзими ҳуқуқӣ ҳал намудан ғайриимкон аст, аз ин рӯ, барои танзими муносибатҳои ҳамсоягӣ як қатор меъёрҳои ҳуқуқиро таҳия намуданд. Дар ҳуқуқи хусусии римӣ чунин меъёрҳо оид ба масъалаи мазкур ҷой доштанд:

а) ҳамсоя бояд ба каме баромадани девори ҳамсоя таҳаммул намояд;

б) ба ҳамсоя додани иҷозат барои гузаштан, ҷамъ намудани маҳсулот, ки ба замини ҳамсоя афтидаанд;

---

[1]Ниг.: Хвостов В.М. Система римского права. Вещное право. Конспект лекций. – М.: Издание третье, 1908. – С. 8.

[2]Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, №356 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

в) ҳамсоя наметавонад ба дуд, бухори воридшуда ва дигар чизҳои хориҷшуда аз тарафи ҳамсоя эътироз намояд, агар онҳо аз миқдори муътадил зиёд набошанд ва истифодаи муътадили қитъаи замини ҳамсояро халалдор накунанд[1].Дар фаҳмиши давраи ҳуқуқи хусусии римӣ ҳуқуқи ҳамсоягӣ ҳамчун маҳдудияти ҳуқуқи моликият ба манфиати ҳамсоя эътироф шуда, ба сервитути қонунии дахлдор «вобаста ба он ки вай ба молик уҳдадории худдорӣ намудан аз амалҳои истифодабарӣ ё уҳдадории таҳаммул намудани рафтори истифодабарӣ аз тарафи шахсони сеюм» мансуб дониста мешуда ва ба мусбат (позитивӣ) ва манфӣ (негативӣ) тасниф мегардид[2].

Ба андешаи ҳуқуқшиноси римӣ Гай ҳуқуқ ба қитъаҳои шаҳр инҳо мебошад: аз баландии муайян бино сохта, рӯшноии ҳамсояро маҳкам кардан ё аз баландии муайян бино накардан, инчунин оби боронро ба бом ё ба ҳавлии ҳамсоя равон кардан ё нарезонидани он, инчунин барои такя кардани чӯб дар девори ҳамсоя ва ниҳоят, дароз кардани балкон ё бом ба қитъаи ҳамсоя ва дигар ҳолатҳои ба ин монанд[3]. Ба монанди ин қоидаҳо, дар сарчашмаҳои ҳуқуқи хусусии римӣ меъёрҳои зиёд дар хусуси эҳтироми ҳуқуқу манфиатҳои ҳамсоя, ба инобат гирифтани манфиатҳои он, худдорӣ намудан аз баъзе амалҳо ба манфиати ҳамсоя ва монанди инҳо вохӯрдан мумкин аст.

Дар Кодекси граждании ҶТ[4] масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи ашёӣ, аз ҷумла масъалаҳои ҳуқуқи моликият, ба даст овардан ва қатъ гардидани ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи моликияти умумӣ, ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ (ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ва идоракунии оперативӣ) ба таври пурра танзим гардида буд. Аммо дар Кодекси мазкур масъалаи мафҳум, хусусиятҳо, объектҳо, намудҳо ва амалисозии ҳуқуқҳои ашёӣ, яъне муқаррароти умумӣ оид ба ҳуқуқҳои ашёӣ вуҷуд надошт. Таърихан дар давраи шуравӣ низ масъалаҳои умумии ҳуқуқи ашёӣ мавриди танзим қарор нагирифта буд. Масалан, фасли 3 Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963[5] «ҳуқуқи моликият» ном дошта, дар Кодекси мазкур ягон муқаррароти умумӣ оид ба ҳуқуқи ашёӣ дар он ҷой надорад.

---

[1] Ниг.: Хвостов В.М. Система римского права. Вещное право. Конспект лекций. – М.: Издание третье, 1908. – С. 8-9.

[2] Ниг.: Дождев Д.В. Римское частное право: учеб. для вузов // под ред. B.C. Нерсесянца. – М.: ИНФРА-М, 2003. – С. 383.

[3] Ниг.: Дигесты Юстиниана / Перевод с латинского;// Отв. ред. Л.Л. Кофанов. Т. II. – 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2008. – С. 309.

[4]Ниг.: Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.10.2023).

[5]Ниг.: Гражданский кодекс Таджикской ССР. – Душанбе: «Ирфон», 1988. – С. 38.

Ш.М. Исмоилов қайд менамояд, ки «фасли 3 «Ҳуқуқи ашё» аз ҷиҳати сохторӣ ва мазмун ба таври ҷиддӣ аз нав дида баромада шуд. Аз рӯйи намунаи кодексҳои граждании классикии аврупоӣ фасли 3 «Ҳуқуқи ашё»-и КМ ҶТ бо бобҳои нав пурра карда шудааст, ки мафҳумҳои «соҳибӣ» ва «ҳуқуқи ашё»-ро ошкор намуда, инчунин тартиби татбиқи онҳо ва ҳимояи маданӣ-ҳуқуқии онҳоро танзим мекунанд (м. 255-278)»[1]. Кодекси маданӣ масъалаҳои муқаррароти умумӣ оид ба ҳуқуқи ашёиро дар боби 19 танзим намудааст, ки онҳо барои ҳуқуқи мадании мамлакат навгонӣ буда, ҷиҳати танзими муносибатҳои молумулкӣ ва умуман муомилоти маданӣ нақши муҳим доранд. Бо танзим гардидани муқаррароти умумии ҳуқуқи ашёӣ минбаъд фасли ҳуқуқи ашёӣ ва дигар меёърҳои КМ ҶТ, ки ба масъалаи ҳуқуқҳои ашёӣ алоқаманд мебошанд, бенизом ташаккул наёфта, дар заминаи ин ғояҳои бунёдӣ ва умумӣ рушд менамоянд.Ҳуқуқи ҳамсоягӣ ҳамчун ҳадди амалисозии ҳуқуқҳои ашёӣ ба молу мулки ғайриманқул дар Кодекси граждании ҶТ ба таври умумӣ танзим гардида буд. Аз ҷумла дар қисми 4 моддаи 232 Кодекси мазкур оварад шуда буд, ки “Аз ҷониби молик татбиқ намудани ҳуқуқҳояш набояд ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи дигар ашхосро вайрон кунад”.Масъалаи ҳуқуқи ҳамсоягӣ дар моддаи 271 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим гардидааст. Мувофиқи қисми 2 моддаи мазкур «шахсе, ки дар ҳамсоягӣ молу мулки ғайриманқулро соҳибӣ мекунад, ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳои ашёи ба он тааллуқдошта бояд маҳдудиятҳои бо қонунгузорӣ муқарраргардидаро ба манфиати ҳамсоя риоя намояд (ҳуқуқи ҳамсоягӣ), ҳамчунин ашёи ғайриманқули худро дар ҳолати муносиб нигоҳ дорад».

Паҳлуҳои зерини ҳуқуқи ҳамсоягиро ҷудо кардан мумкин аст:

а) риояи маҳдудиятҳои бо қонунгузорӣ муайяншуда ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳои ашёӣ. Ҳадди амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои ашёӣ дар моддаи 9 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, аз ҷумла дар асоси қисми якуми он ба амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ бо нияти расондани зарар ба шахси дигар, инчунин сӯиистифода аз ҳуқуқ дар шакли дигар роҳ дода намешавад. Амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ набояд ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи субъектҳои дигари ҳуқуқро вайрон намояд ва ба муҳити зист хисороти воқеӣ расонад;

б) молу мулки ғайриманқули худро дар ҳолати дахлдор нигоҳ доштан.

Таъмини ҳолати дахлдори молу мулки ғайриманқул барои кафолати таъмини ҳолати дахлдори молу мулки ғайриманқули ҳамсоя талаб карда мешавад. Риоя накардани ин уҳдадорӣ метавонад боиси расондани зарар ба молу мулки ғайриманқули ҳамсоя гардад. Масалан,

---

[1] Ниг.: Исмоилов Ш.М. Кодекси мадании ҶТ – заминаи танзими муносибатҳои нави хусусӣ // Қонунгузорӣ. – 2023. – №2 (50). – С. 62.

вайрон шудани қубурҳои обгузар, риоя накардани қоидаҳои зидди сӯхтор ва монанди инҳо беистисно дар манзили дар бинои бисёрхонагӣ ҷойгиршуда боиси расондани зарар ба молу мулки ҳамсоягон шуда метавонад.

